**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

*Бо ҳукми дастнавис*

**ВБД: 32.001(575.3)**

**ҚОСИМЗОДА ЛУТФИЯ ШЕРАЛӢ**

# БАРҚАРОРШАВӢ ВА РУШДИ ХОҶАГИИ РОҲҲОИ МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 1924-1990)

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор
Халилзода Давлаталӣ Халил

**Бохтар – 2026**

## МУНДАРИЧА


| | |
|---|---|
| **НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО.............................................................** | **3** |
| **МУҚАДДИМА**............................................................................... | 4 |
| **ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ...............................................** | 6 |
| **БОБИ I. ХОҶАГИИ РОҲҲОИ МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ 20-40-УМИ АСРИ XX** | |
| 1.1.Таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар минтақа (с. 1920-1929)...................................................................................................... | 19 |
| 1.2.Шароитҳои сохтмони роҳ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ (с.1930-1939)...................................................................................................... | 60 |
| 1.3. Ташаккули сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX...... | 88 |
| Хулосаи боби якум............................................................................... | 103 |
| **БОБИ II. МОДЕРНИЗАТСИЯИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА СОХТМОНИ РОҲҲОИ НАВ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ 50-70 - УМИ АСРИ XX** | |
| 2.1.Тараққии интенсивии роҳсозӣ ва нақлиёт дар солҳои 1950 – 1964.. | 105 |
| 2.2.Беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1965-1979... | 117 |
| Хулосаи боби дуюм.............................................................................. | 134 |
| **БОБИ III. АҲАММИЯТИ ТАЪРИХИИ СОХТМОНИ РОҲҲО ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН** | |
| 3.1Механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои 1980 – 1990............................................................................................ | 136 |
| 3.2 Аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии азнавсозии роҳҳои нав дар минтақа...................................................................................................... | 143 |
| Хулосаи боби сеюм.............................................................................. | 158 |
| **ХУЛОСА..........................................................................................** | 160 |
| **РӮЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.......** | 167 |
| **ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИМЛӢ......................................................................** | 178 |

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

КМ – Кумитаи Марказӣ

КИМ – Комитети Иҷроияи Марказӣ

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқӣ

КМ ҲК(б) Тоҷикистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ

ҶХШБ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

ҶХШХ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм

ҶШФСР (РСФСР) – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КМ ҲК (б)-и Ӯзбекистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Ӯзбекистон

КМ ВКП(б) (ҲКУ(б)) – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқии болшевикон

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ҲКИШ (ҲКИШ) – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

ФР – Федератсияи Россия

ВЦСПС (МУШИК) – Маркази Умумиитифоқии Шурои Иттифоққҳои Касаба

АТС (ИАТ) – Истгоҳҳои автоматии телефонӣ

ГТС (ИТШ) – Истгоҳҳои телефонҳои шаҳрӣ

ИТД (СТС) – Истгоҳҳои телефонҳои деҳот

МТС (ИМТ) – Истгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ

СТО (ШММ) – Шурои меҳнат ва мудофиа (Совета Труда и обороны)

СКХ – Шурои Комиссарони Халқ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи муҳимми камомӯхташуда - таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагиҳои роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ Шарипов С.М.: «Рушди хоҷагии роҳҳо ва сифати роҳҳои автомобилгард яке аз масъалаҳои муҳимми давлату ҷомеа мебошад. Бинобар ҳамин сабаб, омӯзиши таҷрибаи зиёд, пайдарпайӣ дар қабули қарорҳо ин гарави рушди соҳаи роҳсозӣ мегардад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард ислоҳоти зиёде гузаронида истодааст. Мушкилоти пешомада дар вақти гузаронидани ислоҳот ба роҳи дурусти рушди соҳаи роҳсозӣ мусоидат мекунад»[ 97, с. 65 ].

Ғайр аз ин, барои фаҳмидан ва гузаронидани ислоҳоти муосир дар сохтори системаи давлатии роҳсозӣ талаб карда мешуд, ки дар соҳаи сохтмони роҳҳо омӯзиши тағйиротҳои муҳим дар идоракунии хоҷагии роҳсозӣ, ки бо бисёр ҳодисот, аз ҷумла таъсиси Ҳокимияти Шуравӣ дар кишвар ва аввалин тағйиротҳои куллии баъдиинқилобӣ алоқаманд буд, гузаронида шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз масири таърих маълум аст, ки ҳаёти халқи тоҷик ҳамеша аз вуҷуд доштани роҳҳо вобастагии калон дошт. Маҳз роҳҳо буданд, ки тавассути онҳо корвонҳо бо давлатҳои хориҷӣ баҳри рушди тиҷорат ва савдо рафтуо мекарданд.

Лозим ба ёдоварист, ки Каримов Б.Б. чунин мегӯяд: «....арзи вуҷуд намудани роҳҳо муносибатҳои иқтисодиро бо ноҳияҳои дохиливу берунии кишвар пайваст мекард. Вуҷуд доштани роҳҳои хуб ин нишонаи сатҳи инкишофи ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, вазъи муносибатҳои берунаро беҳтар менамояд» [69, с.260].

Махсусан, рушди роҳҳои нақлиётӣ ҳолати иҷтимоии сокинони кишварро равнақ медиҳад. Аз таърих огоҳем, ки то бунёди давлати шуравӣ минтақаи Қӯрғонтеппа яке мавзеъҳои ақибмондаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Чунончи муҳаққиқи тоҷик Нарзуллоев С. дар ин робита чунин қайд мекунанд: «То ин дам дар ин мавзеъ ҳатто роҳҳои хокӣ мавҷуд набуданд» [73, с.6].

Аз рӯйи маводҳои бойгонӣ маълум гардид, ки собиқ вилояти Қӯрғонтеппа соли 1937 таъсис ёфтааст. Дар асоси нақшаҳои рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мавзеи таҳқиқшаванда, ҷараёни рушди яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ – соҳаи нақлиёт ва сохтмони роҳҳо муайян гардид. Бояд қайд намуд, ки оғоз намудани сохтмони роҳҳои нақлиётӣ сабаби пешравии тамоми соҳаҳо – иқтисодиёт, иҷтимоиёт, ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии минтақа гардида, рушди минбаъдаи онро таъмин мекард.

Оид ба таърихи оғози сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар кишвар маводҳои илмӣ ба чоп расидаанд, аммо дар бораи сохтори сохтмони роҳҳои автомобилгарди минтақаи таҳқиқшаванда маълумотҳо камтаранд яъне, ин масъала аз тарафи олимони хориҷиву ватанӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

Аз маводҳои бойгонии бадастомада маълум гардид, ки дар ҷумҳурӣ таърихи сохтмони роҳҳо аз магистралҳои Сталинобод, Қӯрғонтеппа ва дигар мавзеъҳо оғоз мегирад [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8; 9; 10; 11; 12; 13; 14; 15; 16; 17; 18; 19; 20; 21; 22; 23; 24; 25; 26; 27; 28; 29; 30; 31; 32; 33; 34; 35; 36; 37; 38; 39; 40; 41; 42].

Ба истифода додани шумораи зиёди роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин дар рӯдхонаҳои Вахш, Сурхоб, Панҷ, Зарафшон, Яхсу, Хингоб, Сир ва ғайра сохтани кӯпрукҳо, тайёр кардани садҳо кадрҳои баландихтисос, коргарони роҳ ва ғайраҳо дар амал татбиқ гардиданд.

Аҳаммияту муҳиммияти ин масъала дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар қарори сессияи нуҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, даъвати нуҳум «Дар бораи ҳолат ва чораҳо оид ба беҳтар кардани роҳҳои автомобилӣ ва хидматрасонии аҳолии ҷумҳурӣ бо нақлиёти мусофирбарӣ» қайд карда шуд [43; 44; 45; 46; 47; 48; 49]. Дар ин санад оварда

шуда буд, ки баҳри оғоз намудани сохтмони роҳҳои нави наклиётӣ, аз ҷумла роҳҳои магистралӣ ва беҳбудӣ бахшидан ба роҳҳои пештара дар ҷумҳурӣ алоқаи байни марказҳои вилоятҳо, ноҳияҳо ва колхозу совхозҳо мустаҳкамтар гардид. Вазъи техникӣ ва иқтидори борбардории иншооти сунъӣ беҳтар карда мешавад. Ҳар сол зиёда аз 1 миллион метри мураббаъ кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрӣ обод карда мешаванд, 700-800 гектар майдонҳо, газонҳо ва ниҳолҳои сабз бунёд карда мешаванд, зиёда аз 100 пули пиёдагард ва автомобилӣ сохта мешавад. Гузаргоҳҳои зеризаминии нав ва дигар унсурҳои ободонии шаҳр ҷорӣ карда мешаванд [43].

Таҳқиқ намудани таърихи сохтмони роҳҳои наклиётии ҷумҳурӣ ва мавзеъҳои кишвар яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки омӯзиши таърихи оғози сохтмони роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои бистум ва ҳаштодуми асри бист яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад ва таҳқиқоти ин мавзуъ ҷанбаҳои илмӣ ва таълимӣ доранд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсияи мазкур дар доираи таҳқиқот ва татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз рӯйи самти «Омӯзиши масъалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик аз даврони қадим то замони муосир» барои солҳои 2024-2029 (суратҷаласаи №1, аз 30.08.2024) ба амал баровarда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** ин таҳқиқи омӯзиши маҷмуии таърихи сохтмони хоҷагии роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои бистум ва ҳаштодуми асри бист буда, он масъалаҳои ошкор ва муайян кардани хусусиятҳои хос ва тағйироти куллӣ дар ин соҳаро баррасӣ менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Барои ба ин мақсад расидан дар рисола чунин **вазифаҳо гузошта шуданд**:

- нишон додани таърихи сохтмони хоҷагии роҳҳои Тоҷикистони ҷанубӣ дар солҳои 20-уми асри XX;

- пайгирӣ намудани таърихи инкишофи хоҷагии роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 30-юм - 40-уми асри XX;

- муайян намудани самтҳои асосии кор оид ба сохтмони роҳҳои нақлиётӣ ва рушди он дар солҳои баъдиҷангӣ ва солҳои 50-уми асри XX;

- рушди минбаъдаи сохтмони роҳҳои нақлиётӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 60-70- уми асри XX;

- боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳо дар солҳои 1980-1990.

Дар ҷараёни кор маводи матбуоти даврӣ низ аз ҷониби диссертант омӯхта шуданд. Ҳуҷҷатҳои дар диссертатсия истифодашуда бори аввал ба муомилот даровварда шуданд.

Маводҳо оид ба хоҷагии роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-80-уми асри XX,ки мавриди истифодаи мо қарор гирифааст

- фонди 9 (с. 1924-1926) ; Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон;

- фонди 13 (с. 1931-1937); Анҷумани Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон;

- фонди 17 (с. 1926-1929); Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон;

- фонди 19 (с. 1925-1929); Комиссияи давлатии нақшавии Тоҷикистон;

- фонди 20 (с. 1930-1947); Комиссияи давлатии нақшавии Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон;

- фонди 894 (с. 1939-1952); Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои ҶШС Тоҷикистон;

- фонди 1595 (с. 1965-1973); Идораи хатти истифодаи роҳҳои маҳаллии Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои ҶШС Тоҷикистон (ДЭУ-Идораи истифодабарии роҳҳои маҳаллӣ).

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** таърихи рушди хоҷагии роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-80-уми асри XX ва ҷанбаҳои он мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти диссертатсионӣ** равандҳои пайдоиш ва рушди хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар давраи таҳқиқотӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардид.

***Марҳилаи якум*** солҳои 2022-2023-ро дар бар гирифта, фаъолияти мо дар ин давра аз дохил шудан ба докторантураи PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик), интихоби мавзуъ, роҳбари илмӣ, ҷамъоварӣ, омӯхтан, таҳлил ва ба низом даровардани маводди ҷамъшуда марбут ба мавзуи таҳқиқот, таълифи муқаддима, боби аввали диссертатсия, интишори мақолаҳо оид ба мавзуи рисола, иштирок дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун иборат буд.

***Марҳилаи дуюм*** солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, дар ин марҳила боби дуюми рисола ба анҷом расонида шуда, мақолаҳо оид ба мавзуи таҳқиқот дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои гуногун ба нашр расонида шуданд.

***Марҳилаи сеюм*** солҳои 2024-2025-ро дар бар гирифта, дар ин давра боби сеюми диссертатсия ва хулосаи он таълиф, мақолаҳо оид ба мавзуи диссертатсия интишор шуда, маърузаҳо дар конференсияҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ пешниҳод шуданд. Имтиҳони маҷмуии хатми зинаи доктурантураи PhD супорида шуда, диссертатсия ба ҳимояи расмӣ пешниҳод гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Зимни навиштани рисола мо барои тақвият бахшидани нуқтаи назар ва андешаҳои худ аз китобу рисолаҳо ва усули тадқиқоти олимони варзидаи ватаниву хориҷӣ, мисли Арефев И.Н., Бронштейн Я.Т., Заманов А.Н, Назруллаев С., Бутлитский Ю.В., Каримов Б.Б., Дусматов Д., Эркаев М., Николаев Ю., Шарапов Я., Исмоилов А., Шарипов С.М., Шарифов А., Юсупов Ш., Шарипов Н.А., Ғафурова Г.А., Саидов Х., Анисимов Н., Мамадризоев М., Ёкубов Н., Ҳамидов З. ва

дигарон баҳрагирӣ кардем.[1, 5, 7, 9, 45,]

**Сарчашмаи маълумот.** Пас аз ташаккули Ҳокимияти шуравӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа сохтмони роҳҳо бо қувваи намояндагони ҳамаи халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ гузаронида шуд. «Бе кумаки онҳо роҳбарияти давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба мушкилоти ин соҳа дучор мегардиданд» [112, с.13].

Масъалаҳои таърихи сохтмони хоҷагии роҳ ва таърихи сохтмони роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар асарҳои бузурги илмӣ, ба монанди «Таърихи халқи тоҷик» ва «Очерки таърихи Ҳизби коммунистии Тоҷикистон» [87] инъикос ёфтаанд. Кори М. Эркаев, Ю. Николаев, Я. Шарипов «Очерки таърихи Тоҷикистони Шуравӣ (солҳои 1917-1957)» [62], нашрияҳои «Очерки таърихи хоҷагии халқи Тоҷикистон (солҳои 1917-1965)», [88], «Хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1960», «Хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1962» [81] муборизаи коргарони Тоҷикистонро барои бунёди заминаи иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ рӯшан мекунанд. Дар онҳо равандҳои умумии муборизаи халқи тоҷик барои пешрафти ҷомеа ва фаъолияти ҳамаҷонибаи ташкилотҳои давлатию ҳизбӣ нишон дода шудаанд. Бояд гуфт, ки ин корҳо тамоми ҳаёти хоҷагидорӣ ва сиёсии коргарони вилояти Қӯрғонтеппаро инъикос мекунанд ва дар онҳо ба монанди асарҳои хусусияти умумидошта равандҳои ташаккули нақлиёти муосир бо тамоми хусусиятҳои фарққунанда, дастовардҳо ва мушкилоти он равшан нишон дода шудаанд.

Баъзе масъалаҳои рушди сохтмони хоҷагии роҳ ва таърихи сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Қӯрғонтеппа, дар корҳои муҳаққиқ Д. Дустматов [57] рӯшан нишон дода шуданд. Ҳамчунин, ба мушкилоти таърихи сохтмони роҳҳо ва рушди нақлиёт дар ҷумҳурӣ корҳои А. Исмоилов «Нақлиёти Тоҷикистон» ва «Нақлиёт ва роҳҳои кӯҳии Тоҷикистон» бахшида шудаанд [63; 64].

Танҳо дар солҳои 60-70-уми асри XX зиёда аз 20 монография, брошюра ва мақолаҳои зиёди илмӣ дар мавзуи таърихи сохтмони хоҷагии роҳ ва нақлиёт нашр шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии А.Н. Замонов [52; 59; 60; 105] аввалин кор дар ин масъала мебошад. Дар ин рисолаву мақолаҳо роҳҳои рушди нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, авиатсионӣ ва дарёӣ, инчунин баъзе далелҳо дар бораи рафти сохтмони роҳҳо дар ҶШС Тоҷикистон оварда шудаанд. Диққати асосӣ ба нақши нақлиёти автомобилӣ дар хоҷагии халқ равона карда шудааст. Муаллиф нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии кори нақлиёти автомобилии боркашро дар шароити кӯҳии ҷумҳурӣ, таъсири ҷараёни бор ба нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ ва арзиши интиқолро тавсиф мекунад. Вобастагии ин нишондиҳандаҳо ба сохтори парки мошинҳо ва борҳо иборат аст. Илова бар ин, муаллиф: «…масъалаҳои таҳкими хоҷагиҳои автомобилӣ ва рушди ҳамлу нақли мутамарказии бор ва таъсири онҳоро ба ҳосилнокии парки автомобилӣ ва хароҷоти нақлиёт, инчунин ба даромаднокии кори нақлиёти боркаш таъкид намуда, тавсияҳо ва хулосаҳоеро пешниҳод менамояд, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва даромаднокии кори нақлиёти автомобилӣ ва рушди минбаъдаи нақлиёти боркаш дар ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд» [112, с.21].

Масъалаҳои роҳбарияти ҳизбӣ оид ба рушди нақлиёт ва сохтмони роҳ дар ҷумҳурӣ дар давраи шуравӣ дар диссертатсияи И.Н. Арефев «Фаъолияти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон оид ба рушди нақлиёт дар давраи густариши сохтмони коммунизм (с. 1956-1965)» [103] баррасӣ карда мешаванд. Дар ин кор дар якҷоягӣ бо ҷамъбасти таҷрибаи мақомоти ҳизбӣ ва шуравӣ дар мубориза барои рушди саноат тавсифи мухтасари таърихи сохтмони роҳҳо ва нақлиёт дар Тоҷикистон оварда шудааст. Дар рисолаи худ муаллиф фаъолияти ҳамаҷонибаи ташкилотҳои давлатию ҳизбиро оид ба роҳбарии нақлиёт ва сохтмони роҳҳо нишон додааст. Аммо, дар кор масъалаҳои таърихи сохтмони роҳ ва ташаккули кадрҳои соҳибихтисоси

коргарон ва мутахассисони роҳсоз ва давраи таҳқиқкардаи мо ба қадри кофӣ равшан карда нашудаанд.

Ҷамъбасти маводи бузурги воқеӣ ва илмӣ оид ба таърихи рушди соҳаи роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар китобҳо ва мақолаҳои С. Назруллоев [72; 74; 75; 76; 77; 108; 109] инъикос ёфтааст. Дар асарҳои ӯ маводи бойгонӣ ва васоити ахбори омма васеъ истифода шуда, мушкилоти сохтмони роҳҳои Тоҷикистон дар солҳои 1917-1941 муфассал баррасӣ карда шудааст. Муаллиф ҳамаи маводҳои марбут ба таърихи сохтмони роҳро таҳлил кардааст.

Албатта, таҳқиқоти асосӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ диссертатсияи номзадии С. Назруллоев «Сохтмони роҳҳо ва рушди нақлиёт дар Тоҷикистон дар солҳои 1917-1941» мебошад, соли 1972 ҳимоя шудааст. Дар бобҳо ва параграфҳои алоҳидаи кори диссертатсионии Назруллоев С. масъалаҳои ташаккул ва рушди сохтмони роҳҳо дар марҳилаҳои гуногун дар ҶМШС Туркистон, ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд. Дар якҷоягӣ бо мушкилот дар ин соҳа, муаллиф механизми сиёсати давлатиро оид ба ташкили кори сохтмони роҳҳо дар давраи муайян баррасӣ мекунад, дар бораи хоҷагии роҳ ва таърихи сохтмон роҳҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа камтар маълумот медиҳад.

Дар баробари инъикоси пайдарпайи муаллиф дар таърихи нақлиёти ҷумҳурӣ, дар кори ӯ ба мушкилоти нақлиёт, хусусан ба таърихи сохтмони хоҷагии роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа диққати зарурӣ дода нашудааст. Инчунин, чорчӯбаи хронологии кори диссертатсионии С. Назруллоев танҳо давраи солҳои 1917-1941-ро дар бар мегирад.

Рушди роҳҳои алоқа ва нақлиёти Тоҷикистон дар таҳқиқоти Юсуфи Шодипур ошкор карда шудааст. Соли 1992 ӯ рисолаи худро дар мавзуи «Таърихи роҳҳои алоқа ва нақлиёти Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX» ҳимоя кардааст [103; 114]. Дар таҳқиқоти худ муаллиф диққати асосиро ба таърихи сохтмони роҳҳои корвонӣ, роҳҳои обӣ ва нақлиёти роҳи оҳан медиҳад. Инчунин ба масъали қадамҳои аввалини

сохтмони роҳҳои хокӣ дар ҷануби Тоҷикистон, хусусан дар вилояти Қӯрғонтеппа каме таваҷҷӯҳ кардааст.

Дар кори А. Шарифов «Таҷдиди хоҷагии роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушкилоти сохтмони роҳҳо дар Тоҷикистон дар давраи шуравӣ, хусусан дар давраи таҳқиқкардаи мо, рӯшан карда шудааст. Муаллиф мушкилоти сохтмони роҳро дар вилояти Қӯрғонтеппа мухтасар шарҳ медиҳад. Танҳо баъзе чорабиниҳои ҳизб ва ҳукумати Тоҷикистон оид ба роҳбарии рушди нақлиёт ва сохтмони роҳҳо дар солҳои муайян ва гузариши тадриҷӣ ба рушди ҷомеа инъикос ёфтаанд [100; 101].

Дар мақолаи С. Назруллоев «Аз таърихи сохтмони роҳҳои Қӯрғонтеппа», муаллиф маводи зиёди воқеиро дар бораи давраи таҳқиқкардаи мо ҷамъоварӣ намуда, масъалаҳои хоҷагии роҳҳои рушди нақлиётро аз ҷиҳати таърихӣ ва иқтисодӣ равшан кардааст.

Таърихи рушди сохтмони роҳҳо ва нақлиёт ҳамчун қисми таркибии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар кори С.М. Шарипов «Таърихи нақлиёт ва иттифоқи касбии кормандони нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо хусусиятҳои умумӣ муайян карда мешавад [98].

Дар аксари асарҳои нашршуда, ки ба омӯзиши ин масъала саҳми муайян гузоштаанд, таҳлили таърихи сохтмони роҳҳо ва кори нақлиёти ҷумҳурӣ дар солҳои ҳокимияти шуравӣ оварда шудааст. Аммо дар ҳамаи корҳои дар боло зикршуда масъалаҳои таърихи сохтмони роҳ ва нақлиёт дар вилояти Қӯрғонтеппа ба таври умумӣ таҳлил карда мешаванд. Тавсифи пурраи хоҷагии роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа, фаъолияти гуногунҷанбаи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба сафарбар кардани оммаи меҳнаткашон ба мубориза барои сохтмони роҳҳои хокӣ дар онҳо норавшан аст. Дар аксари он асарҳои илмӣ мавод дар бораи таърихи сохтмони роҳҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа хеле маҳдуд буда, хусусияти тасвириро дорад.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот.** Манбаи муҳимтарини таҳқиқи таърихи хоҷагии роҳ дар минтақаи Қӯрғонтеппа чопи даврӣ мебошад. Дар матбуоти даврӣ рӯйдодҳои муҳимтарин, ки аксар вақт дар сарчашмаҳои расмӣ мавҷуд

нестанд, рӯшан карда мешаванд. Масалан, гузоришҳо дар бораи омадани мошини аввал ба минтақаи Қӯрғонтеппа, тавсифи маросими тантанавӣ ба муносибат ва матни суханрониҳои коргарондар матбуоти даврӣ ба нашр расиданд. Маълумот ва хроникаи матбуоти даврӣ имкон медиҳад, ки макон ва вақти ҳодисаҳои рӯйдодаро мушаххас намоем.

Аввалин нашрияҳои даврии муосир бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд: «Бедории тоҷик» (Бедории Тоҷикистон), «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Ҳақиқати Ҷиликӯл» (Дӯстӣ), «Ҳаёти қишлоқ» (Ҳаёти деҳот), «Коммунисти Тоҷикистон», «Тоҷикистони шуравӣ» (Советский Таджикистан) ва ғайра. Ин гурӯҳи манбаъҳо дорои маълумоти зиёди арзишманд дар бораи таърихи сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа дар даврае, ки мо таҳқиқ мекунем, мебошанд. Онҳоро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

а) ҳуҷҷатҳои расмӣ - қонунҳо ва қарорҳои ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва дигар ҳуҷатҳои ҳукуматӣ [43; 44; 45; 46; 47; 48; 49; 55; 91; 92; 93];

| |
|---|
| Қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон дар бораи ҳолат ва чораҳои беҳтар кардани роҳҳои автомобилгард ва хизмати нақлиёти пассаржиркашонӣ ба аҳолии республика // Комсомоли Тоҷикистон. - 1978. - 21 июл [43]. |
| Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 2 июли с.1927 «Оиди эълони кор дар сохтмони роҳҳо дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон». // Бедории тоҷик.- 1928. - 25 июн[44] |
| Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 19 феврали с.1932 «Оиди нақшаи сохтмони роҳҳо дар соли 1932». // Комунисти Таджикистана. – 1932 – 28 феврал [45]. |
| Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 19 феврали с.1932 «Оиди нақшаи сохтмони роҳҳо дар соли 1932». // Пятилетний план дорожного строительства в Таджикистоне // Дорога и автомобиль – 1930. - № 8-11. - с.10 [46]. |

| |
|---|
| Қарори съезди XIX ПК Тоҷикистон дар бораи лоиҳаи КМ ҲКИШ ба съезди XXVI партия «Роҳҳои асосии тараққиёти иқтисодӣ ва сотсиалистии СССР дар солҳои 1981-1985 ва дар давраи то соли 1990». // Роҳи Ленинӣ.- 1981. - 31январ [47]. |
| Постановление Совнаркома Таджикской ССР и ЦК КП(б) Таджикистана от 5 августа 1931 г. «О дорожном строительстве и местном транспорте». // Комунист Таджикистана .- 1931.- 28 август [48]. |
| XVI съезд ВКП (б). Стенограф. отчет. – М., 1930. – С.129-130 [49]. |
| Гусейнов Д. О дорожном строительстве и местном транспорте. Постановление Совнаркома Таджикской ССР и ЦК КП(б) Таджикистана от 5 августа 1931 г. [Текст] / Д. Гусейнов // Коммунист Таджикистана. – 1931. – 15 авг.[55]. |
| Рахмонов, Э. Таджикистан: Десять лет независимости, национального единства и созидания. [Текст] / Э. Рахмонов. - Душанбе, 2001, [91]. |
| Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. [Текст] / Э. Рахмонов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - Т.1. - 480 с. [92]. |
| Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. [Текст] / Э. Рахмонов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - Т.2. - 442 с. [93]. |

б) маводи дорои хусусияти таърихӣ ва оморӣ [50; 54; 61; 67; 80; 82; 83; 84; 85; 86; 147];

| |
|---|
| XVI съезд ВКП (б). Стенограф. отчет. – М., 1930. – С.129-130. [50] |
| Бронштейн Я.Т., Замонов А.Н. Тараққиёти нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ. [Текст] / Я. Бронштейн., А. Заманов. – Душанбе, 1969. – 36 с. [54] |
| Заманов А.Н. Вопросы эксплуатации и строительства автомобильных дорог в Таджикистане. [Текст] / А. Заманов – Душанбе, 1971. – 27 с. [61] |
| История таджикского народа. (Новейшая история). Т.VI. [Текст] / – Душанбе: [История транспорта и профессионального союза работников |

| |
|---|
| транспорта Республики Таджикистан. [Текст] / – Душанбе, 2008. – С.1, [67]. |
| Народное хозяйство Таджикской ССР в 1962 г. // Стат. ежегодник. – Душанбе, 1963. – 345 с., [ 80]. |
| Народное хозяйство Таджикской ССР в 1965 г. Ст. ежегодник.– Душанбе, 1966., [82]. |
| Народное хозяйство Таджикской ССР в 1968 г. Ст. ежегодник.– Душанбе, 1969., [83]. |
| Народное хозяйство Таджикской ССР в 1989 году (Статистический сборник). – Душанбе, 1991. – 328 с., [84]. |
| Народное хозяйство Таджикской ССР в 1990 году (Статистический сборник). – Душанбе, 1991. – 312 с., [85].<br>Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. – Душанбе, 1964. – С.13., [86]. |
| Нурназаров М., Рауфов А. Нақлиёти Тоҷикистон дар панҷсолаи ёздаҳум // Мактаби советӣ. - 1982. - №5. - С.38-39., [147]. |

в) мақолаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо [55; 119; 120; 121; 122; 142; 149; 151; 152; 154; 155; 160; 161; 162; 163; 165; 166; 167; 169].

| |
|---|
| Гусейнов Д. О дорожном строительстве и местном транспорте. Постановление Совнаркома Таджикской ССР и ЦК КП(б) Таджикистана от 5 августа 1931 г. [Текст] / Д. Гусейнов // Коммунист Таджикистана. – 1931. – 15 авг., [55]. |
| «Автомобильные дороги» барои солҳои 1938-1971., [119]. |
| «Автомобильный транспорт» барои солҳои 1931-1953., [120]. |
| «Блокнот агитатор» барои солҳои 1950-1958., [121]. |
| Барои нақлиёти сотсиалистӣ. – 1935. – 7 нояб. , [122]. |
| Мирзоев Х. Ба сохтмони роҳи Кӯлоб - Даҳана диққати ҷиддӣ дода шавад / Ҳакикати Кӯлоб, 1941. - 30 март., [142]. |

| |
|---|
| Общегородской митинг трудящихся Сталинабада // Коммунист Таджикистана. – 1941. – 4 июль. , [149]. |
| Постановление ЦК КП (б) Таджикистана от 15 января 1931 года //Коммунист Таджикистана: 13 апреля [151]. |
| Пулодов Ҷ. Нақшаи рохсозӣ 171 % иҷро шуд //Ҳакикати Кӯлоб. 1941. 13 январ. [152]. |
| Пятилетний план дорожного строительства в Таджикистане // Дорога и автомобиль. – 1930. – №8-11. – С.10. [154]. |
| Раҳимов Ҳ., Шарифов А. Оё ба таъсиси Управления зарурат буд? // Тоҷикистони Советӣ. - 1989. - 27 июн. [155]. |
| Строительство дорог. – М., 1940. – №10. – С.30-31. [160]. |
| Советский Таджикистан. – 1930. – 7 февр. [161]. |
| Советский Таджикистан. – 1930. – 8 мая. [162]. |
| Таджикская ССР за 30 лет. – С.78. [163]. |
| Тоҷикистони советӣ. – 1974. – 26 окт.[165]. |
| Ударник Вахшстроя. – 1934. – 19 янв. [166]. |
| Усмонов И. Роҳҳои нақлиёти республика // Агитатор Таджикистана. – 1983. – №13. – С.11-14. [167]. |
| Ҳаракати эстафета // Агитатори Тоҷикистон. – 1975. – №1. – С.9. [169]. |

Чорчӯбаи хронологии таҳқиқот бо давраи солҳои 20-80-уми асри XX маҳдуд аст. Истифодаи усулҳои гуногун ва таҳлили таърихии онҳо, инчунин мушкилоти омӯзиши таърихи хоҷагии роҳҳо дар Қӯрғонтеппа бо дақиқии максималӣ омӯхта мешавад.

**Навгониҳои илмии диссертатсия** аз он иборат аст, ки бори нахуст кори таҳқиқӣ таърихи таъмир ва сохтмони роҳҳо ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рафти таҳқиқот душвориҳо ва комёбиҳои ташаккули хоҷагии роҳҳои минтақа дар ҳар давру замон омӯхта шуда, аҳамияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари таърихӣ баҳогузорӣ гардид. Дар таҳқиқот бори аввал дар мисоли минтақаи

Қӯрғонтеппа таъмиру сохтмони роҳҳои алоқаи байни ноҳияҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Дар навбати худ, дар рисола сабабҳо ва оқибатҳои кори таъмиру сохтмони роҳҳо дар замони шуравӣ таҳлил гардида, саҳми ин сохтор дар рушду босифат гардидани роҳҳои замони муосир муайян карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот факту рақамҳои нав аз бойгонии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, хотираҳои роҳсозони собиқадор, маълумотҳои оморӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода гардиданд, ки барои илми таърих ва бахусус таърихи сохтмони роҳҳо,ҳамчун факти нав мавқеи худро ишғол намуданд.

Дар рисолаи мазкур ба таври маҷмуӣ таърихи сохтмони хоҷагиҳои роҳ ва сохтмони роҳҳои наклиётӣ дар яке аз минтақаҳои Тоҷикистон – вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои бистум ва ҳаштодуми асри бист мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар маҷмуъ, навоварии мавзуи мазкур нуқтаҳои зеринро дар бар мегирад:

- дар рисола бори аввал вазъияти тоинқилобии роҳҳои алоқаи байни ноҳияҳои минтақа дар ин давра мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири таъмиру сохтмони роҳҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа нишон дода мешавад;

- вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX, дар рисола бори аввал қаҳрамонию фидокории роҳсозони он давра дар хусуси мубориза бо бероҳӣ таҳлил гардида, нақши сохтмончиёни роҳҳо дар беҳ гардонидани вазъи роҳҳои минтақа мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- дар рисола раванди таъмиру сохтмони роҳҳо аз давраи Аморати Бухоро то ба давраи шуравӣ таҳлил шуда, аҳамияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода мешавад;

- таҳлили рушди сохтмони роҳҳои алоқа дар замони шуравӣ нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозидаанд ва аз ҳамин лиҳоз, дар рисола бори аввал тарзи тайёр намудани мутахассисони роҳсоз ва нақши онҳо дар таъмиру сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа муайян карда мешавад;

- дар рисола саҳми мутахассисони роҳсози дигар халқу миллатҳо низ ошкор карда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Таъсиси аввалин хоҷагиҳои роҳсозӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа бевосита бо барпошавии Ҳокимияти шуравӣ алоқаманд буда, таърихи он аз соли 1924 оғоз гардид. Вазифаи аввалини сохторҳои роҳсозии ин давраро мубориза бо бартараф намудани бероҳӣ ва таъмири роҳҳои пештара ташкил медод, ки барои аҳолии ин минтақа пайомади хуберо ба бор овард.

2. Дар солҳои 20-30-юми асри XX барои аҳолии вилояти Қӯрғонтеппа ва тамоми мамлакат душвориҳои вайрон будани роҳҳои пештара ва дар баъзе ҷойҳо бероҳӣ пеш омада буд, ки ба ҳаракати аспу ароба ва нақлиёт монеаҳои зиёд пеш меовард. Дар ин давра роҳсозону аҳолии минтақа тамоми қувваро барои бартараф кардани бероҳӣ сафарбар намуданд.

3. Дар солҳои баъдиҷангии 50-60-уми асри XX соҳаи роҳсозии вилояти Қӯрғонтеппа аз ҳисоби мутахассисони нав пур гардид. Сабаби асосии ба минтақа омадани мутахассисони дигар вилояту ҷумҳуриҳо ин расонидани ёрии бародарона буд.

4. Аз ҳамин лиҳоз, сиёсати ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар давраи минбаъдаи солҳои 1970-1990 ба модернизатсияи хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав равона гардида буд. Инчунин, ба таъмини хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав бо мутахассисони маҳаллӣ ва омода кардани мутахассисони соҳа дар омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва мактабҳои олии Тоҷикистон (Донишкадаи политехникӣ) ба миён гузошта шуд. Дар ин давра бори аввал мутахассисони маҳаллӣ техникуму донишкадаҳоро хатм намуда, шумораи кадрҳои маҳаллии роҳсозонро зиёд намуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки диссертант бори аввал як қатор ҳуҷҷатҳои нави бойгонӣ ва инчунин маводҳои нашршудаи муҳаққиқони ватаниро, ки ҳанӯз объекти таҳлили илмӣ нашудаанд, ба гардиши илмӣ ворид мекунад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои дар он мавҷудбуда, ки дар асоси пажуҳиши илмӣ таҳия шудаанд, бо тавсияҳои таърихӣ ба системаи хоҷагии роҳ дар ҷумҳурӣ саҳми муайян мегузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** – баёни мавод, шарҳу тавзеҳи он, навгонӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешкашшуда, хулосаҳои илмӣ, нашри мақолаҳо ва ироаи маърузаҳои илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, тавсияҳои ҷанбаи амалидошта, мустақиман аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих пешниҳод шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 30 июни соли 2023, суратҷаласаи №11 тасдиқ шудааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик муҳокима шуда, ҳамчун таҳқиқоти илмии мантиқан баанҷомрасида ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ба ҳимояи расмӣ тавсия шудааст (суратҷаласаи №7 аз 17 феврали соли 2026).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки вай дар давоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводҳои муътамад истифода карда, саҳифаҳои номаълуми корнамоиҳои кормандони соҳаи роҳсозии собиқ вилояти Қӯрғонтеппаро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба сифати далелҳои таърихӣ ҳамчунин аз тарафи диссертант таҳқиқоти саҳроӣ гузаронида

шуданд, ки дар натиҷаи онҳо бевосита аз шахсони маъруф ва иштирокчиёни воқеаҳои таърихӣ факту рақамҳои қаблан номаълум дарёфт гардиданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мунтазам дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои дохили-донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин раванд дар якҷоягӣ бо пойгоҳҳои таҳқиқот, семинар-тренингҳо ва дигар мавзуъҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқот баргузор карда шудааст. Муаррифии пурраи натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар конференсияҳои илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар мавзуи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалии «Хонишҳои VI – уми Артуч» бахшида ба «Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимой-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир», VIII Международной научно-практической конференции «Россия, Сибирь и Центральная Азия: взаимодействие народов и культур» и круглого стола с международным участием «Страны Центральной Азии в системе региональных и международных отношений в XIX и XXI вв.», конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» мавриди баррасӣ ва муаррифӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ ва барои дифоъ пешниҳод шудааст (протокол №7 аз 17 феврали соли 2026).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосӣ ва баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз рӯи мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтиномшуда ва нашр шудаанд. Илова бар он, диссертант дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо гузориш ва маърузаҳои илмӣ суханронӣ ва баромад намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб, хулоса, руйхати манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 180 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия ва пешниҳод шуда, мундарича ва сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқат менамоянд ва 2 ҷадвалро дар бар мегирад.

## БОБИ I. ХОҶАГИИ РОҲҲОИ МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ 20 - 40 –уми АСРИ XX

### 1.1. Таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар минтақа (с. 1920-1929)

Сохтмони роҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи тулонӣ надорад, дар иртибот ба ин масъала Каримов Б. Б. чунин мефармояд: «Тоҷикистон кишвари кӯҳистонӣ дар Осиёи Марказӣ буда, зиёда аз навад фоизи онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Тоҷикистон ғайр аз роҳҳои нақлиётӣ, боз дорои роҳҳои оҳан ва хатти авиатсионӣ буда, тамоман роҳҳои баҳрӣ ва дарёӣ надорад. Нақлиёти автомобилӣ зиёда аз навад фоизи борҳоро мекашонад» [69, с.120].

Дар иртибот ба ин масъала муҳаққиқи дигар Назруллаев С. чунин нигоштааст: «Дар ҳар як кишвари ҷаҳон сохтмони роҳҳо масъалаи аз ҳама муҳим мебошад, чунки ободию пешравии ҳар як маҳал, ноҳия, вилоят, мавзеъ ба обод будани роҳҳои нақлиётӣ вобаста мебошад. Тоҷикистон ва махсусан, минтақаи Қӯрғонтеппа аз ин масъала истисно нест» [73, с.12-13]. Назруллаев С. дар идомаи суханони худ чунин мегӯяд: «Яке аз ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ Қӯрғонтеппа ба шумор мерафт. Маълумот дар бораи ҷойгиршавии ҷуғрофии шаҳри Қӯрғонтеппа ва мавзеъҳои он дар адабиёти илмии рус ва муосир дар ибтидои солҳои 70-уми асри XIX пайдо шуд» [73, с.14-15].

Шарифов А. дар автореферати диссертатсияи худ чунин овардаанд: «То ғалабаи Инқилоби Октябр (с.1917 – Қ.Л.) ва ҷорӣ гардидани тартиботи шуравӣ Тоҷикистон дар байни роҳҳои корвонӣ буд. Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя бо роҳҳои корвонӣ равуо доштанд» [112, с.21]. Аз ҷумла, ин роҳҳо Бухорои Шарқӣ ва Ғарбӣ ва Фарғонаро бо мавзеи Туркистон мепайваст ва барои боркашонӣ аз Бухоро ба Бухорои Шимолӣ зиёда 60 ҳазор шутур истифода мегардид. Дар муддати сол тахминан зиёда аз 24 ҳазор тонна борҳо кашонида мешуд. Борҳо ба Қӯрғонтеппа тавассути роҳҳои корвонӣ тавассути Тирмизу Қубодиён, Ҷиликӯлу Саройкамар (ноҳия

дар қисми ҷанубии Тоҷикистон, то соли 1931 бо номи Саройкамар, солҳои 1931-1936 бо номи Бауманобод, солҳои 1936-1963 бо номи Кировобод ва аз соли 1963 бо номи Панҷ арзи вуҷуд дорад – Қ.Л.) ва Файзободқалъа - Қӯрғонтеппа ворид мешуданд. Аз он ҷумла Назруллаев С. чунин баён доштаанд: «Қӯрғонтеппа бо Дарвоз бо роҳи кӯҳии Қалаихумб, Нулванд, Зиғар пайваст буд. Роҳҳои байни Қӯрғонтеппа-Душанбе минтақаро бо водии Ҳисор мепайвандад» [76, с.63].

Шарипов Я. дар ин робита чунин гуфтаанд: «Асосан, роҳҳо аз маркази ноҳияҳои Аморати Бухоро, аз шаҳрҳои Ҳисор, Душанбе, Қӯрғонтеппа мегузаштанд ва кӯчаҳои шаҳрҳо танг ва хонаҳо деворҳои вайрона доштанд» [98, с.1].

Ҳаёту фаъолияти ҷамъияти ҳозираи инсониро бе нақлиёти мутараққӣ тасаввур кардан мумкин нест. Нақши нақлиёт, хусусан дар ҷумҳурӣ, мавқеи бузург дошт, чунки бо ҷумҳуриҳои иттифоқӣ робитаҳои иқтисодӣ беш аз пеш вусъат меёфт. Минҷумла Исмоилов А. Чунин баён доштаанд: «Бо вуҷуди ин ки ҷумҳуриҳои иттифоқ аз якдигар ҳазорҳо километр дур воқеъ гашта буданд, аммо нақлиёт онҳоро чун як чизи том муттаҳид мекард» [132, с.56-62].

Бояд гуфт, ки ҳангоми ба ҳайати Русияи подшоҳӣ ва Аморати Бухоро дохил шудани мавзеи ҷумҳуриамон каму беш роҳҳои қаламрави ноҳияҳо, дар масофаи ноҳияҳо ва роҳҳои бартанг арзи вуҷуд доштанд. Дар иртибот ба масъалаи мазкур муҳақиқи тоҷик Гафурова Г. А. дар диссертатсияи хеш чунин овардаанд: «Яке аз хусусиятҳои роҳҳои кӯҳии кишвар он аст, ки роҳҳои алоқаро мепайваст. Дар давраи Аморати Бухоро тавассути роҳҳои пастсифати хокӣ мавзеъҳо бо ҳамдигар рафтуо мекарданд ва пулҳои муваққатӣ чун роҳҳои алоқа буданд» [104, с.8].

Айналов Р. Дар мақолаи хеш дар алоқамандӣ ба масъалаи мазкур чунин навиштаанд: «Баъди забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ҳукумати шоҳ чун мустамлика роҳҳои нақлиётии Тоҷикистонро зери назорат гирифт. Чунки ҳангоми гузаронидани баъзе чорабиниҳои сиёсӣ дар мустамлика

роҳҳои нақлиётӣ нақши асосиро мебозиданд. Сохтмони роҳҳои нақлиётӣ дар ҷумҳурӣ оҳиста-оҳиста ба вуҷуд омад» [115, с.10].

Бояд қайд намуд, ки соҳаҳои гуногуни кишвар хусусиятҳои хосси алоқаи худро дошт. Роҳҳои алоқаи қисми шимоли ҷумҳурӣ хуб буд, чунки ин минтақа ба ҳайати генерал - губернатории Туркистон шомил буд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар ин мавзеъ низ монеаҳои зиёде вуҷуд доштанд, Муҳаққиқ Айналов Р. ба андешаҳои хеш идома дода чунин баён доштаанд: «Ин минтақаи Тоҷикистон нисбат ба минтақаи Қӯрғонтеппа дар ҷойи нисбатан ҳамвор ҷойгир буданд ва ҳиссаи зиёди роҳҳо махсусан дар водиҳо буданд, ки ба муносибатҳои дарунию берунии аҳолии ин мавзеъ мувофиқ буданд. Аслан, дар болои дарёи Зарафшон роҳҳои муқаррарӣ набуданд. Дар ин мавзеъ роҳҳо аз роҳҳои камарборики кӯҳӣ мегузаштанд, ки он ҷо фурӯпошиҳо ва ҷойҳои танг ҳангоми ҳаракат хатар ва мушкилоти зиёдеро ба бор меоварданд. Бинобар он асосан маркабҳоро чун нақлиёти боркаш истифода менамуданд. Аз сабаби мушкилиҳо дар роҳҳои ноҳияҳо муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии хориҷӣ ва дохилиро ба таъхир меандохт» [ 115, с. 8 ].

Инчунин Айналов Р. мефармояд: «Назар ба бекигарии Қӯрғонтеппа роҳҳо дар қисмати марказиву ҷанубии Тоҷикистон хубтар буданд ва роҳҳо хокӣ буда, намуди асосии нақлиёт ҳайвоноти боркаш: шутур, асп, хар ва дигар намуд буданд. Аммо ба ин ҷанги якуми ҷаҳонӣ зарари ҷиддӣ расонид ва барои эҳтиёҷоти ҷанг даҳҳо ҳазор сар ҳайвонот равона гардида буданд» [115, с.11].

«Дар мавзеъҳои ҳамвории Бухорои Шарқӣ теппаҳои танг ва кӯҳҳо дар роҳҳои Қӯрғонтеппа - Кубодиён номи «Дандоншикан»-ро дошт» [98, с.9]. То ҳамроҳшавии Бухорои Шарқӣ ба Аморати Бухоро дар ин ҷо ҳаракати муқаррарии нақлиётӣ вуҷуд надошт.

Яке аз намудҳои асосии нақлиёти маҳаллӣ ароба буд, ки баъдтар русҳо ин ҷо аробаҳои навро оварданд, ки самараноктар буд.

Бинобар сабаби минтақаи кӯҳӣ будан, то охири асри XIX дар Бухоро аробаҳо истифода намегардиданд, ин ҷо бештар нақлиёти боркаш самаранок буд. Ба ақидаи Айналов Р.: «...дар Бухорои Шарқӣ аробаҳо аввал дар водии Ҳисор пайдо шуданд. Сипас аз ин ҷо ба минтақаи Қӯрғонтеппа ворид шуданд, гарчанде ки дар ин шаҳр танҳо бекҳо зиндагӣ мекарданд» [115, с.12].

Ҳангоми ҳаракат дар роҳҳо одамон одатан аробаи дучархаро бо чархҳои хеле баланд, ки то 30 пуд вазнро мебардошт, истифода мебурданд. Муҳаққиқ Назруллаев дар ин робита чунин менигорад: «Дар Бухорои Шарқӣ барои кашонидани ғалладонагиҳо, мол ва ғайра аз кӯҳҳо асосан аробаҳои чӯбӣ истифода мешуданд» [73, с.14-15].

Дар идомаи суханони хеш Назруллаев С. қайд кардаанд: «Дар минтақаи Қӯрғонтеппа аробаро танҳо бек дошт ва чун роҳҳои ҳамвор вуҷуд надошт, ин нақлиёт бештар истифода мегардид» [73, с.14-15].

Бухоро инчунин бо водии Фарғона тиҷорат менамуд. Дарозии умумии роҳҳои тиҷоратии Бухорои Шарқӣ аз 600 км зиёд набуд ва аз ҳама ағбаҳо гузаштан душвориро пеш меовард, Марсаков чунин овардаанд: «Ҳамин буд, ки минтақаҳои кӯҳӣ аз ҷаҳони беруна ҷудо буданд ва хоҷагиҳои табиӣ ё нимтабииро пеш мебурданд» [71, с.14].

Шарифов А. бошад чунин навиштаанд: «Кушодани роҳҳои обӣ ва сохтмони роҳи оҳан, пайдо шудани пароходҳо, баржаҳо, киштиҳо, қаторaҳо, тепловозҳо, паровозҳо ва баъдтар автомобилҳо вазъияти боркашониро беҳтар намуд» [112, с.20].

Ба ақидаи Айналов Р.: «Яке аз хусусиятҳои дигар ин пайдо шудани роҳҳои почта ва дигар намудҳои воситаҳои алоқа буд, ки дар рушди иқтисодии қаламрави Тоҷикистон саҳми бузургро доро гардид. Охирҳои асри XIX ва аввали асри XX зарурати сохтмони роҳҳои нави хокӣ пайдо шуд» [115, с.14].

Валиев М. дар ин робита нигоштаанд: «Дар қисми асосии Тоҷикистон мисли пештара роҳҳои асримиёнагии ноохбод вуҷуд доштанд» [127, с.7].

Роҳҳои онвақтаро ба роҳҳои хушкӣ ва обӣ тақсим кардан мумкин аст. Роҳҳои корвонгард ва пайраҳаҳои кӯҳӣ роҳҳои хушкиро ташкил мекарданд. Дар роҳҳои қадимии корвонгард барои истироҳату шабгузаронӣ баъзе шароитҳо мавҷуд буданд.

Воситаи нақлиёти асосии рафту омад, асосан, уштур, асп ва маркаб буд. Номукаммал будани ин намуди нақлиёт ба ҳама маълум аст ва ба исбот кардани он ҳоҷат нест. Ҳазорон нафар одамон ва ҳайвоноти бисёр бо кашондани бор банд буданд. Танҳо дар боркашонии байни Бухорои Ғарбӣ ва Шарқӣ 6 ҳазор уштур истифода бурда мешуд. Суръати ҳаракати нақлиёти онвақта хеле суст буд. Масалан, корвон аз Оренбург то Самарқанд 6 - 7 моҳ, аз Ғузор то Душанбе бештар аз ду моҳ роҳ мепаймуд. Боркашонӣ ниҳоят қимат меафтид ва ҳатто аз арзиши худи моли овардамешудагӣ якчанд баробар зиёд буд. Аз Оренбург то ба Самарқанд кашондани 1 пуд бор 2,5 сӯми тилло меафтид. Дар роҳҳои қисми ҳамвори қаламрави Тоҷикистон низ аҳвол ҳамин тавр буд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ боркашонӣ боз ҳам қимат меафтид. Дар ин ҷойҳо ба ҷои роҳ фақат пайраҳаҳои кӯҳӣ вуҷуд доштанд, ки дар онҳо ҳатто аробаҳоро ҳам истифода бурдан мумкин набуд. Борро бо қӯтос (дар Помир), маркаб ва асп мекашонданд. Дар баъзе мавридҳо ин намуди ҳайвонот ҳам аз монеаҳо гузашта наметавонистанд ва борро пуштора карда мекашонданд.

Дар натиҷаи дар давоми асрҳо истифода бурдани пайраҳаи кӯҳии хатарнок усулҳои нодири роҳсозӣ ба вуҷуд омаданд. Одамон доманаи кӯҳҳоро канда, аз масолеҳи мавҷуда қад-қади ҷариҳо роҳ кушоданро ёд гирифтанд. Ин гуна роҳҳо хеле хатарнок буданд.

Дар ноҳияҳои кӯҳӣ барои боркашонӣ, аз ҷумла маҳсулоти зироат, чигинаҳоро низ кор мефармуданд. Азбаски барои ба баландӣ кашола кардани онҳо аксар вақт ҳайвонот (қутос, барзагов) намерасид, борро дастӣ мекашониданд.

Аз сабаби ба кашондани бор мувофиқ набудани дарёҳои пурталотум роҳҳои обӣ хеле кам буданд. Ба ин нигоҳ накарда, аз қадимулайём роҳҳои

обиро низ истифода мебурданд. Дар дарёҳо ба воситаи амад шино мекарданд. Амадро ҷараёни тези дарё пеш мебурд, бинобар ин идора кардани он як кори мураккаб ва хавфноке буд. Маҳорати амадронӣ аз насл ба насл мегузашт.

Дар поёноби дарёҳои Панҷ, Вахш ва Омӯ воситаҳои мукаммалтар - қаиқҳоро истифода мебурданд. Ин қаиқҳо аз 3 тонна то 16 тонна бор бардошта метавонистанд ва онҳоро ба воситаи бел, бодбон, хода ва аз соҳили дигар истода, бо арғамчин ба ҳаракат медароварданд.

Ба ҳамин тариқ, Тоҷикистони тоинқилобӣ ҳақиқатан ҳам кишвари бероҳ буд. Ин натанҳо аз он сабаб ба амал омада буд, ки 90 фоизи қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медоданд. Сарфи назар аз шароити географӣ, сабаби асосӣ дар сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ буд. Тоҷикистон мустамликаи Русияи подшоҳӣ буд ва мардуми онро истисмору ғорат мекарданд.

Дар ҷануби Тоҷикистон соли 1887 флотилияи Амударё бо ду пароходи тамғаи «Шоҳ» ва «Малика» таъсис дода шуд, ки навигатсияи худро соли 1888 оғоз кард. Дар оянда боз якчанд пароходҳо, баржаҳо ва катерҳои нав илова гардиданд.

Ғайр аз флотилия, дар дарёҳои Амударё ва Панҷ аз Чорҷӯй то Файзободқалъа қаиқҳо бо роҳи Тирмиз – Ҷиликӯл - Қизилқалъа шино мекарданд, ки иқтидори борбардориашон аз 200 то 5 ҳазор пуд буд [98, с.10].

Сокинони Бухорои Шарқӣ дар дарёҳои Амударё, Панҷ, Вахшу Сурхоб аз гупсарҳо, машкҳо ва амадҳо истифода мебурданд. Барои ҳаракат дар Сирдарё қаиқҳо истифода мешуданд, ки дар онҳо маҳсулот ва молҳо интиқол дода мешуданд ва инчунин маъданро аз конҳои Қарамазор интиқол медоданд. Аммо бо сохтмони роҳи оҳани Тошканд ҳаракат дар Сирдарё аҳаммияти пештараи худро гум кард.

Сокинони минтақаи Қӯрғонтеппа бо қаиқҳо дар дарёи Панҷ қарибии мавзеи Чӯбек (деҳаи Боғарак) шино мекарданд. Солҳои 1894-1898 комиссияи махсуси Русия ва Аморати Бухоро ин қисми дарёро санҷида, муайян

карданд, ки агар сангҳо тоза карда шаванд, аҳолии ин минтақа аз моҳи апрел то моҳи октябр бо қаиқҳо шино карда метавонанд.Аз бойгонӣ: «Ҳамаи борҳои ба воситаи дарёҳои Тоҷикистон кашонидашуда дар як сол зиёда аз 700 000 пуд иборат буд»[19, с.61-62].

Дар ин робита дар асноди бойгонӣ омадааст: «Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ бо қувваи аҳолии маҳаллӣ ва ҷузъу томҳои аскарони сурх роҳҳои хокӣ, пулҳо, гузаргоҳҳои паромӣ барқарор карда шуданд»[19, с.65].

Моҳи августи соли 1914 ба шаҳри Хуҷанд ду автомошина дохил гардид, ки ҳаракати автомобилии байни шаҳри Хуҷанд ва истгоҳи Хуҷанди роҳи оҳани Осиёи Миёнаро пайваст менамуд ва онҳоро сокини шаҳри Хуҷанд Г.М. Юнусов овард.

То ғалабаи Инқилоби Октябр (с.1917) Тоҷикистони шарқӣ ягон нақлиёти автомобилӣ надошт.

Чӣ хеле ки маълум аст, баъди барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ҷумҳурӣ дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми рушди хоҷагии халқ, масъалаи роҳҳои нақлиётӣ ва сохтмони хоҷагиҳои роҳҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор мерафт.

Вазъияти нақлиёт боз аз он сабаб душвор буд, ки дар рафти муҳорибаҳои зидди босмачиён роҳҳои одии мавҷуда ҳам рӯ ба харобӣ ниҳода буданд. Босмачиён бисёр кӯпруку амадҳоро вайрон карда, ба ҷойи ҳезум месӯхтанд. Дар тамоми Осиёи Миёна вазъияти нақлиёт хеле бад буд, ҳаҷми боркашонӣ дар ин давра 40 фоизи дараҷаи пешазҷангиро ташкил мекарду халос.

Аз сабаби ҷараёни пуршиддати дарёҳои маҳаллӣ на ҳамаи онҳо барои киштигардӣ ва пароходӣ мувофиқ буданд. Табиист, ки нақлиёти обӣ, ба монанди дигар намудҳои алоқа, тамоми ниёзҳои иқтисодиёти минтақаро қонеъ карда наметавонист. Русияи подшоҳӣ ба ин кӯшиш намекард, зеро дар Осиёи Миёна танҳо манбаи ашёи хомро медид. Бо вуҷуди ин, ташаккул ва рушди роҳҳои обии алоқа дар Тоҷикистони пеш аз инқилоб оғоз ёфт, ки

танҳо бо ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия алоқаманд аст ва ин яке аз оқибатҳои мусбати ҳамроҳшавӣ буд.

Барои сохтмони роҳҳо мансабдорони амир деҳқононро бо зӯрӣ кор мефармуданд ва маблағҳои ночизеро, ки барои ин мақсад ҷудо карда мешуданд, ба ҷайби худ мезаданд. Бекигариҳо тамоми қудрати маъмуриро дар дасти худ мутамарказ карданд. Дар ин бора далелҳои зиёди муҳаққиқони рус шаҳодат медиҳанд.

Ҳуқуқ ва ухдадориҳои бекҳоро, - навиштааст Н.А. Бендерский, - дар Бухоро ягон қонун муайян накарда буд. Ба гуфтаи ӯ, вобастагии бек аз маъмурияти Аморати Бухоро дар пешниҳоди андозҳо буд ва дар акси ҳол, бек парвардигори комили сарзамини худ буд. Инро капитани ситоди генералӣ Снесарев низ тасдиқ мекунад. Дар асл, - менависад ӯ, - ба бекҳо аз ҷониби амир роҳбарии пурра ва беназорат дода мешуд, ба шарте, ки бек ҳар сол ба хоҷаи худ маблағи муайянро пардохт намояд.

Муҳаққиқи рус, полковник А. Галкин бекҳои Бухорои Шарқиро бо воеводаҳои руси замони Петри 1, ки ҳамаро ба итоати худ даровварда буданд, муқоиса мекунад. Муҳаққиқи дақиқназар Айналов Р. менависад: «...бекҳо ҳамон вазифаҳоро иҷро мекарданд, ки дар замони худ губернаторҳои (воли) хилофати араб иҷро мекарданд» [115, с.14].

Таҳқиқот нишон дод, ки то соли 1917 аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа тақрибан 6000 нафарро ташкил медод ва охирин беки Қӯрғонтеппа Абдуқодир Исҳоқбек сари вақт андоз ҷамъоварӣ мекард. Барои сохтмони роҳҳо аз аҳолӣ «пардохти роҳҳо» ситонида мешуд [128], аммо барои ин аз хазина ягон маблағ ҷудо карда намешуд. Рушди саноат ҳатто ғайриимкон буд. Бекҳо аз деҳқонони меҳнаткаш бераҳмона истифода бурда, танҳо дар бораи ҷайби худ, хазинаи амирӣ ғамхорӣ мекарданд ва дар бораи сохтмони роҳҳо ва пулҳо камтар фикр мекарданд. Аз ҳама хатарноктарин қитъаҳои роҳҳо дар минтақаи кӯҳӣ долонҳо буданд. Ин купрукҳо аз як қабати чӯб сохта шуда, дар болои ҷӯйборҳо гузошта шуда, бо чӯбҳо дар ғорҳо ва рахнаҳои сангҳои каҷ мустаҳкам карда мешуданд.

Минтақаҳои ҳамвор роҳҳои қулайтари алоқа доштанд, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои тиҷоратии Бухорои Шарқӣ бо Бухорои Ғарбӣ амалӣ мегардиданд. «Барои кашонидани борҳо аз Ҳисор, - менависад академик Б.И. Искандаров,- тақрибан 60 ҳазор шутур кор мекард». Бояд гуфт, ки байни Қаршӣ - Гузор ва Бухорои Шарқӣ 7 ҳазор шутур кор мекарданд, ки ба соҳибкорони хусусӣ тааллуқ доштанд. Соли 1905 баъди таъсиси «Ҷамъияти Шарқӣ» ҳаракати нақлиёт байни ду минтақаи Бухоро рушд ёфт.

Воситаи асосии алоқа дар он замон нақлиёти саворӣ ва боркаш буда, бо мушкилиҳои зиёд ба воситаи даштҳои чуқур ва барфпӯш, теппаҳои каҷ роҳ мерафтанд. Шутур борро то 16 пуд мебардошт. Асп то 8 пуд бор бардошта метавонист. Дар Бухорои Шарқӣ низ як маркаб нақши муҳим мебозид, ки бори аз 5 пуд зиёдро мебардошт.

Дар муқоиса бо Бухорои Шарқӣ ва Помир, қисми шимолии Тоҷикистон роҳҳои қулайтари хокӣ ва як гузаргоҳи паромӣ дар Хуҷанд дошт. Роҳҳо барои нақлиёти чархдор ва қисман шоҳроҳ байни Хуҷанд ва Ӯротеппа то мавзеи Черняево, аз Ӯротеппа то маҳалли Айнилма ва истгоҳи Соват, аз Хуҷанд то сарҳади уезди Қӯқанд ва ғайра сохта шуданд.

Дар ин радиф Исмоилов А. И. чунин нигоштаанд: «В.И. Ленин дар вақташ нақлиётро яке аз пойгоҳҳои асосии тамоми иқтисодиёт номида буд. Дар назди Раёсати Шурои Олии хоҷагии халқ дар бораи ба роҳ мондани баҳисобгирии мошинҳои роҳсозӣ дар Россия ва барои корҳои роҳсозӣ ҷудо кардани лоақал як миқдори ками тракторҳо масъала гузошта буд» [132, с.56-62].

Ҳукумати Шуравӣ дар тамоми марҳалаҳои сохтмони ҳукумати нави демократӣ дар мамлакат ба нақлиёт диққати доимӣ медод.

Пеш аз Инқилоби Октябр кишвари кӯҳсор мулки беҳуқуқи аморати Бухоро буд. Исмоилов А. андешаи худро давом дода овардааст: «Деҳқонон, чӣ тавре ки метавонистанд, бероҳиро барҳам доданӣ мешуданд. Онҳо бо асбобҳои одии асримиёнагӣ аз байни кӯҳҳо бо азобу машаққат пайраҳае мекушоданд» [131, с.56-62].

Гузаштан аз кӯпрукҳои ларзон (овринг)-и хасин аз ҳама хатарноктар буд. Онҳо аз шохчаҳои дарахт сохта шуда, ба мехчӯбҳои ба пастӣ ё ҷойҳои кафидаи харсангҳо задашуда баста мешуданд. Аз бисёр ҷариҳо фақат аҳолии маҳаллӣ гузашта метавонист, зеро аз кӯдакӣ тез-тез бор бардошта, аз ин кӯпрукҳои ларзон гузашта, одат мекарднад. Беҳуда набуд, ки дар наздикии ҷариҳои хатарноктарини дарёҳои Яғноб, Фон ва Панҷ дар рӯйи сангҳо навишта шуда буд, аз таҳқиқоти Исмоилов А.:  «Масофаи байни ту ва лавҳаи сари қабр як қадам аст», «Эҳтиёт бош, ки чун қатраи ашк ҳастӣ» ва ҳоказо [132, с.56-62].

Хусусан, кам будани кӯпрукҳо дар болои дарёҳои шӯхоби кӯҳӣ алоқаро душвор мекард. Кӯпрукҳои ларзони пурхатар ҳам дар ҳама ҷо набуданд. Бештар бо ёрии машк (сал) ё саноч аз як соҳил ба дигараш мегузаштанд. Шахсони соҳибтаҷриба одамон, ҳайвонот ва дигар чизҳоро ба онҳо бор карда мегузаронданд. Аз дарёҳои тезобу хатарнок гузаштан на ҳамеша бо некӣ меанҷомид.

Бинобар ин ҳам халқи тоҷик, ки тамоми умр аз бероҳӣ азоб мекашид, дар афсонаю достонҳои худ ҳамеша роҳҳои васеъро орзу мекард.

Фақат баъд аз Инқилоби Октябр ин орзу амалӣ гардид. Ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон барои тараққӣ додани иқтисодиёт ва маданият, ҳарҷониба ҳал кардани масъалаи нақлиёт ба имкониятҳои калон соҳиб шуд.

Ба ақидаи Исмоилов  А.: «Бероҳӣ дар кишвар ба тамоми чорабиниҳои хоҷагию мадании Ҳокимияти Шуравӣ халал мерасонд. Барои аз Душанбе то ба Ғарм расидан 12 -14 рӯз, то Кӯлоб - 8 рӯз, то Ҳисор ё Янгибозор (ш. Ваҳдат) - як рӯз лозим меомад» [132, с.56-62].

Мақомотҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ба дуруст ва васеъ кардани пайраҳаҳои кӯҳӣ, сохтани кӯпрукҳо ва гузаргоҳ ба дарёҳо шуруъ намуданд. Аввалин роҳи аробагард роҳи Ғузор - Душанбе шуд, ки масофаи он 290 километр буд. Душанбе ва қисми марказии ҶМШС Тоҷикистон аз ҳамин роҳ бо чизҳои зарурӣ таъмин карда мешуданд. Аммо аробаҳои калони дучарха ба ин роҳ тоб намеоварданд, аробаҳои чорчарха

бошанд, фақат дар қисмҳои ҳарбӣ буданд, бинобар ин борҳо асосан бо уштуру аспҳо кашонда мешуданд. Ин андешаро Исмоилов А. тақвият дода чунин овардаанд: «Корвонҳои дорои то 1000 уштур дар посбонии боэътимод аз босмачиён дар шароити обу ҳавои хуб ин масофаро дар зарфи 12-13 рӯз тай мекарданд. Дар роҳ як қисми борҳо, хусусан озуқаворӣ, нобуд мешуд» [132, с.56-62].

Қисмҳои сапёрии Артиши Сурх бо иштироки фаъолонаи аҳолӣ сохтмони аввалин роҳҳои автомобилгардро сар карданд. Аммо онҳо хокӣ буданд, ки бе риоя кардани талаботи қоидаҳои техникӣ бештар қад-қади пайраҳаҳо сохта мешуданд.

Дар маҷаллаи «Коммунист Таджикистан» нашри соли 1933 омадааст: «Аввалин кӯпруки аз ҷиҳати техникӣ каму беш мувофиқ соли 1922 дар пайраҳаи Пули Сангини болои дарёи Вахш (ш. Норак) сохта шуда буд. Дар он давра бунёди чунин кӯпрук кори осон набуд. Вай иродаи матин ва ҷасоратро талаб мекард. Бинокорон баъзе рӯзҳо дар зери борони тири босмачиён кор мекарданд ва басо мешуд, ки белу зоғнӯлро як тараф монда, милтиқу шоф ба даст мегирифтанд. Қисмҳои кӯпрукро одатан пешакӣ тайёр карда, онҳоро дар ҷояш пайваст менамуданд» [134, с.31].

Таҳқиқот муайян намуд, ки Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ (10 августи соли 1922) ҳамаи кумитаҳои ноҳиявӣ ва музофотро супориш дод, ки ҳамаи пулҳо ва роҳҳои қаламрави онҳоро фавран таъмир кунанд.

Назруллаев С. чунин овардаанд: «Соли 1922 дар шаҳри Хуҷанд мошини дигари сабуки чорсилиндрии маркаи «Дирак» бо чарххои чӯбӣ, равшании карбидӣ ва кузови шакли Торпедо пайдо шуд. Ин мошинро дар ш. Тошканд зодаи шаҳри Хуҷанд, яке аз аввалин ронандагони тоҷик Абдуллоҷон Шамсиев харида, ба шаҳри Хуҷанд овард» [73, с.27].

Гуфтан лозим аст, ки дар Бухорои Шарқӣ (с.1922) ҷанги шаҳрвандӣ мерафт, бинобар он уҳдадории боҷӣ низ амалӣ гардид. Вобаста ба шароити ҷанг, зарурати истифодаи ҳайвоноти боркаш (аспҳо, маркабҳо, шутурҳо) ба миён омад. Аз ҳамин сабаб аз аҳолӣ ҳайвоноти боркашро гирифта, ба

ихтиёри командири гарнизонҳо ва раисони кумитаи инқилобӣ доданд. Аз бойгонӣ: «Аммо бисёр вақтҳо ҳайвоноти боркашро ба аҳолӣ барнамегардонданд. Ин омили паст гардидани шумораи ҳайвоноти боркаши сокинони маҳалҳо гардид, ки дар натиҷа, нақлиёти кории аҳолӣ кам гардид» [2, в.7].

Бояд қайд кард, ки дар оғози қарни бист дар кишвар аҳолӣ аз роҳҳои барои нақлиёти чархдори соҳили чапи Амударё: Саройкамар – Чӯбек – Анҷироб – Зиғер – Қалайхумб - Қалай Вомир ва аз якчанд гузаргоҳҳои кӯҳӣ мегузашт.

Муҳақиқи тоҷик Шарифов А. роҳи аз шаҳри Деҳнав то Ҳисорро 115 километр мегӯяд: «Роҳ дар паси Кофарниҳон аз якчанд гузаргоҳҳои кӯҳӣ мегузарад. Роҳ аз қаламрави Тоҷикистони ҳозира то Ҳисор, баъд ба Қубодиён то Айвоҷ 186 верст мебошад, роҳҳои Файзобод – Қӯрғонтеппа - Саройкамар 174 верст; Ғарм – Қӯрғонтеппа – Чӯбек 197 верст; Тутқавул – Балҷувон – Ката 77 верст ва ғайра» [100, с.15].

Аз таҳқиқот маълум гардид, ки аҳолии кишвар аз замонҳои қадим тавассути роҳҳо, гузаргоҳҳо, даштҳо ва ҳамвориҳои чуқури кӯҳии байни Дарвоз -Қӯрғонтеппа, Шуроободод - Қӯрғонтеппа, Қӯрғонтеппа – Сағирдашт - Қалайхумб мегузаштанд.

Пеш аз Инқилоби Октябр дар кишвар камтар роҳҳои хокӣ дар шимол ва дар Хуҷанд гузаргоҳи паромӣ вуҷуд дошт. Сохтмони роҳҳои хокӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои бистуми асри XX оғоз ёфта, отрядҳои ҳарбӣ-роҳсозӣ дар кишвар ба сохтмони роҳҳои хокӣ шуруъ карда, роҳҳои байни ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишинро таъмир намуда, ба сохтмони роҳҳои хокӣ таваҷҷуҳи зиёд зохир менамуданд.

Пеш аз таъсиси Ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон воситаҳои асосии меҳнат дар хоҷагии қишлоқ омоч, дос ва кетман буданд, зиёда аз чоряки хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳатто чорвои корӣ надоштанд.Бо ёрии кетманҳо ва белҳо деҳқонон бо душворӣ дар канори сангҳо роҳҳои камшуморро тоза мекарданд.

Яке аз сабабҳои асосии монеа барои сохтмон ва рушди роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа мубориза бар зидди басмачигарӣ буд. Дар аввали солҳои 20-ум дар минтақаи Қӯрғонтеппа гурӯҳҳои босмачии Бурихон ҷангу ҷидол мекарданд. Ба аҳолии минтақаи Қӯрғонтеппа дар мубориза бо душманон халқи рус кумак кард. Моҳи августи соли 1922 гурӯҳҳои Анварпошшо, Салимпошшо ва Давлатмандбий нобуд карда шуданд [128].

Тавре дар боло зикр гардид, Тоҷикистон кишвари кӯҳистон мебошад, танҳо 7 фоизи қаламрави онро водиҳо ташкил медиҳанд. Роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ ягона воситае буданд, ки минтақаҳо ва шаҳрҳои кишварро бо ҳам мепайвастанд. Роҳҳо барои таъмини ҳаракати мунтазам пешбинӣ шуда буданд ва бе робитаҳои пешрафтаи нақлиётӣ фаъолияти ягон соҳаи хоҷагии халқ, хусусан таъмини талаботи иқтисодӣ ва фарҳангии коргарон, амалӣ намегардид. Инчунин, робитаҳои маъмурӣ-сиёсӣ бо ҳамаи маҳалҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ таъмин гардид.

То Инқилоби Октябр қисми зиёди Тоҷикистон (Бухорои Шарқӣ) мулки амири Бухоро буд. Дар ин ҷо роҳҳои корвонӣ дар биёбон ҳукмрон буданд, ки дар болои ғорҳои кӯҳҳо, дарёҳои кӯҳии пурталотум ва қувваи ҷисмонии инсон ва ҳайвонот ин воситаҳои асосии нақлиёте буданд, ки Тоҷикистони пеш аз инқилоб дошт. То замони пирӯзии Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон аслан роҳҳои автомобилӣ вуҷуд надоштанд. Он роҳҳои ибтидоии алоқа, ки дар давраи пеш аз инқилоб истифода мешуданд, дар тули асрҳо таҳаввулоти назаррасро аз сар нагузарониданд ва қариб бетағйир аз як қатор давраҳои таърихӣ гузаштанд. Дар ҳоле ки дар маркази Русия ва бисёр кишварҳои хориҷӣ дигар намуди нақлиёт аллакай кофӣ буданд, дар Бухорои Шарқӣ шабакаи роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ ва ҳаракати паровоз пайдо шуд. Бронштейн Я. Т. ва Замонов А. Н. навиштаанд: «Аммо сокинони Бухорои Шарқӣ ҳатто нақлиёти механикиро намедонистанд ва нақлиёти одии чораспа дар як қатор ноҳияҳо ҳатто набуд» [52, с.10].

Онҳо андешаи худро идома дода баён доштаанд: «... мушкилоти асосии Тоҷикистон ҳангоми оғози таъсиси Ҳокимияти шуравӣ ин нақлиёт

буд, ки бе он сохтмони хоҷагидорӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ пеш намерафт» [52, с.15]. Вазифаи сохтмони роҳҳои чархдор, сохтмони пулҳо ба зиммаи ҳукуматдорон буд, ки бе он чорабиниҳои Ҳокимияти шуравӣ наметавонистанд воқеан амалӣ карда шаванд. Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ асосан бо қувваи аҳолии маҳаллӣ ва ҷузъу томҳои ҳарбӣ роҳҳо, пулҳо ва гузаргоҳҳои паромӣ сохта мешуданд.

Бо таъсиси Ҳокимияти шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ бояд, ки масъалаи нақлиёт ҳал карда мешуд. Вале, бо сабаби идомаи ҷангҳои шаҳрвандии инқилобӣ, ҳатто роҳҳои ибтидоии алоқа хеле хароб карда шуданд. Бисёре аз пулҳои чӯбӣ ва паромҳои дарёҳо нобуд карда шуданд.

Бо назардошти аҳаммияти муҳимми хоҷагии роҳ, Ҳукумати шуравӣ тамоми чораҳоро барои механизатсияи нақлиёт ва роҳҳои хокӣ андешид. Назруллаев С. гуфтаанд: «Дар солҳои 1920-1921 аввалин кӯшиши барқарорсозӣ ва сохтмони роҳҳои хокӣ дар Осиёи Миёна сурат гирифт» [73, с.69].

Корҳо аз ҷониби отрядҳои ҳарбӣ-роҳӣ бо супоришҳои фармондеҳии фронт дар қисмҳои муҳимтарини шабакаи роҳҳо гузаронида шуданд.

Ҳамин тариқ, дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ аз сарзамини бероҳ Тоҷикистон ба ҷумҳурии бо шабакаи роҳҳои автомобилгард пӯшонидашуда табдил ёфт, ки дорои тамоми намудҳои нақлиёти муосир гардид. Ин яке аз омилҳои асосии рушди бемайлони иқтисодиёт ва фарҳанги кишвар гардид. Рушди суръатноки сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ бо дастгирии давлатӣ таъмин карда шуд, ки ба ташаккули шабакаи роҳу нақлиёт дар давраи баррасишаванда оварда расонд ва барои рушди минбаъдаи иқтисодии кишвар, аз ҷумла минтақаи Қӯрғонтеппа, замина гузошт.

Муаррих Шарипов Я. овардаанд: «Соли 1922 роҳбарияти вазорати роҳҳо аз нав ташкил карда шуд. Роҳҳо ба роҳҳои аҳаммияти давлатӣ ва маҳаллӣ тақсим карда шуда, идоракунии роҳҳои давлатӣ ба Комиссариати халқии роҳҳои алоқа (НКПС) ва мақомоти маҳаллии он идораи нақлиёти маҳаллии ноҳияи Туркистон (Туркомес) вогузор гардид. Бояд гуфт, ки қисме

аз идораи роҳҳо ба идораи иҷроияҳои шуроҳои маҳаллии ҶШХ Бухоро вобаст гардид. Роҳбарияти Ҳукумат ба чунин хулоса омаданд, ки роҳҳои давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва роҳҳои маҳаллӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ нигоҳ дошта мешуданд» [98, с.15].

Дар китоби «Очеркҳо таърихи халқи Тоҷикистон» соли нашри 1967 омадааст, ки: «... 10 августи соли 1922 Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ (дар робита ба вазъияти ташвишовар, ҳокимият дар Бухорои Шарқӣ ба Комиссияи фавқулодаи диктатории КИМ (ЦИК – Центральный Исполнительный Комитет – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ) Бухоро, ки моҳи январи соли 1922 таъсис ёфта буд, дода шуд) ба кулли кумитаҳои инқилобии ноҳия ва музофотҳо супориш дод, ки тамоми пулҳо ва роҳҳои қаламравашонро таъмир намоянд» [87, с.13].

Раиси Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ оид ба Бухорои Шарқӣ Ҳ.Ҳакимов дар соли 1922 дар суҳбат бо нозир оид ба корҳои ҳарбии Бухоро хабар дод: «Масъалаи нақлиёти Бухорои Шарқӣ дар ҳолати даҳшатнок қарор дорад. Ин ба он сабаб буд, ки соҳибони нақлиёт барои аспҳо, маркабҳо, шутурҳо мукофотпулӣ намегиранд. Дар ҷаласаи Иҷроияи КМ Ҳизби Коммунистии Бухоро 7 июни соли 1923 қарор қабул карда шуд, ки дар он гуфта мешуд, аз китоби «Очеркҳо таърихи халқи Тоҷикистон» соли нашри 1967 «... таваҷҷуҳи махсуси КМ пешниҳод мекунад, ки маъракаи «дошта гирифтан», ки ҳоло васеъ истифода мешавад, аз байн бардошта шавад» [87, с.270].

Муҳаққиқи дигар Саидов Х. чунин овардааст: «Соли 1923 дар ИҶШС ҷамъияти ихтиёрии умумииттифоқии флоти ҳавоӣ «Добролет», ки вазифааш ташкили алоқаи ҳавоӣ буд, таъсис дода шуд. Ҷамъияти «Добролет» аллакай ба минтақаҳои канори Иттиҳоди Шуравӣ - Шарқи Дур ва Осиёи Миёна парвоз намуд. Маҳз кӯшишҳои ҳамин ҷамъият буд, ки 3 сентябри соли 1923 парвози аввалин аз тариқи хатти Бухоро – Тирмиз - Душанбе сурат гирифт» [110, с.24].

Роҳбарияти онвақтаи ҶХШ Бухоро ревкомҳо ва сардорони гарнизонҳоро маҷбур намуд, ки тамоми аспҳо, маркабҳо ва шутурҳоеро, ки доштанд, дар муддати 3 шабонарӯз ба нуқтаҳои нақлиётӣ ҳозир намоянд. Комиссия дар ҳайати сардорони гарнизон, ревкомҳо ва сардорони нақлиёти почта таъйин гардида буданд.

Аз рафти таҳқиқот маълум гардид, ки дар солҳои аввали асри XX вилояти Қӯрғонтеппа дорои 10 ҳазор км роҳҳои нимвайроншудаи боркаш ва ҷӯйборҳо, инчунин пулҳои камшумор буд. Бинобар он сохтмони роҳҳо ва таъмин намудани нақлиёт яке аз омилҳои пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон буда, нақлиёт рамзи рушди иқтисодӣ дар кишвар буд.

Саидов дар идомаи суханони худ баён доштааст: «Бо қарори КИМ ИҶШС дар бораи тақсимоти миллию ҳудудии Осиёи Миёна аз 27 октябри соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил карда шуд. 26 ноябри соли 1924 ҳукумати муваққатии Тоҷикистони Шуравӣ Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистонро таъсис дод, ки Нусратулло Махсум раиси он таъин гардид. Средазбюрои КМ РКП(б) моҳи декабри соли 1924 мақоми муваққатии роҳбарикунандаи ҳизбии ҷумҳуриро Бюрои ташкилии ҲК(б) Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон таъсис дод, ки котибони ӯ Чинор Имомов ва С.М. Соколов буданд» [ 110, с. 35 ].

ҶМШС Тоҷикистон аз се минтақаи шадидан ҷудошудаи Тоҷикистони Шимолӣ, Ҷанубӣ ва Помир иборат буд. Рафтуои нақлиётӣ байни минтақаҳо танҳо ба воситаи роҳҳои корвонӣ амалӣ мегардид. Масалан, муҳақиқ Каримов Б. Б. чунин навиштаанд: «Қаламравҳое, ки аз собиқ ҶХШ Бухоро ба ҶМШС Тоҷикистон гузаштанд: вилоятҳои Ғарм, Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, инчунин Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2 январи соли 1925 ташкил шуда буданд, ки дар ин минтақаҳо бероҳӣ буд» [68, с.3].

Дар китоби «Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г.» омадааст: «Оғози сохтмони роҳҳо дар солҳои аввал аз ҷониби қисмҳои

Артиши Сурх ва аҳолӣ ба амал омад, ки ин асосан барои қисмҳои ҳарбӣ зарур буд» [146, с.75].

Ҳамин тавр, аз моҳи апрели соли 1925 то моҳи феврали соли 1926 ба воситаи Амударё ба Саройкамар 120 ҳазор пуд бор интиқол дода шуд. Бо ин ду роҳ мавод ва мошинҳои кишоварзӣ, таҷҳизоти чопӣ, техникаи корхонаҳои саноатӣ, хӯрокворӣ, мануфактура, хаймаҳо барои сохтмончиён ва ғайра интиқол дода мешуданд. Дар китоби «Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г.» омадааст: «Корвонҳо дар ҳамвориҳои шӯразамин, регҳо, тавассути дарахтони қамиш ҳаракат мекарданд. Корвонҳои иборат аз 200-300 ва баъзан тақрибан ҳазор шутур аз роҳи Гузор - Душанбе бо масофаи 2 километр бо муҳофизон ҳаракат мекарданд» [146, с.69].

Дар соли 1925 бо қувваи баталони сапёрии корпуси XIII роҳи Ғузор - Душанбе сохта шуд, ки аз он нахустин корвони автомошинҳо ба Душанбе омад. Дар соли 1926 бошад, роҳи автомобилгард шаҳри Тирмизро бо Душанбе пайваст.

Дар маҷаллаи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст: «Соли 1925 дар асоси қарори Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон сохтмони роҳҳои бесангфарши (хокии) мошинагарди Душанбе - Қӯрғонтеппа, Душанбе - Янгибозор (Орҷоникидзеобод), Душанбе - Варзоб ва Душанбе - Ленинобод сар шуд. Аммо вазифаи асосии он давра сохтмони роҳи оҳани Душанбе - Термиз буд, ки вай мебоист алоқаи эътимодноки хоҷагии халқи мутараққии ҶМШС Тоҷикистонро бо иқтисодиёти пуриқтидори Иттиҳоди Шуравӣ таъмин мекард. Комитети Марказии Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шуравӣ қарор қабул карданд, ки роҳи оҳани Тирмиз - Душанбе аз ҳисоби бюджети иттифоқӣ сохта шавад. Соли 1922 дар рафти мубориза бо босмачиён қисмҳои Артиши Сурх талафоти калон доданд» [134, с.9].

Барои вилояти Қӯрғонтеппа автомобил (с.1925) нақлиёти ҳозиразамон ба шумор мерафт. Яке аз вазифаҳои муҳим оид ба сохтмони роҳҳои нақлиётӣ

дар соли 1926 ин таъмир намудани роҳи Саройкамар (н. Панҷ) - Қӯрғонтеппа буд, ки барои ҳаракати автомобилӣ имкон медод.

Дар қад-қади роҳҳои Саройкамар - Қӯрғонтеппа ба маблағи 380 ҳазор сӯм сохтмони роҳҳо ба ҷо оварда шуд. Ба комитети иҷроияи шаҳри Қӯрғонтеппа таклиф карда шуд, ки имтиёзҳо ба андози давлатии саноатӣ ба маблағҳои маҳаллӣ дар ихтиёри Шурои Комиссарони Халқ ба фонди роҳсозӣ ҷудо карда шавад. Дар кашондани бор нақлиёти дарёии ҷануби кишвар саҳми алоҳида мебозад. Бандарҳои асосӣ дар қаламрави Тоҷикистон Панҷи Поён, Айваҷ, Файзобод - Қалъа буданд. Ба ин ҷо қариб ҳамаи борҳо аз бандари Тирмиз (Ӯзбекистон) меомаданд. Бандари Панҷи Поён бо истгоҳи роҳи оҳани камбар алоқаманд буд. Ду бор кашондани борҳо (аз роҳи оҳан ба об ва аз об ба нақлиёти автомобилӣ ё нақлиёти камбар) хароҷоти боркашониро бо истифода аз дарёи Панҷ хеле зиёд мекард.

Аз ин рӯ, аз соли 1925 таҳқиқот ва васеъ кардани роҳи асосии магистралӣ оғоз ёфт, ки дар он ҷараёни асосии борҳо мегузашт. Моҳи августи соли 1925 комиссияи махсус бо муайян кардани иқтидори интиқоли мол ба Душанбе тавассути роҳи кӯтоҳтарин тавассути Самарқанд - Панҷакент машғул буд.

Ин вазъ зарурати истифодаи тамоми қувваи худро ба вуҷуд овард. Бояд қайд намуд, ки таърихи сохтмони роҳҳо дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон якчанд марҳила дошт. Ба гуфтаи Нақиб Саид: «Марҳилаи аввали сохтмони роҳҳо солҳои 1924-1929 буд. Дар ин марҳила асосан сохтмони роҳҳои хокӣ дар самтҳои асосӣ ва таҷдиди роҳҳои боркаш барои нақлиёти чархдор хос буд» [78, с.26].

Муҳлати кушодани ҳаракати автомобилӣ муқаррар карда шуд: то 1 августи соли 1925 то Регар, то 1 сентябр то Қаротоғ, то 1 октябр то Шаҳринав ва то 1 ноябр то Душанбе. Дар ин роҳ аз Тирмиз ба Душанбе аввалин мошин омад. Баъдтар пайдоиши аввалин мошинҳо дар Хуҷанд, Хоруғ, Панҷакент, Ӯротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Исфара, Қӯрғонтеппа, Ғарм, Қалъаи Хумб ва дигар ҷойҳо ҷашни тантанавӣ буд. Дар ҳамаи маҳалҳои

аҳолинишини Тоҷикистон насли калонсол омадани автомошинаро хуб дар ёд дорад. Одамони шуравӣ мошинро «Шайтонароба» меномиданд. Инҳо мошинҳои камқуввати тамғаи «АМО» бо кабинаҳои брезентӣ ва чарххҳои чӯбӣ буданд, ки боркашонии оммавиро иҷро карда натавонистанд. Дар байни ронандагони аввал Н. Зайтсева ва ғайраро номбар кардан мумкин аст.

Дар роҳи худ отрядҳои ҳаракаткунандаи мошинҳо ва роҳҳо, нақлиёти нав - автомобил мушкилоти зиёдеро аз сар гузарониданд. Дар он ҷо пулҳо тамоман вуҷуд надоштанд ва аввалин мошинҳоро тавассути ҷараёнҳои пуршиддати об бояд ба таври возеҳ бо даст мекашиданд.

«Масъалаи суръати сохтмони роҳҳои вилояти Қӯрғонтеппа дар ҷаласаи бюрои ҲК(б) Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ноябри с. 1925) баррасӣ гардид. Бояд қайд намуд, ки ба сохтмони роҳҳо кооперативҳо, сарбозони Артиши Сурх ва шахсони алоҳида ҷалб гардиданд» [110, с. 8].

Муҳаққиқ Саидов Х. чунин овардааст: «Соли 1926 роҳи Саройкамар - Қӯрғонтеппа барои нақлиёти автомобилӣ таъмир ва омода карда шуд. Дар асоси нақшаи ояндаи сохтмони роҳҳо дар солҳои 1926-1931 аз тарафи кумитаи инқилобӣ 380311 рубл ҷудо карда шуд» [110, с.12].

Аз бойгонӣ: «Сохтмони роҳҳои маҳаллии вилояти Қӯрғонтеппа ба нақшаи дуюм дохил гардида буд. Аммо ин нақша бинобар сабаби ба назар нагирифтани таҳқиқоти пешакӣ ва имкониятҳои воқеӣ иҷро нашуд. Муҳлати иҷрои он якчанд маротиба мушаххас карда шуд» [16, в.99].

Аз бойгонӣ: «Дар соли 1926 дар ҶМШС Тоҷикистон 138 км роҳҳои нақлиёти автомобилӣ, 201 км роҳҳои хокӣ ва 1354 км роҳҳо барои нақлиёти боркаш мавҷуд буд. Дарозии роҳҳо барои нақлиёти боркашонӣ дар ҷумҳурӣ дар охири соли 1929 1337 км ва роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ 648 км буд» [ 16, в. 100 ].

Бинобар сабаби оид ба ҳолати роҳҳо маълумоти муфассал вуҷуд надоштан, Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон 13 сентябри соли 1926

қарори «Дар бораи тафтиши шоҳроҳҳои (трактҳо) почтавии Душанбе – Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл, Сарой - Кӯлоб»-ро қабул кард.

Аз бойгонӣ: «Баъди таҳқиқот барои иҷрои нақшаҳои сохтмони роҳҳо дар соли 1926 1.023.273 рубл ҷудо гардид ва аз он 353273 рубл аз буҷети Комиссариати халқии роҳҳо ва 670 ҳазор рубл аз буҷети ҷумҳурӣ буд. Қарори Кумитаи инқилобӣ аз 9 июли соли 1926 барои ба охир расидани роҳҳои Сарой - Кӯлоб аввали апрел ва роҳҳои Тирмиз – Қубодиён – Ҷиликӯл - Кӯлоб аввали октябри соли 1926 муайян гардид» [17, в.98]. Аммо ин роҳҳо бо маводи сахт пӯшонида нашуда буданд ва хеле зуд аз кор баромада, хароҷоти зиёдро тақозо менамуданд.

Дар вилояти Қӯрғонтеппа дар фаслҳои зимистону баҳор роҳҳои хокӣ бадтар шуда, гузаргоҳҳо баста мешуданд. Сохтмони роҳҳо бо усулҳои ибтидоӣ сурат гирифта, тозакунии роҳҳо дастӣ анҷом меёфт.

Дар иртибот ба қазия муҳаққиқ Шарифов А. менависад: «Бори нахуст дар вилояти Қӯрғонтеппа техникаи роҳсозӣ дар сохтмони роҳи Ҷиликӯл – Саройкамар - Кӯлоб (240 км) истифода гардид» [100, с.18].

Алиева Л. Ш. дар мақолаи хеш чунин овардааст: «То моҳи апрели соли 1926 сокинони Тоҷикистони Ҷанубӣ барои шино кардан дар дарёҳои Панҷ, Вахш ва Сурхоб аз гупсарҳо (аз пӯсти бузу гӯсфанд тайёркардашуда) истифода мебурданд, баъди ин дар дарёҳои вилояти Қӯрғонтеппа барои боркашонӣ пароходҳои тамғаи «Тоҷикистони Сурх» (иқтидори борбардориаш 4800 пуд), пароходҳои тамғаи «Белуга» ва «Троитский» иқтидори борбардориашон 33 - тоннагӣ ва кашонидани мусофирон 60 - нафарӣ ҳаракат менамуданд. Ғайр аз ин ду қаиқи куҳнаи борбардориашон 12 ҳазор пуд низ шино мекарданд. Ҳамаи ин қаиқҳо аз артиш харидорӣ гардида буданд. Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Тоҷикистон пароходи нави иқтидори борбардориаш 35 тоннаро бо арзиши 80 ҳазор рубл харид. Иттифоқи «нақлиёти қаиқҳо» ҳазорҳо қаиқронҳоро дар бар мегирифт [159, с.89-90].

Роҳҳои хокӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз аз замони ташкили ҶМШС Тоҷикистон ба сохтмон шуруъ карданд. Соли 1926 идораи «САЗОМЕС» барои сохтмони роҳҳои хокии Сарой - Кӯлоб – 107 км, 29350 рубл ҷудо намуд.

Бояд гуфт, ки идораи нақлиёти мавзеи Туркистон ба Идораи нақлиёти мавзеи Осиёи Миёна дар ш. Тошканд табдил дода шуд. Солҳои 1923-1924 дар мамлакат дар ихтиёри идораи «САЗОМЕС» 4900 км роҳҳо мавҷуд буданд, ки дар қиёс бо соли 1922 1,5 маротиба афзоиш ёфта буданд. Ҳамзамон, барои бозсозӣ ва сохтани ҷодаҳои нав дар ин давра 120 ҳазор рубл ҷудо карда шуда буд [159, с.89-90]. Ин ташкилот корҳои зиёдеро дар заминаи роҳсозӣ ба сомон расонидааст.

Яке аз чунин роҳҳои почта, ки барои ҳаракати чархҳо мутобиқ карда шудааст, шоҳроҳи Ғузор - Душанбе буд, ки тамоми таъминоти ш. Душанбе ва қисми марказии Тоҷикистон ба воситаи он амалӣ карда мешуд. Аммо аробаҳо чунин роҳро тоб наоварданд ва аробаборкашҳо танҳо дар қисмҳои ҳарбӣ буданд, интиқоли борҳо асосан ба воситаи шутур ё асп сурат мегирифт.

Муҳаққиқ Нақиб Саид овардааст: «Корвонҳои шутур бо шумораи то 1000 шутур дар зери ҳимояи боэътимод аз босмачиҳо ин масофаро дар ҳавои хуб дар 15 рӯз тай мекарданд. Қисми борҳо, хусусан борҳои хӯрокворӣ, дар роҳ вайрон мешуданд ва тахтаҳо, чӯбҳо, ки як пояаш ба камарбанди шутур баста шуда буданд, дар роҳ аз тарафи дигар 0,5-10 м овезон буданд, кашонида мешуданд» [78, с.25].

Илова бар ин, борҳо ба ҶМШС Тоҷикистон аз ҷониби Тирмиз тавассути Амударё ва роҳи хокӣ аз Фарғона ба Ғарм, инчунин аз самтҳои Ғузор - Душанбе, Самарқанд - Панҷакент, Урсатевск – Ӯротеппа - Обурдон, Тирмиз – Қубодиён – Ҷиликӯл – Саройкамар – Файзободқалъа – Сарой - Кӯлоб ворид карда шуданд. Нуқтаи марказии роҳ барои автомошинаҳои чархдор ноҳияи Ҷиликӯл ба шумор мерафт, чунин Назруллоев С. навиштааст: «Роҳҳои боқимонда, роҳҳое буданд, ки ҳаракат дар онҳо вақти

зиёдро талаб мекард ва нархи бор барои як пуд бор хеле баланд буд ва дар баъзе қитъаҳо то 7, 10 ва 12 рубл барои як пуд мерасид» [73, с.30].

Ҳалли вазифаҳои хоҷагидории дар назди ҷумҳурии ҷавон гузошташуда талаб мекард, ки ин минтақаи ақибмондаро бо тамоми кишвар ва пойтахти он, бо тамоми гӯшаҳои дурдасти ҷумҳурӣ пайваст карда, бо ин роҳи рушду тараққии якнавохти тамоми минтақаҳои кишварро таъмин намоянд. Мо хуб медонем, ки барои кишвари кӯҳистонии мо ва куллан, дар рушду инкишофи иқтисодии дилхоҳ кишвар роҳу ҷода аҳаммияти стратегӣ доранд. Роҳ ва он ҳам роҳҳои ҷавобгӯ ба стандартҳои байлналмилалӣ асос ва пояи рушд ва тараққии ҳамаи кишварҳо маҳсуб меёбад.

Аз соли 1926 сохтмони нақшавии роҳҳои автомобилӣ, гузаргоҳҳои паромӣ ва пулҳо оғоз ёфт. Нақшаи ояндадор барои солҳои 1926-1931 тарҳрезӣ шуд. «Хароҷоти сохтмони роҳҳои аҳаммияти давлатӣ барои соли 1926 аз ҷониби Ревком дар ҳаҷми 380311 рубл тасдиқ карда шуд» [7, в.99]. Дар маҷмуъ, сохтмони 2440 км, аз он бевосита дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон 2050 км, пешбинӣ шуда буд.

Дар ин солҳо ба хотири роҳандозии ин соҳа ва рушду тараққӣ додани он гомҳои ғайримаъмулӣ низ бардошта мешуданд, ба он маъно, ки гоҳан, дар масири баргардони маблағҳо аз самтҳои дигар ба ин самт тасмимҳое гирифта мешуд ва бо ин роҳ такон додани тамоми соҳаҳои иқтисоди кишвар мумкин мегардад.

Дар соли 1926 ҳамаи аробаҳо ва корвонҳо аз роҳи ҳарбии Ғузор-Душанбе ва дарёи Вахш дар рӯзҳои 1 ва 15-уми ҳар моҳ ҳаракат мекарданд.

Корҳо оид ба сохтмони роҳҳои хокӣ барои техникаҳои чархдори Душанбе - Қӯрғонтеппа, Душанбе - Янгибозор, Душанбе - Варзоб, Душанбе -Хуҷанд оғоз ёфт. Дар моҳи сентябри соли 1926 ҳаракати автомобилӣ байни Душанбе - Янгибозор кушода шуд. Дар дарёи Кофарниҳон дар Янгибозор паром сохта шуд. Аз бойгонӣ: «Дар ин давра дар болои дарёи Варзоб дар наздикии шаҳри Душанбе, дар дарёи Вахш дар наздикии ноҳияи Арал

(ҳозира н. Ҷомӣ) ва дар Кофарниҳон дар роҳи Қубодиён - Тирмиз пулҳо сохта шуданд» [4, в.18].

Аз бойгонӣ: «Ба иштирок дар сохтмони роҳҳо бевосита тоҷирон ва ташкилотҳои кооперативӣ, қисмҳои Артиши Сурх, оммаи коргарон ва шахсони хусусӣ ҷалб карда шуданд. «Ҷамъияти мусоидат ба кори роҳ» роҳандозӣ карда шуд» [4, в.18].

Чун перомуни вазъу ҳолати ҷода ва роҳҳо ва интиқоли молу маҳсулот ахборе дар даст набуд, Ревкоми ҶМШС Тоҷикистон 13 сентябри соли 1926 «Дар бораи тафтиши шоҳроҳҳои почтавии Душанбе – Қӯрғонтеппа – Ҷиликӯл – Сарой - Кӯлоб» қарор қабул кард [124]. Бар пояи ин қарор гурӯҳи корӣ бояд ин мавзуъро омӯхта, ба Ревком гузориш пешниҳод менамуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки омӯзиш дар ин масир нишон дод, ки барои соли 1926 мутобиқ ба нақшаҳои тарҳрезишуда бобати сохтан ва тармими роҳҳо ба миқдори 1023273 рубл ҷудо карда шуд. Барои он замон ин маблағи ҳангуфте буд ва чун низом дурустҳисобӣ чида шуда буд, кулли ин маблағ дар ин самт масраф шуд ва дар ниҳояти кор натиҷаҳо хеле назаррас буданд. Албатта, ин маблағ барои кулли кишвар буд ва ҳиссаи Тоҷикистон дар он 353272 рублро ташкил медод, ки он аз ҳисоби Комиссариати халқии роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон ва 670 ҳазор рублаш аз ҶМШС Тоҷикистон буд [124].

Ҳамчунин барои беҳтар ба роҳ мондани корҳо дар ин самт ва ноил шудан ба дараҷаҳои назаррас ва тақвияти корҳо дар шоҳроҳи Сариосиё - Душанбе, Саройкамар - Кӯлоб, Душанбе – Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл 67 ҳазор рубл ҷудо карда шуд. Як нуктаро дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки Ҳукумати вақт ҳамаи корҳоро мутобиқ ба нақшаи муайян, иҷро мекард ва ин барномарезӣ ва нақшакашӣ ҳусни тамоми корҳо буд. Чун мушаххас буд, ки кадом корҳо дар кадом муҳлат бояд иҷро шаванд. Аз бойгонӣ: «Тирмиз – Деҳнав - Душанбе, Сарой - Кӯлоб аввали апрел; Самарқанд - Панҷакент, Янгибозор -Ғарм, Ӯротеппа – Обурдон – Панҷакент - Душанбе

аввали август; Тирмиз –Қубодиён – Ҷиликӯл - Кӯлоб - якуми октябри соли 1926» [5, в.291-292].

То соли 1926 дар ҳудуди ҷумҳурӣ на ин, ки роҳи автомобилгард, балки худи автомобил набуд. Роҳҳо каҷу килеб, пасту баланд ва пурхатар буданд. Роҳҳое, ки қисмҳои муҳандисии Артиши Сурх дар вақти муборизаи зидди босмачиён сохта буданд, муваққатӣ буданд. Нахустин роҳи автомобилгард - роҳи Тирмиз - Душанбе буду халос.

Сохтмони роҳҳои бесангфарши Душанбе - Янгибозор (Орҷоникидзеобод); Душанбе - Қӯрғонтеппа, Қӯрғонтеппа – Ҷиликӯл - Сарой Камар сар мешаванд.

Аз ҷумҳурии автономӣ ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Тоҷикистон ба истифода додани роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе - Янгибозор, киштукори заминҳои нави пахтакорӣ, зиёд шудани заминҳои корам ва тараққии хоҷагии халқ боиси тезонидани корҳои боркашонӣ гардиданд. Роҳҳои пештара акнун ба талабот ҷавоб дода наметавонистанд. Бинобар ин дар минтақаҳои муайян сохтмони роҳҳои сангфарш зарур шуда монд.

Аз бойгонӣ: «То 1 октябри соли 1926 ҶМШС Тоҷикистон 138 км роҳҳои барои ҳаракати автомобилҳо мувофиқ, 201 км роҳҳо барои техникаҳои чархдор ва 1354 км роҳҳои боркаш дошт. Тули ин роҳҳо то поёни соли 1937 1337 км-ро ташкил медоданд» [25, в.2].

Вақте ба таърихи оғози корҳо дар самти роҳсозӣ дар қисмати ҷануби ҷумҳурӣ назар меандозем, мебинем, ки дар қарорҳои ШКХ ҶМШС Тоҷикистон омадааст, ки роҳсозӣ дар ин минтақаи кишвар аз санаи 20 январи соли 1927 оғоз гардидааст. Ҳамон тавре мо болотар қайд кардем, роҳу ҷодаҳои барои кишвари кӯҳистони мо, ки дигар намуди нақлиётҳо дар он ҳанӯз инкишоф наёфта буд ва шакли суннатӣ дошт, хеле муҳим буд. Кишвари кӯҳистонии мо шароити сахт ва роҳҳои пурхатар дошт ва дар ин минтақа сохтмони роҳи автомобилӣ аз ҳар назар дорои манфиат ва суди калон буд. Аз ин рӯ, билофосила пас аз истиқрори Давлати Шуравӣ ҳокимони вақт ин масъалаи муҳимро дарк карда, ба сохтмони роҳҳо шуруъ

карданд. Сарфи назар аз он ки дар он солҳо унсурҳои аксулинқилобӣ ба ҳар роҳу восита пеши роҳи прогрессу тараққиро мегирифтанд ва ҳар гуна садду монеаҳо эҷод мекарданд, роҳсозӣ ва тармими роҳҳои қаблии сангӣ бо маром идома меёфт.

1 феврали соли 1927 дар ҶМШС Тоҷикистон идораи роҳсозӣ ташкил карда шуд. Дар 9 моҳи соли 1927 ҳукумат сохтмони роҳро дар ҳаҷми 422000 рубл ва НКПС дар ҳаҷми 346851 рубл маблағгузорӣ кард. Илова бар ин, "САЗОМЕС" маводи чӯбро ҷудо кард, барои хариди семент ва оҳан тақрибан 50000 рубл ҷудо кард. Дар баробари ин, маблағҳои дигар низ аз дигар манбаъҳо барои сохтани роҳу ҷода ҷалб карда мешуд. Барои мисол, аз буҷети маҳаллии ҶМШС Тоҷикистон барои ин корҳо 606073 рубл ҷудо карда шуд.

Дар соли 1927 Идораи роҳсозии НКПС ду қитъаи роҳсозии рақамҳои 6 ва 13-ро ташкил кард. Назорати корҳои лоиҳавӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби идораҳои «Трансстрой» ва «Трансземстрой» иҷро карда шуданд. Аввалин ҷустуҷӯгари роҳҳои автомобилгард ва сардори «Дорпроз» С.А. Бойвол буд. Баъдтар сардори «Дорпроз» Д.И. Чернов, муҳандиси асосӣ Л. Слодзинский-Казимирович буд.

Аз бойгонӣ: «Дар Тоҷикистон соли 1927 ба чунин хулоса омаданд, ки барои хубтару беҳтар ба роҳ мондани корҳо дар самти роҳсозӣ тамоми шуъбаҳои сохтмони роҳҳоро дар минтақаҳо таъсис диҳанд ва маблағҳои ҳадди ақал ҷудо кунанд (ҳар як вилоят 5-10 ҳазор рубл)» [13, в.59].

Аз бойгонӣ: «Моҳи июли соли 1927 ШКХ ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул кард, ки корҳои сохтмони роҳҳо дар қаламрави Тоҷикистон бо паҳн кардани ҳамаи имтиёзҳои барои корҳои роҳ муқарраршуда эълон карда шаванд. «Музди меҳнати ҳадди ақал дар ҳаҷми 1 рублу 30 тин муқаррар карда шуд» [8, в.247]. Ба корҳои ҷамъиятӣ тамоми корҳои заминӣ, мустаҳкам кардани соҳилҳо, дамбаҳо, тайёр кардани маводи сохтмонӣ, санг, рег, чӯб ва ғайра дохил карда шуданд.

Барои роҳбарии тамоми корҳои сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ аз 1 октябри соли 1927 дар назди Комиссариати халқии корҳои дохилии (НКВД-КХКД) ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи роҳу нақлиёт ташкил карда шуд [20, в.357]. Вазифа аз он иборат буд, ки марказҳои ноҳия тавассути роҳҳои магистралӣ бо пойтахти ҷумҳурӣ ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот робита дошта бошанд.

Маблағгузории корҳои сохтмонӣ ҳам аз ҳисоби маблағҳои Комиссариати халқии корҳои дохилии (НКВД-КХКД) ва ҳам аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ амалӣ карда мешуд. Қисми зиёди хароҷот аз ҳисоби буҷети умумииттифоқӣ пӯшонида мешуд.

Нақлиёт шомили бахшҳои гуногун мебошад ва яке аз бахшҳои онро нақлиёти баҳрӣ-дарёӣ ташкил медиҳад. Он ба таври дигар флот низ ном бурда мешавад. Дар аввоили ташкил шудани Иттиҳоди Шуравӣ флоти он шомили 28 адад киштӣ буд, ки он киштиҳо, дар маҷмуъ, тавоноии бардоштани 2689 тоннро доштанд. Ногуфта намонад, ки дар ин маҷмуа, яъне сохту сози киштиҳо, тоҷикон низ нақш доранд, аз байни 8000 коргарони ин соҳа 80 нафари онҳо тоҷик буданд.

Сарфи назар аз он ки Тоҷикистон кишвари маҳсур ба хушкӣ аст, аммо дар қисмати ҷанубии он, ҷое ки рӯдхонаҳои Panҷу Вахш бо ҳам мепайванданд, дарёи васеъ ба вуҷуд меояд, ки онро Ому меноманд ва дар он ҷо киштиҳои хурди миёнҳаҷм шино кардан метавонанд. Яъне, ин намуди нақлиёт низ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хос мебошад, ҳарчанд дар ҳаҷми хеле кам. Аммо нақлиёти автомобилӣ нақлиёти асосии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Сохтмони роҳро марказонида ва онро ба идораи худи ҷумҳурӣ супоридан лозим буд.

Дар ин робита суханони муҳаққиқ Каримов Б.Б-ро овардан мумкин аст: «Агар аз рӯйи Иттифоқ, дар маҷмуъ, дар соли 1927 нисбат ба шумораи аҳолӣ зичии роҳҳои хокӣ ва автомобилӣ 243 нафарро дар 7 км мураббаъ ташкил медод, пас дар ҶМШС Тоҷикистон мутаносибан 1700 нафар дар 400

км мураббаъ ва дар вилояти Қӯрғонтеппа мутаносибан 2000 нафар аҳолӣ дар 500 км мураббаъро ташкил медод» [ 69, с.110].

Назруллаев С. чунин овардааст: «Аз ин рӯ, дар қарори ШКХ ҶМШС Тоҷикистон аз 20 январи соли 1927 қайд карда шуд, ки дар асл сохтмони роҳҳо дар Тоҷикистон, аз соли 1927 оғоз ёфт, вақте ки масъалаҳои роҳҳои хокӣ ва нақлиёт дар робита ба рушди умумӣ ва рушди иқтисодии ҷумҳурӣ аҳаммияти бартаридошта пайдо гардид» [74, с.60].

Бо дарназардошти аҳаммияти сохтмони роҳ дар рушди иқтисоди Тоҷикистон ҳанӯз 6 январи соли 1927 дар ҷаласаҳои Раёсати Шурои Иқтисодии Осиёи Миёна масъалаи «ташкили шуъбаи «САЗОМЕС» дар ҶМШС Тоҷикистон» шунида шуд.

Каримов Б.Б овардааст: «10 феврали соли 1927 дар ҷумҳурӣ Идораи роҳсозии «САЗОМЕС» ташкил карда шуд» [69, с.122].

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба ақидае муътақид буданд, ки тамоми корҳо бояд таҳти назорат ва нигоҳи як воҳиди муқтадир бошад, ки ин воҳид тамоми корҳоро пӯшиш дода, ҳамаи масоили марбут ба ин ё он соҳаро ҳаллу фасл намояд. Ин андеша баъдҳо таҷдиди назар шуд ва дар замони соҳибистиқлолӣ аз ин равишу усул камтар истифода менамоянд. Дар сурате, ки дар ин равиш ва бархӯрди кор ҳақиқате нуҳуфтааст, ки онро набояд нодида гирифт. Гап дар сари он, ки он равиш барои замони хеш равиши хуб буд, чун дар марҳилаи аввали кор ва аз тасмимҳои муҳим ҷиҳати роҳандозии корҳо ва боз аъмоли дигар саривақтӣ буд. Аммо бо мурури замон аз байн рафт ва он ба боди фаромӯшӣсупурда шуд. Бузургманишӣ яке хислатҳои он замон буд ва он кишвар бо ин иқдом ҷоҳу ҷалол мақому манзалат ва мартабаи хешро бо ин роҳ ба оламиён нишон медод. Қисмати иҷрои бештари корҳои азиму бузург хислати бузургманишӣ ва худнамоӣ доштанд, дар сурате, ки гоҳан натоиҷи номатлубе низ ба бор меовард. Кишвари Шуравӣ бо сохтани корхонаҳои азим, пулу шоҳроҳ мехост бузургӣ ва азамати худро дар ҷаҳон нишон диҳад ва бо ин роҳ бигӯяд, ки ӯ ягонаи даврон ва абарқудрати ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, пас аз мунҳал ва ё пароканда

шудани Иттиҳоди Шуравӣ теъдоди зиёди чунин корхона ва таъсисоти мухталиф корношоям гардида, харобу валангор гардиданд. Ва бисёри он иншоотро дигар барқарор карда нашуд.

Аз ин ҷиҳат муассисаи «САЗОМЕС» (Идораи нақлиёти маҳаллии Осиёи Миёна) -ро вазифадор карданд, ки дар ҶМШС Тоҷикистон на дертар аз 1 феврали соли 1927 идораи роҳсозиро ташкил намояд, ки кулли бахшҳои дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон мавҷудбударо бо тобеияти «САЗОМЕС» ворид намоянд.

Аз бойгонӣ: «Тибқи протоколи рақами 13 аз 16 феврали соли 1927 дар ҷаласаи Шурои Комиссарони Халқии ҶМШС Тоҷикистон Войткевич К.К. ба вазифаи сардори Идораи роҳсозии ҶМШС Тоҷикистон таъин гардид» [21, в.202].

Аз бойгонӣ: «Дар давоми як соли фаъолияти Идораи роҳсозӣ дарозии роҳҳои ҷумҳурӣ 50 фоиз афзуд, яъне то 1592 км, аз ҷумла 504 км, ки дар вақти бебориш барои ҳаракати автомобилӣ ва чархҳо мувофиқ аст» [21, в.203]. Барои ҳаракати нақлиёти боркаш 1088 км воситаи асосии ҳаракат буроншуда (вюга) боқӣ монд. Дар канори василаҳои ҷадид василаҳои суннатӣ низ боқӣ монданд. Барои мисол, ҳаҷми зиёди интиқолро артелҳои шутурҳо иҷро мекарданд, ки ба ширкати «Союзтранс» дохил мешуданд. Парки автомошинҳо дар ҳолати ибтидоии тозатаъсис қарор дошт. Аммо рӯз ба рӯз вазъ дар ин самт тағйир меёфт ва теъдоди мошинҳо меафзуд ва теъдоди воситаҳои суннатии нақлиёт коҳиш меёфт. Сарфи назар аз мушкилоти ин давра, яъне ҷангҳои дохилӣ ва мубориза ба муқобили аксулинқилобиён, Ҳукумати марказӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ талош мекарданд, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ бирасанд ва яке аз ин масоил масъалаи бунёду сохтани роҳу ҷодаҳо мебошад. Мутобиқ ба нақшаи корҳо аз сӯйи ШКХ ҶМШС Тоҷикистон, ки санаи 23 марти соли 1927 ба таъйид расидааст. аз буҷаи Комиссариати халқии роҳҳои алоқа (НКПС) дар ҳаҷми 564991 рубл ва аз буҷаи ҶМШС Тоҷикистон 630 ҳазор рубл ҷудо карда шуд. Каримов Б. Б. овардааст: «Мутобиқ ба ин нақша сохтмони роҳи Сарой -

Қӯрғонтеппа ва Душанбе - Қӯрғонтеппа барномарезӣ карда шуда буд. Ин роҳ роҳе буд, ки дар он нақлиёти автомобилии боркаш дар тамоми тули он ҳаракат карда метавонист» [69, с.123; 73].

Чун ин роҳ дар қатори дигар роҳҳо ҳоизи аҳаммият буд, аз ин рӯ бо азми тамом тармим ва бозсозии он оғоз гардид ва дар роҳи Саройкамар - Қӯрғонтеппа пас аз тармиму таъмири он ҳаҷми боркашонӣ ба маротиб афзоиш пайдо карда, то ба 280000 пуд расид, ки ин рақам барои он давра рақами андак набуд. Ҳамон тавре дар болотар дар ин бора зикр кардем, ин роҳ дар он замон барои ин ду минтақа, яъне Саройкамар ва Қӯрғонтеппа хеле муҳим арзёбӣ мешуд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро қайд кардан лозим аст, ки водии Вахш он замонҳо ва ҳанӯз ҳам яке аз минтақаҳои муҳим ва сарватманди Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Чун дар ин минтақа дар канори заминҳои фарох оби мусаффо ва ҷонбахше мавҷуд аст, ки аз манотиқи кӯҳҳои сарбаафлоки Помир маншаъ гирифта, ин моеи ҷонбахшро то ба ин паҳноиҳо меоварад. Аз ин рӯ, ин минтақа, яъне водии Вахш ва бавежа шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), ҳамеша аз аҳаммияти вижа бархӯрдор будаанд ва имрӯзҳо низ чунин аст. Хушбахтона, бо фаро расидани замони Истиқлол ва ба сари кор омадни шахсияте мисли Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарку фаҳми ин матлаб бамаротиб боло рафтааст ва феълан ҳукуматдорон ба ин масъала таваҷҷуҳи калон зоҳир мекунанд ва дар амри ободии ин минтақа талошҳои зиёдеро ба кор мегиранд ва вазъи ҳол баёнгари гуфтаҳои мо маҳсуб меёбад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳои хеш перомуни ин масъала тавоноӣ ва зарфияти водии Вахш суҳбат карда, қайд мекунанд, ки тавоноӣ ва потенсиали истеҳсолӣ ва имконоту зарфияти ин минтақа то ҳанӯз ба андозаи кофӣ мавриди истифода қарор дода нашудааст ва дар сурати истифодаи пурраи он мо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба дастовардҳои калон ноил хоҳем гашт.

Аз ин рӯ, ин дигаргуниҳое, ки ба вуқуъ мепайвастанд, барои замони хеш дигаргуниҳои амиқи инқилобӣ маҳсуб меёфтанд. Дар тули як соли

фаъолияти идораи роҳсозӣ дарозии роҳҳои хокӣ ва автомобилӣ дар ҷумҳурӣ то 1592 км ва дар вилояти Қӯрғонтеппа то 205 км, барои ҳаракати техникаҳои боркашонӣ то 1088 км дар ҷумҳурӣ зиёд шуд.

Сарфи назар аз дастовардҳое, ки дар ин давра дар заминаи роҳсозӣ доштем, камбудиҳо ҳанӯз дар ин ҷода хеле зиёд буданд. Супоришҳо ба кундӣ иҷро мешуд, василаҳои корӣ низ ҷавобгӯи талаботи давру замон набуд. Роҳбарии корҳои сохтмонӣ дар ин минтақа аз шаҳри Тошканд сурат мегирифт ва ин фосила дар амри иҷрои корҳо таъсиргузор буд. Аз ин рӯ, масъалаи кучонидани идораи роҳсозӣ ба қаламрави ҷумҳурӣ пеш омада буд ва коршиносони соҳа ин масъаларо ба хубӣ дарк мекарданд, ки барои ҷоннок кардани вазъи корҳо дар самти сохту сози роҳҳо моро лозим аст, ки идораи онро ба қаламрави ҷумҳурӣ дар шакли мутамарказонида интиқол диҳем. Агар дар ҳамин ҷо мо ба рақамҳо рӯ биоварем, ба хубӣ мебинем, ки вазъият чӣ гуна аст.

Дар робита ба афзоиши барқарорсозии хоҷагии халқ, ки ба роҳи пуршиддати эҳёи худ табдил ёфта буд, Тоҷикистон вазифадор шуд, ки шабакаи роҳҳои хокиро дар робита ба мутобиқат ба дурнамои рушди қудрати кишвар бо мақсади дохил кардани ноҳияҳои ҷудошуда ба шакли умумии иқтисодӣ ба миён орад. Ин вазифа ду гурӯҳи асосии корҳоро ташкил медод: корҳо оид ба беҳтар кардани роҳҳои мавҷуда ва ҷустуҷӯи роҳҳои нав [98, с.13].

Ба гурӯҳи аввал ин роҳҳо дохил мешуданд:

1. Файзобод - Кӯлоб дар соли 1927 117 километр дарозӣ дошт. Ҳамчунин масъала аз ин қарор буд, ки сохтмони роҳҳо ба итмом расонида шуда, онҳо дар ҳолати бехатар оварда шаванд.

2. Роҳи Қӯрғонтеппа - Кӯлоб ҳудудан 120 километр масофаро дар бар мегирифт. Дар фосилаи ин ду минтақа маконҳои мушкилгузар ва хами кӯҳҳои баланд зиёд буданд. Аз ин рӯ, сохтмони ин роҳ бо як қатор мушкилот мувоҷеҳ буд. Дар аҳди Шуравӣ қабл аз оғози корҳо дар ин ё он самт ба омӯзиши он масъала пардохта, масъаларо ҳамаҷониба бо ҷалби

мутахассисони варзида омӯхта, лоиҳа пешниҳод намуда, сипас ба корҳо оғоз мекарданд. Бунёди роҳи Қӯрғонтеппа - Кӯлоб низ дар чунин чаҳорчӯба сурат мегирифт. Яъне, қабл аз оғози корҳо он ҳамаҷониба омӯхта шуда, лоиҳа омода карда шуда, сипас ба сохтмони роҳ шуруъ карда шуд. Лоиҳаи бунёди ин роҳ ҳанӯз соли 1927 омода карда шуда буд.

Дар канори ин лоиҳа боз лоиҳаҳои дигаре барои самтҳои дигари манотиқи кишвар омӯзиш ва омода карда мешуд. Ба ин мисол шуда метавонад масири Душанбе - Қӯрғонтеппа ва Қӯрғонтеппа - Сарой, ки тақрибан дар ҳамин солҳо байни солҳои 1927-1930 омода карда шуда буданд. Дар ин самт барои корҳои иктишофӣ, омӯзишӣ ва ҷустуҷӯӣ аз буҷаҳои маҳаллӣ низ маблағҳо ҷудо карда мешуданд. Сарфи назар аз он ки он маблағҳо нисбат ба ҳаҷми корҳо ночиз буданд, аммо корҳои муқаддамотӣ дар ин самт оғоз шуда буд ва натоиҷи ҷолиб ва қонеъкунандаро мунтазир шудан мумкин буд.

Мо дар болотар ҳам зикр карда будем, ки назорат ва идораи корҳо аз шаҳри Тошканд ба амал баровардa мешуд ва ин амал иҷро ва назорати корҳо дар самти роҳсозӣ ва куллан иҷрои тамоми корҳои дигарро мушкил мегардонд. Аммо, вақте идора ба Тоҷикистон мунтақил шуд ва Тоҷикистон ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ эълон гардид, суръати корҳо дар тамоми риштаҳо ба маротиб авҷи нав касб кард. Соли 1927 дар фасли тирамоҳ таҳкимбандии роҳҳои қаблан сохташуда оғоз шуд, аммо ин шакли кор маблағҳои ҳангуфтеро тақозо мекард, ин корҳо муваққатан мутаваққиф карда шуданд. Танҳо соли 1928-1929, вақте вазъи молии мамлакат, манзурамон Тоҷикистон,беҳбудӣ пайдо кард, он дубора оғоз карда шуд.

Дар поёни соли 1927 Тоҷикистон ҳамагӣ 275 км роҳҳои хокӣ дошт, ки аз онҳо танҳо 137 км барои ҳаракати автомобилӣ мувофиқ буд.

Ҳамеша ҷиҳати иқдом намудан ба ин ё он кор мо бояд ба собиқаи анҷоми ин корҳо дар гузашта рӯ биоварем. Агар имрӯзҳо дар кишвар ба роҳсозӣ таваҷҷуҳ мекунанд ва мутобиқ ба гуфтаҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Бо таҷдиду

азнавсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ аз рӯйи нишондиҳандаи сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда аз зинаи 50 ба 44-ум баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид» бошад, пас андешаи сохтмони роҳҳо ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон низ аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ва бунёди шоҳроҳҳо сарчашма мегирад.

Вақте мо ба асноди таърихӣ нигоҳ мекунем, мебинем, ки солҳои 1927-1928 сохтмони шоҳроҳҳо қабл аз ҳама барномарезӣ шудааст, чун тавассути ин қабил сохтмонҳо кулли иқтисоди мамлакат такон хӯрда, ба ҳаракат медарояд. Яъне, шоҳроҳҳо ба масобаи шоҳрагҳои хунгарди бадан дар иқтисоди мамлакат ин нақшро ифо мекунанд.

Маблағҳои асосӣ барои сохтмони роҳҳои Душанбе - Қӯрғонтеппа равона карда шуданд. Соли 1928 шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа - Сарой, инчунин бо таваҷҷуҳ ба рушди иқтисодии манотиқи ҷудогона сохта шуд. Роҳҳои аслӣ ва шоҳроҳҳо маъмулан ба бунёди роҳҳои маҳаллӣ ва дуюмдараҷа мусоидат мекунанд, чун пас аз бунёди шоҳроҳ ва расидани техникаи азими роҳсоз ин қабил роҳҳо дар камтарин фурсат бунёд мегарданд.

Идораи «Наркомторгпром» санаи 7 сентябри соли 1927 ба Шурои Иқтисодии Осиёи Миёна (СредазЭКОСО) ва намояндагии тоҷик дар Тошканд бо дархосте муроҷиат намуд, ки ин идора дар шаҳри Қӯрғонтеппа дафтари худро ифтитоҳ кунад. Ин нома ба идороти болоӣ шомили мавориди дигар корҳо низ буд, ки онҳоро бо далелҳои асосӣ собит менамуд ва дархост мекарданд, ки ҳар чи зудтар ин идора ба шаҳи Қӯрғонтеппа мунтақил карда шавад, то корҳо ва ҷараёни онҳо суръати ҷадид касб намоянд. Воқеан ҳам, вақте ба асноди таърихӣ назар меандозем, мебинем, ки пас аз интиқоли ин идора ба макони нав корҳо суръати нав касб карда натиҷаҳо низ назаррас шуданд.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа идораи давлатӣ ташкил ёфт, ки дар он ҷо ба корҳои нақлиётӣ назорат мекарданд, нақлиётро ташкил карда, тарифҳои

якхеларо барои интиқоли борҳо муқаррар менамуданд ва дар маҷмӯъ бо интиқоли пуршиддати борҳо машғул буданд.

Солҳои 20-уми қарни XX дар Осиёи Марказӣ ва бавежа, Тоҷикистони тозатаъсис, корҳои азиме дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа роҳандозӣ мешуданд. Яке аз чунин корҳо ин ривоҷу равнақ додани соҳаи пахтакорӣ буд. Дар иртибот ба ин қазия Гафурова Г. А. дар диссертатсияи хеш овардааст: «Барои ин кор 16 феврали соли 1927 КИМ ва ШКХ ҶМШС Тоҷикистон қароре дар бораи муҳоҷир намудани аҳолии ноҳияҳои вилояти Кӯлоб: Балҷувон, Ховалинг, Шуробод, Муъминобод, Сарихосор, Даштиҷум ва Фархор 4057 нафар ба вилояти Қӯрғонтеппа бароварда буд» [104, с.20].

Гафурова Г. А. андешаҳои худро идома дода чунин баён доштаанд: «Комиссариати халқии молияи ҶШС Ӯзбекистон аз рӯйи буҷети маҳаллии ҶМШС Тоҷикистон барои солҳои 1927-1928 хароҷоти сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллиро дар ҳаҷми 606073 рубл муқаррар кард» [104, с.20].

Мо дар болотар низ дар ин бора қайд кардем ва боз ишора мекунем, ки барои шароити кӯҳии Тоҷикистон ҳатто ҳамон як километр роҳи асосии бунёдшуда ҳоизи аҳаммияти ҷиддӣ мебошад. Чун роҳҳо барои инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисоди мамлакат мусоидат хоҳанд кард ва рафту омади аҳолиро дар тамоми сол таъмин хоҳанд кард.

Гафурова Г. А. андешаҳои худро идома дода чунин баён доштаанд: «Дар соли 1928 дар назди шуъбаи роҳҳо бюрои лоиҳавӣ ташкил карда шуд, ки намунаи аввалини мақомоти махсуси лоиҳавӣ-ҷустуҷӯии «Дорпроз» буд, ки 1 апрели соли 1929 таъсис дода шуда буд» [104, с.35].

Пас аз таъсис ин корхона корҳо дар заминаи таҳияи лоиҳаҳо барои бунёди роҳу пулҳои хурд ва хобондани қубурҳои гуногун авҷи нав касб кард. Дар амри таъмини мутахассисони соҳа шаҳрҳои Москва, Ленинград, Саратов ва дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шуравӣ кумак мерасонданд. Мутахассисоне, ки дар таълимгоҳҳои ин шаҳрҳо таҳсил карда буданд, дар маҳаллҳо дар баробари иҷрои супоришу вазифаҳои кории хеш ба тарбияи кадрҳои маҳаллӣ машғул мешуданд ва ин корҳо дар камтарин фурсат

натиҷаҳои назаррас ба бор меовард. Синфи коргари маҳаллӣ низ бо ин роҳ тарбия ёфта, теъдоди коргарони фаннӣ ва техникии мо низ зиёд мешуд.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки солҳои 1927-1928 асосан масъалаи бунёди шоҳроҳҳо мавриди таҳлил ва пайгирӣ қарор мегирифтанд. Маблағҳо низ асосан аз буҷети мамлакат ба ин самт равона карда мешуданд. Вақте мо асноду мадорик ва дигар ҳуҷҷатҳои марбутаро варақ мезанем, мебинем, ки талошҳои ҳамагонӣ дар иртибот ба бунёди пулу ҷода ва роҳҳо барабас набудааст.

Бронштейн Я.Т. ва  Заманов А.Н. дар китоби хеш овардаанд: «Дар тағйирот ва илова ба қарорҳои қаблан қабулшуда дар нақшаи сохтмони роҳҳо барои солҳои 1927-1928 тақсимоти қарзҳо дар ҳаҷми 414073 рубл буд, ки аз он 90000 рубл барои сохтмони роҳи Саройкамар - Қӯрғонтеппа ҷудо карда шуда буд» [52, с.24].

Як нуктаро дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки кишвари кӯҳистонии мо аз сангу шағал бой аст ва аз ин рӯ, КМ ҲК ва Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири арзон ва зудтар тамом шудани роҳсозӣ шағалпӯш кардани роҳҳоро авлотар донист ва чунин қарор низ қабул намуд. Ин қарор боиси он шуд, ки хориҷи роҳсозӣ ба маротиб камтар шавад ва суръати роҳсозӣ афзоиш ёбад. Инчунин, иштироки дигар корхона ва идораҳо ва аҳолии маҳаллиро дар ин самт таъмин намуд, яъне корхона ва идораҳои гуногун ва аҳолӣ низ ба сохту сози роҳҳо ворид гашта, дар ин самт кумакҳои бедареғ расониданд.

Бунёди роҳҳо дар ин давра асосан дар манотиқи ҷануби ҷумҳурӣ, аз ҷумла Қӯрғонтеппа, суръати хуб дошт. Дар охири сол барои адои сохтмони роҳҳои Душанбе - Қӯрғонтеппа 340000 рубл ҷудо карда шуд, аммо дар робита ба ҷудо накардани маблағҳо тибқи нақшаи сохтмони роҳ аз қарзҳои ҶМШС Тоҷикистон дар ҳаҷми 128000 рубл роҳ нотамом монд. Тибқи рӯйхат 70000 рубл рухсатӣ пешбинӣ шуда буд, ки маблағҳои норасоиро «САЗОМЕС» пардохт мекард.

Мувофиқи нақшаи корҳо дар роҳҳои маҳаллӣ дар доираи маблағгузории пешбинишуда ба Раёсати роҳсозии кишвар супориш дода

шуд, ки ба ШКХ ҶМШС Тоҷикистон накшаи давлатиро на дертар аз 15 майи соли 1928 пешниҳод кунад [22, в.54].

Дар давраи ба итмом расонидани сохтмони роҳи автомобилгард зарурати ба зудӣ ба анҷом расонидани ин корҳо ба миён омад, зеро ш. Қӯрғонтеппа [3, в.2; 52, с.19; 115, с.18], ки дар ин ҷо аз ҳама зиёд маҳсулоти кишоварзӣ буд, ба роҳе ниёз дошт, ки дар он миллионҳо пуд ва нақлиёти ба шароити муосир мувофиқтарро баровардан мумкин буд. Инчунин, дар ин давра тасмим чунин буд, ки роҳҳои аҳаммияти магистралидоштаро бештар бисозанд ва аз ин тариқ ба сохту сози роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта оғоз кунанд. Ворид намудани мошинҳои калони боркаш низ яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб мерафт, чунки аз манотиқи ҷануб бояд маҳсулоти кишоварзӣ ба дигар манотиқи кишвар ҳамлу нақл дода мешуд.

Таҳқиқотҳо дар миқёси васеъ дар роҳи Сталинобод - Қӯрғонтеппа гузаронида шуданд. Сохтмони аввалини ин роҳҳо то 1 декабри соли 1927 анҷом ёфт.

Масъалаи дигаре, ки кори сохту сози роҳҳоро душвор мегардонид, ин харобкорӣ ва вайронкории босмачиҳо ва гурӯҳҳои аксулинқилобӣ буд. Ин унсурҳо ба ҳар восита мехостанд, садди роҳи тараққиёт ва пешравиро бигиранд ва нагузоранд, ки ҳукумати ҷадид таҳким ёфта, мустаҳкам гардад. Аз ин рӯ, коргарони роҳсоз дар баробари анҷом додани корҳои роҳсозӣ зимни ҳамлаи босмачиҳо ба объектҳои давлатӣ ва деҳот ярок ба даст гирифта бар алайҳи онҳо меҷангиданд.

Дар иҷрои ҳамаи ин корҳои азим коркунони нақлиёти автомобилӣ бевосита иштирок кардаанд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, соли 1928 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 17 автомобил буд.

Дар нашрияи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст: «Соли 1928 Комитети иҷроияи марказӣ ва Шурои комиссарони халқи ИҶШС қарори махсус қабул намуда, ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои иттифоқиро вазифадор карданд, ки дар назди Шуроҳои Комиссарони халқи ҷумҳуриҳо Раёсатҳои роҳу нақлиёти автомобилӣ ташкил диҳанд. Ин раёсатҳо бояд ба

хоҷагии роҳсозӣ роҳбарӣ мекарданд ва ҳаракати нақлиёти автомобилиро ба тартиб меандохтанд. Дар асоси ҳамин қарор соли 1929 дар Тоҷикистон идораи «Таджикдортранс» ташкил дода шуд. Раёсат кори сохтмони роҳро дар асоси нақшаи муайян ба тартиб даровард, онро мувофиқи мақсадҳои иқтисодӣ ва категорияи муайяни техникӣ пеш бурд. Дар ибтидои панҷсолаи якум шабакаи роҳҳо боз 164 км афзуда, ба 1665 километр расид» [134, с.10].

Дар ҳамин ҷо як далелро зикр кардан лозим аст, ки дар байни минтақаҳои Тоҷикистон роҳҳои автомобилгард ба таври бояду шояд ҳанӯз вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, ифтитоҳи роҳи автомобилгарди Душанбе - Саройкамар – Фархор - Кӯлоб дар санаи 4 октябри соли 1928 барои аҳолии ин манотиқ ва куллан Тоҷикистон ҳодисаи таърихӣ буд. Роҳ асоси рафту-омад ва зиндагии мардум маҳсуб ёфта, боиси пешрафт ва тараққии он манотиқ ва куллан мамлакат мегардад. Барои мамлакат ин роҳ моҳияти муҳимми иқтисодӣ дошт, чунки маркази кишварро ба манотиқи ҷануб ва пахтакор пайваст намуда, рафтуомади мардумро ба маротиб осон менамуд. Дар нашрия «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст: «Мутобиқ ба асноди таърихӣ, дар аввалин рӯзе, ки ин ҷода ифтитоҳ ёфта буд, мошинаи тамғаи «Форд» 10 нафар мусофирро дар муддати 30 соат бо тай кардани 400 километри роҳ ба ш. Душанбе оварда расонд» [134, с.25]. Ин далелҳо шояд аз ин диди имрӯзиён он қадар ҳам муассир набошанд, аммо барои он солҳо ва барои мардум воқеан ҳодисаи таърихӣ ва фаромӯшнашаванда буданд.

Ҳамин андешаро идома дода Исмоилов А. дар мақолаи худ овардааст: «Моҳи октябри соли 1928 роҳҳои хокии Душанбе - Кӯлоб ба воситаи Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ) ва Фархор, Душанбе - Янгибозор (ш. Ваҳдат) кушода шуд. Сохтмони роҳҳои хокии Душанбе - Варзоб, Янгибозор (ш. Ваҳдат) - Обигарм, Янгибозор (ш. Ваҳдат) - Кӯлоб ба воситаи Норак ва ғайра сар шуд. То 1 октябри соли 1929 дар ҷумҳурӣ 981 километр роҳи хокии аробагард ва 88 километр роҳи автомобилгарди шағалпӯш сохта шуда буд» [131, с.56-62].

Лекин дар он давра вазифаи асосӣ дар соҳаи нақлиёт сохтмони роҳи оҳани Душанбе - Тирмиз буд, ки он бо қарори Шурои меҳнат ва мудофиа дар соли 1926 вусъат ёфт. Отряди сермиллати бинокорони роҳи оҳан касалиҳои оммавии вараҷа, душвориҳои таъминот ва ҳуҷумҳои душманони Ҳокимияти Шуравиро бартараф намуда, бо ғайрати том ба сӯи шарқ роҳи пӯлодин мекашиданд.

Аз бойгонӣ: «Дар солҳои 1928-1929 Комиссариати халқии корҳои дохилии (НКВД-КХКД) ИҶШС барои корҳои роҳу пул 1266,8 рубл ҷудо кард, аз маблағҳои буҷети маҳаллӣ 110477 рубл ҷудо карда шуд» [6, в.134].

Аввалин мошинҳои боркаш ва заминдорӣ дар водии Қӯрғонтеппа дар солҳои 1928-1929 оварда шуданд. Аввалин мошин аз Душанбе ба Қӯрғонтеппа 15 сентябри соли 1927 омад.

Дар нашрияи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст: «Аз 1 апрели соли 1929 «Дортранс-2» -и ҶМШС Тоҷикистон, баъдтар «Главдортранс»-и ҶШС Тоҷикистон, ки ба системаи «Судортранс» (Цудортранс) дохил шуда буд, ташкил карда шуд, ки аз Комиссариати халқии роҳҳои алоқа (НКПС) ҷудо карда шуд ва ташкили идораҳои роҳсозӣ, корҳои мустақили лоиҳавӣ-ҷустуҷӯӣ оғоз ёфт»[134, с.75].

Дар оғози панҷсолаи аввал Тоҷикистон 1644 км роҳҳои хокӣ дошт, ки аз он ҳамагӣ 34 км бо санг пӯшонида шуда буд. Шумораи роҳҳо тақрибан 11 ҳазор км буд [66, с.480; 73, с.65; 145, с.29].

Рӯзи 1 апрели соли 1929 ташкилоти лоиҳавӣ-ҷустуҷӯии роҳ «Дорпроз» таъсис дода шуд. Ин идора солҳои баъд ба «Тоҷикгипротрансстрой» (Государственный проектно-изыскательский институт-ГППИ) Институти давлатии лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯйӣ табдил ёфт [74, с.60].

Исмоилов А. дар мақолаи худ овардааст: «10 сентябри соли 1929, яъне қариб 2 моҳ пеш аз муҳлати муайяншуда, сардори сохтмон, собиқ челонгари Қизил Арвот В.Д. Карамов аввалин поездро ба Душанбе овард. Ин воқеа дар арафаи кушода шудани анҷумани фавқулодаи Шуроҳои Тоҷикистон, ки

он дар бораи ташкил карда шудани ҶШС Тоҷикистон декларатсия қабул намуд, ба вуқуъ омада буд» [131, с.56-62].

Соли 1929 ба муносибати сохтмони канали Вахш ҳукумати Иттифоқи Шуравӣ дар бораи сохтани роҳи оҳани камбар, ки он бояд сохтмони иншооти бузурги гидротехникии онвақтаро бо нақлиёт таъмин мекард, қарор қабул намуд.

Дусматов Д. чунин менигорад: «Дар давоми солҳои 1930-1940 ҳазорҳо километр роҳҳои автомобилӣ сохта шуд. Аз ҷумла, баландтарин роҳи автомобилгарди ҷаҳон Ош - Хоруғ низ дар ин давра сохта ба истифода дода шуд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки бунёди ин роҳ барои Тоҷикистон ва ИҶШС ҳоизи аҳаммияти стратегӣ буд. Барои он ки, аз як тараф, қудрат ва тавоноӣ ва бузургии неруи муҳандисӣ ва фаннии Иттиҳоди Шуравӣ ва аз сӯйи дигар, пешравиро дар кишвари кӯҳистонии Тоҷикистон нишон медод ва бо ин роҳ гуфтанӣ мешуд, ки бубинед, мо дар давлати коргару деҳқонон ба чи корҳо қодирем» [57, с.7].

Вазифаи асосии нақшаи панҷсолаи хоҷагии роҳҳо бо санг пӯшонидани магистралҳои аҳаммияти аввалиндараҷа, иваз кардани як қатор роҳҳои берунӣ бо роҳҳои хокӣ, сохтани роҳҳои воридшавӣ барои колхозҳо ва совхозҳо буд. Нақшаи панҷсолаи аввал (с. 1928-1932) гузаронидани таҷдиди хоҷагии қишлоқ, баланд бардоштани тамоми соҳаҳои онро пешбинӣ мекард. Инҳо, пеш аз ҳама, пахтакорӣ, рушди саноат бо суръати баланд, омӯзиши захираҳои бойи ҷумҳурӣ ва коркарди конҳои аллакай кушодашуда, рушди обёрӣ ва энергетика буданд. Дар робита ба ин, аҳаммияти хоҷагии роҳ ва нақлиёт боз ҳам афзуд, ки бе рушди онҳо рушди бомуваффақияти хоҷагии халқ, дар маҷмӯъ, ғайриимкон буд.

Азбаски монеаи ҷиддӣ дар роҳи татбиқи саноатикунонии Тоҷикистон роҳи автомобилгард буд, набудани воситаҳои муосири алоқа (то оғози панҷсола ҳатто пойтахти ҷумҳурӣ бо шабакаи умумии роҳи оҳани кишвар пайваст набуд), роҳҳои автомобилӣ, ки тамоми сол Душанберо бо ноҳияҳои ҷумҳурӣ мепайванданд, нақшаи панҷсолаи якум рушди васеи сохтмони

роҳро пешбинӣ мекард. Роҳҳои аввалиндарачаи панҷсолаи аввал (с. 1928-1932) муайян карда шуданд: Тирмиз – Қубодиён – Ҷиликӯл - Кӯлоб (240 км).

Идеяи саноатикунонӣ дар нақшаҳои панҷсолаи пеш аз ҷанг амалӣ карда шуд. Конфронси XVI ҳизбӣ, ки моҳи апрели соли 1929 баргузор шуд, нақшаи панҷсолаи аввали рушди хоҷагии халқи кишварро тасдиқ кард, ки он аз ҷониби Анҷумани V Шуроҳои ИҶШС дар моҳи майи соли 1929 тасдиқ карда шуд. Вазифаи асосии панҷсола аз он иборат буд, ки кишварро аз давлати аграрӣ-индустриалӣ ба давлати индустриалӣ-аграрӣ табдил диҳад [100, с.18]. Таҳияи нақшаи панҷсолаи ҶМШС Тоҷикистон моҳи майи соли 1927 оғоз ёфт, ки дар он тезисҳо ба ҳисоботи Раиси ШКХ ҶМШС Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев дар ҷаласаи Раёсати КИМ Шурои ҶМШС Тоҷикистон дар бораи аз нав дида баромадани нақшаи ояндадори ҷумҳурӣ муҳокима гардид. Дар робита ба ин ба рушди сохтмони роҳҳо ҷойгоҳи муҳим дода мешуд. Вазифаи ба итмом расонидани сохтмони роҳи оҳан, ки тамоми ҷумҳуриро бо ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мепайвандад ва идомаи он дар шакли роҳи паҳнбар то Қӯрғонтеппа сохтмони роҳҳои автомагистралӣ гузошта шуд. Инҳо самтҳои асосии нақшаи панҷсолаи аввали рушди хоҷагии халқи ҶМШС Тоҷикистон дар соҳаи саноат ва нақлиёт буданд.

Мо хуб медонем, ки соли 1929 барои кишвари азизамон Тоҷикистон соли хуб ва бобарор буд, чун дар ин сол, яъне: «…соли 1929, мутобиқ бо қарори Анҷумани III Шуроҳои ҶШС Ӯзбекистон, ноҳияи Хуҷанд ба Тоҷикистон дода шуд ва моҳи октябри соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил ёфт [100, с.25]. Ин як воқеаи бузург дар ҳаёти мардуми тоҷик буд. Дар робита ба ин, нақшаи панҷсолаи аввали ҷумҳурӣ ба самти афзоиши нишондиҳандаҳои мушаххаси он аз нав дида баромада шуд. Дар китоби «История таджикского народа. Новейшая история (1917-1941 гг.)». Ҷ.V чунин омадааст: «6-15 июни соли 1930 Анҷумани I таъсисии ҲК(б) Тоҷикистон баргузор гардид, ки он оид ба масъалаҳои муҳимтарини сохтмони ҷомеаи нави сотсиалистӣ дар ҷумҳурӣ қарорҳои мушаххас қабул кард. Дар қарорҳои анҷуман инчунин ба рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ

ва сохтмони роҳҳо ишора карда шуд. Вазифаи сохтмони роҳи Сталинобод - Қӯрғонтеппа гузошта шуд» [66, с.481-482].

Лоиҳаи нақшаи панҷсолаи аввали рушди хоҷагии халқи ҶМШС Тоҷикистон дар конфронси II ҳизбии вилояти Тоҷикистон, ки аз 3 то 10 феврали соли 1929 баргузор шуд [9, в.5; 23, в.11], баррасӣ карда шуд. Конфронс қайд кард, ки банақшагирӣ тибқи қарори анҷумани XV ВКП(б) суръати тезтари рушди хоҷагии ҷумҳуриро дар муқоиса бо ноҳияҳои марказии мамлакат, бартараф намудани нобаробарии иқтисодии Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС ва дар маҷмуъ вазифаҳои пешбининамудаи лоиҳаи нақша дар назар дошта, ба талаботи рушди ҷумҳурӣ ва манфиатҳои иқтисодии тамоми Иттиҳоди Шуравӣ мувофиқат мекунад.

Дар қатъномаи конфронс оид ба нақшаи панҷсола масъалаи васеъ кардани сохтмони роҳи оҳан, роҳҳои автомобилгард ва рушди алоқаи автомобилӣ дар Тоҷикистон ба миён гузошта шуд.

Муҳаққиқон: Иркаев М., Николаев Ю., Шарапов Я. дар алоқамандӣ ба масъалаи бунёди роҳҳо ва иқтисоди Тоҷикистон чунин овардаанд: «Анҷумани XV ВКП(б) ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарин «васеъ кардани шабакаи нақлиёт ва кори он, ки ниёзҳои истеҳсолот ва гардиши молро фаро мегирад, ба ҳаёти хоҷагии халқи кишвар минтақаҳои навро ворид мекунад, манбаъҳои нави бузурги рушди қувваҳои истеҳсолиро мекушояд ва ниёзҳои мудофиаро таъмин мекунад», гузошт. Шурои Комиссарони халқии Тоҷикистон, ки қарори анҷумани XV ВКП(б)-ро иҷро мекард, 26 сентябри соли 1929 қарор қабул кард, ки нақшаи панҷсолаи сохтмони роҳро мувофиқи рушди умумии иқтисодии ҷумҳурӣ тартиб диҳад» [62, с.174].

Муҳаққиқон: Иркаев М., Николаев Ю., Шарапов Я.андешаи худро идома дода дар иртибот ба масъалаи сохтмони роҳҳо чунин навиштаанд: «Сохтмони роҳҳо дар шароити минтақаи Қӯрғонтеппа мушкилоти зиёд дошт. Сохтмончиён аксар вақт дар зери боронҳои доимӣ, дар барф, дар обу

лой кор мекарданд. То октябри соли 1929 дар ҷумҳурӣ 88 км роҳи сангфарш, 981 км роҳҳои хокӣ ва 1647 км роҳҳои боркаш мавҷуд буданд» [ 62, с.176].

Пас аз табдил додани ҶМШС Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ дар соли 1929 идораи роҳсозӣ, ки ба ҶШС Ӯзбекистон тобеъ буд, ба ташкилоти мустақили идораи асосии шоҳроҳ ва роҳҳои хокӣ (Тоҷикглавдортранс)-и ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд. Дар соли 1929 институти лоиҳавии «Дорпроект» («Тоҷикгипротранстрой») ташкил карда шуд, ки тавонист дар муддати кӯтоҳ кори худро ташкил кунад ва ҳамаи иншоотро бо ҳуҷҷатҳои зарурии лоиҳавӣ-сметавӣ муҷаҳҳаз кунад. Дар соли 1935 озмоишгоҳи маводи роҳсозӣ ташкил карда шуд [98, с.15; 104, с.15]. Ин озмоишгоҳ ва идораҳои дигаре, ки пас аз ташкили ҶШС Тоҷикистон фаъолияти худро дар қаламрави Тоҷикистон оғоз намуданд, корҳои зиёдеро дар заминаи лоиҳакашӣ ва дигар корҳои сохтмонӣ ба анҷом расониданд. Ин идора солҳои баъд низ дар лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳу ҷода ва дигар иншооти идорию маъмурӣ нақши калидӣ мебозид.

Барои дар қаламрави дохилии ҷумҳурӣ бартараф кардани мушкилоти солҳои аввали ташаккули Ҳокимияти шуравӣ сохтмони роҳи оҳан, автомобилӣ ва паҳнбар, беҳтар кардани роҳҳои хокӣ оғоз ёфт, пеш аз ҳама,ин роҳҳо дар қаламрави ноҳияҳои рушдёфта ва сипас дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки амалан аз ҷаҳони беруна ҷудо карда шуда буданд, ташкил карда шуданд. Дар соли панҷсолаи аввал сохтмони иншооти саноатӣ ва фарҳангӣ бо суръати беназир рушд кард, дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси КМ ВКП(б) ва қонунгузории Шуравӣ дар ҷануби Тоҷикистон муттаҳидшавии системаи бузурги обёрӣ оғоз ёфт.

Аз бойгонӣ: «Сохтмон алоқаи доимии ноҳияҳои ҷанубиро бо пойтахти ҷумҳурӣ талаб мекард, сохтани роҳҳои хубе, ки дастрасӣ ба маводи заруририро барои сохтмон таъмин мекарданд. Афзоиши пахтакорӣ, саноат, ташкили ноҳияҳои нав, зиёд кардани аҳолии минтақаи Қӯрғонтеппа сохтмони роҳҳои нави муосирро талаб кард, ки ин минтақаро бо пойтахти ҷумҳурӣ - Душанбе пайванданд» [9, в.5].

Мувофиқи асноду ҳуҷҷатҳои мавҷуд, сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар шароити баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиши сиёсӣ ва қобилияти меҳнатии колхозчиён, кормандони МТС ва совхозҳо сурат мегирифт. Ба ҳамин тартиб дар муддати кӯтоҳ ҳаҷми зиёди корҳои заминкоркунӣ иҷро карда шуданд [104, с.12].

Аз бойгонӣ: «Дар панҷсолаи аввал барои рушди нақлиёт дар ҷумҳурӣ 223,2 миллион рубл сарф карда шуд, ки 185 миллиони он ба сохтмони корҳои васлкунӣ сармоягузорӣ карда шуд» [9, в.15].

Вазифаи асосии нақшаи панҷсолаи аввали хоҷагии роҳ пӯшонидани сарбанди сангини магистралҳои зичтар, ба истисноӣ роҳҳои баромади роҳҳои хокӣ, сохтмони роҳҳои воридшавӣ барои совхозҳо ва колхозҳо буд.

Корҳои «Тоҷикглавдортранс» 1 майи соли 1929 оғоз ёфт. Ҳама вақт бо суръати пурзӯр, ҳар соат ба ҳисоби миёна 2200 нафар кор мекарданд. Аҳаммияти ин роҳҳоро ҳис намуда, пешниҳод гардид, ки сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа то 1 декабри соли 1929 ба анҷом расад ва маблағи он то 1395 ҳазор рубл зиёд карда шуд.

15 декабри соли 1929 ҷамъияти «Тоҷикавтотранс» ташкил карда шуд. ки дар заминаи он минбаъд Вазорати нақлиёти ҶШС Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамин тавр, дар ин зербоб таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, маълум гардид, ки нахустин кӯпрук дар мавзеи Пули Сангини болои дарёи Вахш дар қаламрави ш. Норак сохта шуда буд. Қайд кардан ба маврид аст, ки сохтмони роҳҳо ва пулҳо дар шароити ниҳоят вазнин ба амал меомад, яъне сохтмончиён гоҳе бо асбобҳои сохтмонӣ ва гоҳе бо яроқу аслиҳа сару кор мегирифтанд. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, нақшаҳои давлатии сохтмони роҳу пулҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-уми асри XX бо сифати баланд ба анҷом расид.

## 1.2. Шароитҳои сохтмони роҳ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ (с.1930-1939)

Ба шароитҳои номуносиби солҳои сиюми асри XX нигоҳ накарда, сохтмони роҳу пулҳо дар Тоҷикистони Ҷанубӣ идома меёфт. Муҳитҳои асосӣ ба роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа, Саройкамар - Фархор равона карда шуданд ва дар охири соли 1929 сохтмони ин роҳ ба анҷом расид.

Ҳангоми сохтмон ва таъмири роҳҳои нақлиётгарди байни шаҳрҳои Қӯрғонтеппа - Кӯлоб аз тарафи ҳукумат маблағҳои зиёде ҷудо гардид. Аз ҷумла барои сохтмони роҳҳои ин шаҳрҳо дар солҳои 1929-1930 зиёда аз 225 ҳазор рубл ҷудо гардид, дар солҳои 1930-1931 1 миллиону 839 ҳазор рубл ҷудо гардида, дар соли 1931-1932 барои таъмири роҳҳои нақлиётгарди байни шаҳрҳои Қӯрғонтеппа - Кӯлоб 2 миллиону 322 ҳазор рубл ҷудо гардид [100, с.19].

Дар Тоҷикистон барои сохтмони роҳҳои нақлиётгард, барои солҳои 1929-1930 маблағи 5 млн. 726 ҳазор рубл ҷудо гардид, ки муҳлаташ 2 сол буд.

Дар сохтмони роҳҳои нақлиётгард танҳо 40% коргарони техникӣ буданд. Бинобар он дар давоми ду сол нақшаи сохтмони роҳҳо 24,7 фоиз иҷро гардид [12, в.75; 14, в.2; 18, в.63].

Сохтмони роҳҳои пайвастае, ки аз минтақаи кӯҳӣ мегузаштанд, душвортар буд, қисми гузаргоҳ аз ҷониби минтақаи Қӯрғонтеппа дар робита бо поёнравии шадид душворсоз буд.

Моҳи майи соли 1930 сохтмони қитъа дар роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа оғоз ёфт, ки ин аввалин роҳи сангпӯш дар ҷумҳурӣ буд. Сохтмони ин роҳ, дар робита ба рушди сохтмони обёрии Вахш, кори аввалиндараҷа ва асосии «Тоҷикглавдортранс» буд. Соли 1930 дар сохтмон 54 бригадаи зарбдор таъсис дода шуд. Коргарон нақшаҳоро 150% иҷро мекарданд. Ҳукумати иттифоқӣ барои ба итмом расонидани сохтмон дар соли 1932 400 ҳазор рубли иловагӣ ҷудо кард. Сохтмони роҳ дар шароити хеле вазнин сурат мегирифт, роҳсозон аз масофаи дур об мекашониданд.

Назруллаев С., ки яке аз муҳаққиқони асосии омӯзиши масъалаи бунёди роҳҳо маҳсуб меёбад, чунин менигорад: «16 декабри соли 1932

роҳсозони муҳандисӣ дар бораи ба охир расидани сохтмони роҳи нақлиётгарди Душанбе - Қӯрғонтеппа ҳисобот доданд То сохтмони ин роҳ барои интиқоли бор 3-4 шабонарӯз лозим буд. Соли 1933 бо ин роҳ зиёда аз 10 ҳазор тонна бор кашонида шуд. Кушодани роҳ имконият дод, ки кашонидани борҳо чор маротиба афзояд» [73, с.6-9].

Корҳо оид ба сохтмони роҳи хокӣ Ҷиликӯл - Саройкамар, ки бо роҳи воридшавӣ кушода мешавад, ба анҷом расид. Бо интиқоли борҳои зикршуда ба бандари дарёи Амударё рушди иқтисодии минтақаи Қӯрғонтеппа таъмин карда шуд.

Соли 1930 дар ҷумҳурӣ колхозҳо таъсис дода шуданд. Дар охири соли 1930 дар шаҳри Қӯрғонтеппа истгоҳи нахустини мошинӣ-тракторӣ (МТС) таъсис дода шуд, ин истгоҳ дар ҳамон сол дорои 25 трактори тамғаи «Фарзан» ва «Жандир» буд [104, с.20; 144]. Ин иқдоми хеле асосӣ ва бунёдӣ дар масири таъсиси ин қабил истгоҳҳои техникӣ буд, чунки ин маконҳо дар баробари иҷрои корҳои техникӣ ва саҳроӣ макони тарбияи кадрҳои фаннӣ ва техникӣ барои ҷумҳурии навтаъсис маҳсуб меёфтанд.

Дар анҷумани XVI ВКП(б) (с. 1930) суханронӣ карда, котиби КМ ҲК(б) Тоҷикистон М.Д. Ҳусейнов гуфт, аз таҳқиқотҳои Назруллаев С.: «...масъалаи нақлиётӣ дар Тоҷикистон масъалаи марказӣ аст, ки ҳалли он ба маънои аслӣ қафо мебошад. Бояд иқрор шуд, ки дар ҳоли ҳозир мо дар Тоҷикистон нақлиёти зиёд надорем ва он наздики 25% бо нақлиёт таъмин аст. Ин норасоӣ боиси он мешавад, ки мо ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ва як қатор маҳсулотҳои дигари муҳиммеро, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ истеҳсол мекунем, ба ҷойиҳои дигар ба фурӯш бароварда наметавонем. 33 ҳазор пуд ашёи хоми пӯст, 27 ҳазор пуд нах ва зиёда аз 2 ҳазор пуд пашм дорем. Аммо имконоти интиқоли онҳоро ба бозорҳои мавриди назар надорем. Соли 1929 мо тавонистем 120 вагон пахта ирсол намоем. Агар дар ин масъала мо пофишорӣ накунем, итминон нест, ки солҳои минбаъда мо битавонем супориш ва нақшаҳои пайрезишударо иҷро кунем» [73, с.74].

Яке аз нақлиётҳои муҳимми дигар барои ҷумҳурӣ ин нақлиёти ҳавоӣ буд, ки он низ оҳиста-оҳиста дар ҷумҳурӣ рушду тараққӣ мекард. Аз ин назар барои минтақаи Қӯрғонтеппа низ ин навъи нақлиёт нақши назаррас дошт ва нуфузи он дар он шабу рӯзҳо ҳар чи бештар мешуд. Соли 1930 дар минтақаи Қӯрғонтеппа ба бунёди майдончаҳо барои ҳавопаймоҳо оғоз карданд ва дар ин хатсайр ҳавомпаймоҳои тамғаҳои «АН-2» ва «АНТ-9» парвоз мекарданд. Ногуфта намонад, ки ин навъи ҳавопаймоҳо барои ҷумҳурии камзамини мо қулай буда, ҳанӯз ҳам дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол парвоз карда истодаанд. Онҳо дар баробари мусофиркашонӣ корҳои гуногуни хоҷагии қишлоқро анҷом медиҳанд. Андозаи сармоягузорӣ барои рушди нақлиёти авиатсионӣ дар ҳаҷми 1920 ҳазор рубл, аз ҷумла 1650 ҳазор аз буҷети иттифоқӣ, муайян карда шуд. Соли 1930 дар Қӯрғонтеппа ва Данғара фурудгоҳҳо сохта шуданд.

15 апрели соли 1930 идораи Тоҷикистонии «Союзтранс» таъсис дода шуд, ки ба он ҳамаи артелҳои нақлиётии тиҷоратӣ, истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Сталинобод, 7 идораи ҷамъияти саҳҳомии «Транспорт» (дар Сталинобод, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Саройкамар, Кӯлоб, Ғарм ва Ҷиликӯл) дохил шуданд [73, с.23; 27, в.53].

Дар соли 1930 бо нақлиёти автомобилӣ 80 ҳазор тонна бор нисбат ба 7,5 ҳазор тонна дар соли 1929 кашонида шуд. Дар аввали соли 1931 «Союзтранс» дар ихтиёри худ 84 мошини боркаш, 174 аспи боркаш, 2000 шутурҳои боркаш дошт. Ғайр аз ин, ӯ барои овардани боз 1260 аспи боркаш ва 10860 шутурҳои боркаш шартнома баст.

Дар давраи таҷдиди сотсиалистии кишоварзӣ масъалаи фавран беҳтар кардани роҳҳо махсусан дар минтақаҳои коллективизатсияи умумӣ шадид буд. Дар робита ба ин, 5 августи соли 1931 ШКХ ва КМ ВКП(б) Тоҷикистон қарори «Дар бораи тақвияти роҳбарӣ ва банақшагирии роҳ» - ро қабул кард, ки дар он таъсиси бахшҳои роҳ дар ҳамаи ноҳияҳо зарур дониста шуд.

Дар назди идораи «Главдортранс» масъалаи зарурати андешидани тамоми чораҳо барои суръат бахшидан ба суръати барҳамдиҳии бероҳӣ дар соли 1932 гузошта шуд.

Аз соли 1931 тамоми ҳаёти Карамов В.Ҷ. бо Тоҷикистон робитаи ногусастанӣ дошт. Вай дар сохтмони роҳҳову шоҳроҳро ширкат варзида, сардори «Главдортранс», муовини Комиссариати халқии сохтмони роҳҳо, Комиссари халқии хоҷагии коммуналӣ ва нақлиёти ҷумҳурӣ, сардори идораи шоҳроҳҳо буд, инчунин сохтмони НБО-и Варзоби Поёнӣ ва НБО-и Сарбанд (Перепадний)-ро роҳбарӣ мекард. Сардори Раёсати сохтмони ҶШС Тоҷикистон буд. В.Ҷ. Карамов бо панҷ ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат», ду ордени «Нишони Фахрӣ», як медал ва даҳ Ифтихорномаи Раёсати Шурои Олии ҶШС Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Ҳангоми сохту сози роҳҳо ва куллан ҳамагуна сохтмон, сарфи назар аз самти он, пуштибонии пулии он хеле муҳим аст, чунки бидуни маблағ ва дороиҳои пулӣ ҳеҷ як корро ба итмом расонидан номумкин аст. Аз ин рӯ, соли 1932 барои бунёди роҳҳои ҷумҳурӣ аз буҷети умумиитифоқӣ 8710 ҳазор рубл, аз буҷети умумиҷумҳуриявӣ 2105 ҳазор рубл, аз буҷети маҳаллӣ 2400 ҳазор рубл ҷудо карда шуд. Ин маблағҳо дар он замон маблағҳои ҳангуфте буданд, ки барои сохту сози роҳу ҷода ва пулу пайроҳаҳо ҷудо карда шуда буданд. Бо ин маблағҳо сохтмони 596 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва 626 метри тулонии (погонный метр) пулҳо пешбинӣ шуда буд [129, с.31].

Идораи ташкилотҳо ба «Главдортранс», ки раиси ҳуқуқии Комиссариати халқии нақлиёти ҶШС Тоҷикистон буд, дода шуда. Сардори ин коргоҳ В.Д. Карамов таъин карда шуд.

Моҳи августи соли 1931 мусобиқа байни сохтмончиёни роҳҳои автомобилгард оғоз ёфт.

«Дар натиҷаи мусобиқаи иҷтимоӣ ва зарбдор сохтмони роҳи Тутқавул -Данғара бо дарозии 34,2 км моҳи ноябри соли 1932 ба анҷом расид. Дар ҳамон вакт роҳи хокии Данғара - Қӯрғонтеппа бо дарозии 70 км сохта шуд.

28 августи соли 1931 аввалин мошини боркаш аз Данғара ба Қӯрғонтеппа равон гардид.

19 феврали соли 1932 Шурои Комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистон қарори «Дар бораи нақшаи сохтмони роҳҳо барои соли 1932»-ро қабул кард, ки дар он сохтмони роҳи Сталинобод - Қӯрғонтеппа ва Янгибозор (ҳоло Ваҳдат) - Кӯлоб аз рӯи буҷети иттифоқӣ тасдиқ карда шуд.

Бо ин маблағ дар қисми ҷанубии кишвар, махсусан минтақаи Қӯрғонтеппа 596 км роҳҳо сохта шуданд.

То соли 1933 дар ҷумҳурӣ сохтани 5334 км роҳҳо ба нақша гирифта шуда буд, ки аз он 2855 км роҳҳои хокӣ, 1966 км шоҳроҳ, 566 км роҳи асфалтӣ, 127 км роҳ бо пӯшиши санг, инчунин сохтани 300 км роҳҳои боркаш ва 714 км роҳҳои воридшавӣ ба истгоҳҳои роҳи оҳан ва бандар пурра пешбинӣ шуда буд. Борҳои бо роҳҳои берелси Тоҷикистон кашидашаванда тибқи нақшаи панҷсола 460 миллион тонна-километрро ташкил дод.

Аз нашрияи «Коммунист Таджикистана» нашри соли 1933 дар он омадааст: «Дар соли 1933 идораи «Главдортранс» тавонист сохтмони лоиҳавиро пурра барҳам диҳад. Дар ҳамаи ноҳияҳо бахшҳои ноҳиявӣ ташкил карда шуданд, гарчанде ки кормандони он ҳанӯз пурра таъмин карда нашуда буданд. Мутобиқ ба ахбори бадастоварда, маълум шуд, ки таҳкими қитъаҳое, ки бояд мавриди истифода қарор мегирифтанд, тақвият ва таҳким ёфтанд. Дар дараҷаи аввал дар панҷсолаи якум 1072 километр роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ сохта ба истифода дода шуданд» [135].

Зимни бунёди роҳҳо ҷалби ҳар чи бештари аҳолӣ ба корҳои сохту соз ба амал меомад ва мутобиқ ба омори дарёфтшуда дар солҳои 1933-1937, яъне дар панҷсолаи дуюм, иштироки аҳолӣ 87,8 %-ро ташкил дод. Аз назари пулӣ бошад, маблағи 792 ҳазор рублро ташкил дод.

Бо иштироки меҳнатии аҳолӣ 387 км роҳҳо сохта шуда, 596 км роҳҳо таъмир гардиданд, 1445 метри тулонии (погонный метр) пулҳо бунёд ёфта, 6243 метри тулонии (погонный метр) пулҳо таъмир карда шуданд [137].

Албатта, он вақт қоидаҳои истифодаи роҳҳо риоя намешуданд. В.Д. Карамов, ки моҳи сентябри соли 1933 дар анҷумани ҷумҳуриявии колхозчиёни фаъол баромад мекард, аз вакилон даъват кард, ки ҳамаи колхозчиёнро барои иштироки фаъол дар сохтмони роҳҳо сафарбар кунанд. Аз директорони МТС, совхозҳо, тракторчиён муносибати масъулиятнок ба роҳҳо, риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, гузаронидани об тавассути роҳҳо, нигоҳ доштани пулҳо дар роҳҳо талаб кунанд [136].

Хулласи калом, нақшаи панҷсолаи аввали сохтмони роҳҳо моҳи январи соли 1933 тартиб дода шуда, 124% иҷро карда шуд. Кишвари мо, ки дар гузаштаи начандон дур як минтақаи ақибмондаи Аморати Бухоро буд ва ҳатто як километр роҳҳои муносиб надошт, дар андак муддат соҳиби роҳҳои муносиб гашт, ки дарозии онҳо 6980 км-ро дар бар мегирифт. «Ба воситаи нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ соли 1932 18,6 ҳазор тонна бор интиқол дода шуд ва 272,2 ҳазор тонна-километр иҷро карда шуд. Муносибати зич бо саноатикунонии ҷумҳурӣ ва таҷдиди хоҷагии қишлоқи он рушди нақлиётӣ идома дошт» [24, в.2; 58, с.14; 73, с.129; 110, с.19].

Роҳсозӣ ва индустрияи роҳ тахассуси баландро тақозо мекунад. Чунки дар роҳсозӣ механизатсия ҳар рӯз болотар меравад. Аз бунёди роҳҳо гирифта, то идораи механизм ва мошинолот дараҷаи баланди тахассусро талаб мекунад. Ин ҳақиқатро роҳбарони вақт ба хубӣ дарк мекарданд, аз ин рӯ, дар ин масир ба механизатсия ва тарбияи кадрҳо камари ҳиммат бастанд. Соли 1932 дар Тоҷикистон Политехникум ва дар сохтори вай шуъбаи нақлиёти роҳсозӣ таъсис дода шуд. Соли 1937 ин Политехникумро 247 нафар донишҷӯён хатм намуданд. Аз ин теъдод 212 нафари онҳоро кадрҳои маҳаллӣ, яъне тоҷикон, ташкил медоданд. Ин теъдод барои он замон неруи бузурге маҳсуб меёфт, чунки мо дар Тоҷикистон дар он солҳо аз кадрҳои маҳаллӣ дар соҳаи роҳу роҳсозӣ ва идораи механизмҳо умуман мутахассис надоштем. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои хеш ҳамеша як нуктаро таъкид мекунанд, ки давлат ва ҳукуматро кадрҳо идора мекунанд ва кадрҳо дар

иҷрои ҳамаи корҳо нақши калидӣ мебозанд. Кадрҳоро мо худамон бояд омода намоем ва дар амри омода намудани кадрҳои миллӣ бо ҳисси баланди миллӣ ва ватандорӣ муносибат намоем. Техникуми роҳсозии тозаташкил ҳодисаи нодир барои Тоҷикистон буд. Аз теъдоди 247 нафар мутахассисоне, ки техникуми мазкурро дар соли 1937 хатм намуданд, 27 нафар устои роҳсоз, 25 нафар ёрдамчии усто, 32 нафар сардори шуъба, 165 нафар ронанда буданд. Дар соли 1934 дар техникум 150 донишҷӯ таҳсил мекарданд, аз онҳо 140 нафар тоҷикон дар назди техникум дар курсҳои ронандагӣ таҳсил намуда, 130 нафар ин курсҳоро хатм карданд ва аз онҳо 112 нафар аз миллатҳои маҳаллӣ буданд. Аз 1956 ронандае, ки дар Тоҷикистон кор мекарданд, 365 ё 19,5% тоҷикон буданд, 38 нафар тоҷикон ба ҳайси сардорони бахшҳои таъмир кор мекарданд.

Парки мошинҳои ҶШС Тоҷикистон сол ба сол афзоиш меёфт ва ҳамасола теъдоди муайяни мошинолоту механизмҳо ба Тоҷикистон аз шаҳрҳои марказии Иттиҳоди Шуравӣ ворид мешуд. Соли 1933 парки мошинҳои Тоҷикистонро теъдоди 550 адад мошини боркаш, 13 адад автобус, 55 адад мошини сабукрав ва 9 адад мошини махсус ташкил медод.

Дар ҳамин ҷо як нуктаро қайд кардан лозим аст, ки сарфи назар аз он ки аз шаҳрҳои маркази мамлакат мошинолот ва техникаҳои гуногун ба ҷумҳурӣ ворид карда мешуд, ин мошину механизмҳо талаботи пурраи мардумро ҷиҳати боркашонӣ ва интиқоли молу мавод ва мусофиркашонӣ ҳанӯз қаноатманд карда наметавонистанд. Инчунин шароити кӯҳистон ва набудани роҳҳои муносиб сабаб мешуданд, ки мардум ҳанӯз ҳам аз аспу ароба ва шутурҳо зимни мусофиркашонӣ ва боркашонӣ истифода намоянд.

Дар соли 1934 колхозҳои ҷумҳурӣ 371 км роҳҳо, 535 метри мураббаъ пулҳо ва 613 метри мураббаъ қубурҳо хобониданд [43, с.22]. Дар ду соли аввали панҷсолаи дуюм 868 км роҳҳои хокӣ сохта шуда, 20 км бо гудрон пӯшонида шуд. Барои беҳтар кардани роҳҳои мавҷуда корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Дар миқёси васеътар дар сохтмони роҳҳо мошинҳо, шоҳроҳҳо,

олотҳои механикӣ истифода мешуданд. Дар соли 1934 «Главдортранс» 412 мошин ва дигар асбобҳо дошт, ки 161 адади онҳо моторӣ буданд [137].

Аз бойгонӣ: «Нақлиёти аробавӣ ва автомобилӣ низ рушд кард. Дар соли 1935 дар ҷумҳурӣ 1350 мошин мавҷуд буд, зиёда аз 3 ҳазор аробаборкаш буд. Ҳар сол гардиши бор зиёд мешуд. Гаражҳо, коргоҳҳо ва корхонаҳои таъмирӣ сохта шуданд, ки калонтаринҳо корхонаи таъмирӣ-механикӣ, коргоҳҳои «Главдортранс», «Наркомзема», «Вахшстрой», «Заготзерно» буданд, ки иқтидори истеҳсолии онҳо дар як сол таъмири 150-200 адад мошинҳо буданд» [30, в.123].

Аз соли 1933 сохтмони пулҳо оғоз ёфт (гузоргоҳҳо тавассути дарёҳои сершумор бо паромҳо анҷом дода мешуданд). Ду пули калон дар болои сутунҳои оҳану бетонӣ бо пӯшиши металлӣ дар болои дарёҳои Кофарниҳон ва Элок, пули сангӣ дар Даҳанакиик дар роҳи Сталинобод - Қӯрғонтеппа, пули чӯбӣ дар болои шохи намакшудаи дарёи Вахш дар роҳи Уялӣ - Арал ва панҷ пули калони овезон бо дарозии аз 35 то 55 метр дар болои дарёи Варзоб дар роҳи Тошканд сохта ва ба истифода дода шуданд [138].

Соли 1934 сохтмони роҳҳои асосӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид. Ягон соҳаи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба монанди хоҷагии роҳ тағйироти ҷиддӣ надида буд. То 1 январи соли 1935 масофаи роҳҳои хокӣ 4748 км ва роҳҳои бо санг пӯшонидашуда 432 км-ро ташкил медод [138]. Акнун вазифаи асосӣ беҳтар кардани онҳо, сохтани пӯшиши сахт, беҳтар кардани кори нақлиёт буд. Бо таваҷҷуҳ ба беҳтар шудани корҳо дар тамоми соҳаҳо дар масъалаи роҳсозӣ низ комёбиҳо ба даст оварда шуданд.

Ҳамеша барои беҳбудӣ бахшидани корҳо дар ин ё он самтҳо аз шаклҳою шеваҳои гуногун кор мегиранд. Аз ин рӯ, соли 1935 як шакли нави истгоҳҳо бо номи мошинроҳ дар Тоҷикистон ташкил карда шуд. Дар байни солҳои 1935-1936 75 истгоҳи мошинроҳ ташкил карда шуда буд. Ин шакли кор дар замони худ шакли кори пешрафта маҳсуб мешуд ва ин истгоҳҳо бо мурури замон тағйири шакл карданд. Онҳо ба қитъаҳои истифодаи роҳ

(ДЭУ) табдил дода шуданд, ки ба қитъаҳои алоҳидаи роҳ хидмат мерасонданд.

Соли 1935 бо рӯйдоди дигари муҳим низ хотирмон аст. 15 май яке аз калонтарин пулҳои оҳану бетонии он замон (440 м) дар болои дарёи Вахш ба истифода дода шуд. ШКХ ҶШС Тоҷикистон дар қарори худ аз 25 апрели соли 1935 барои кори муваффақона дар сохтмони пул дар болои дарёҳои Вахш ва сохтмонҳои баитмомрасида дар муҳлати муайяншуда беҳтарин коргаронро мукофотонид. Барои ин мақсад 35 ҳазор рубл ва ашёи қиматбаҳо ба маблағи 15 ҳазор рубл ҷудо карда шуд [139].

Дар соли 1934 бо мақсади нигоҳубини беҳтари роҳҳо таҷрибаи пайваст кардани онҳо (тақрибан 1580 км) ба шуроҳои ҷамоатӣ, колхозҳо ва совхозҳо гузаронида шуд. Ин чора имкон дод, ки вазъи роҳҳо беҳтар шавад. Дар охири соли 1934 нақшаи иштироки меҳнатии аҳолӣ дар сохтмони роҳҳо 123,8% иҷро карда шуд, яъне ба маблағи қариб 1,9 миллион рубл. Ҳаҷми корҳои иҷрошуда 700 ҳазор нафар-рӯз, 30 ҳазор асп-рӯз, 1100 трактор-рӯз ва 900 мошин-рӯзро ташкил дод [141]. Аз соли 1931 то 1934 иштироки меҳнатии аҳолӣ дар ифодаи пулӣ 3,3 миллион рублро ташкил дод [31, в.129].

Бисёре аз мушкилот ва масъалаҳои доғи ин соҳа дар Анҷумани II Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, ки 7-14 январи соли 1934 баргузор шуд, муайян гардид. Мутобиқ ба супориши ин ниҳод соли 1934 сохтмони якчанд роҳҳо ба анҷом расонида шуд [98, с.17-19; 110, с.21; 73, с.78].

Мутобиқ ба санадҳое, ки ба мо расида омаданд аз буҷети марказии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳашт сол, яъне дар байни солҳои 1927-1934 126,8 миллион рубл ҷудо карда шуд. Ин маблағҳо барои сохтани роҳу ҷода ва пулу кӯпрукҳо сарф мешуданд. Ин маблағ ба ҶШС Тоҷикистон ба тариқи зайл ҳавола шуда буд: дар панҷсолаи аввал 74 миллион рубл, дар солҳои 1933-1934 52 ҳазор рубл, дар се соли панҷсолаи дуюм (1934-1937) 112 миллион рубл. Аз он 68 миллион рубл аз рӯйи буҷети Иттиҳоди Шуравӣ ва 44 миллион рубл аз рӯйи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ сармоягузорӣ

гардид. Барои сохтмони роҳ ба як сокини ҷумҳурӣ дар соли 1928 1 рублу 45 тин ва дар соли 1934 21 рублу 34 тин рост меомад.

Моҳи июни соли 1934 дар мактуби худ ба КМ ҲК(б) Тоҷикистон «Оид ба сохтмони роҳҳо дар ҶШС Тоҷикистон» В.Ҷ. Карамов таърихи сохтмони роҳҳои ҷумҳуриро муфассал ва пурра баён намуд.

«Соли 1935 дар ҷумҳурӣ 1350 мошин мавҷуд буд, дар Тоҷикистон аввалин автобусҳо барои 88 ҷойи мусофирбарӣ пайдо шуданд.

Қарорҳои анҷумани II идоракунии ҳизбии хоҷагии роҳ ва нақлиёт фаъол гардида, сохтмони роҳҳо торафт васеътар шуд

Соли 1935 хатти ҳавопаймоии Сталинобод - Қубодиён кушода шуд. Соли 1935 тули роҳи ҳавоии ҶШС Тоҷикистон 3 ҳазор км-ро ташкил дод, ки баъдтар ба 23 ноҳияи ҷумҳурӣ муттаҳид карда шуд.

Аз бойгонӣ: «Мусобиқаи умумииттифоқӣ ба афзоиши ташаббуси меҳнатии омма мусоидат кард. Соли 1935 ноҳияҳои алоҳида ба муваффақиятҳои бузург ноил шуданд. Масалан, ноҳияҳои Куйбишев (н. А.Ҷомӣ) -215,8%, Қизилмазор (н. Темурмалик) -187%, Шаҳристон -147,7% нақшаро иҷро намуданд. Нақшаи иштироки меҳнатии аҳолӣ дар корҳои роҳ низ иҷро карда шуд» [11, в.11].

Дар натиҷаи мусобиқаи васеъ нақшаи корҳои роҳ аллакай моҳи декабри соли 1935 барои таъмири роҳҳо 118% иҷро карда шуд. 422 км роҳҳои хокӣ, 83 км роҳҳои такмилёфта, 52 км роҳҳои сангпораю шағалдор, 0,9 км пулҳо, дар маҷмуъ зиёда аз 550 км сохта шуданд [11, в.11].

Вақте шахсони масъул дар самти роҳсозӣ ба муваффақиятҳо ноил шуданд, масъалаи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа пеш омад, ки он низ бомуваффақият амалӣ шуд.

Дар мактабҳои ронандагӣ ва дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар як сол гурӯҳи калони техникҳо ва бригадирҳои роҳ тайёр карда шуданд. Агар то 1 январи соли 1934 83 ронанда омода карда шуда бошад, пас то 1 январи соли 1935 221 нафар ронанда ва то 1 ноябри ҳамин сол 709 нафар ронандагон тайёр карда шуданд [123]. Нисфи онҳоро намояндагони аҳолии маҳаллӣ

ташкил медоданд. Бисёре аз тоҷикон дар донишкадаҳои автомобилии шаҳрҳои Москва ва Ленинград таҳсил карданд. 120 нафар, аз ҷумла 6 зан, дар техникуми роҳҳои Сталинобод таҳсил мекарданд. Ҳамин тариқ, дар муддати кӯтоҳ халқи тоҷик тахти роҳбарии ҳукумат шабакаи хуби замонавии роҳро бунёд намуда, даҳҳо кадрҳои соҳибихтисосро тайёр намуд. Дар Тоҷикистон номи яке аз ташкилкунандагони боистеъдоди сохтмони роҳҳо дар ҷумҳурӣ В.Ҷ. Карамов маълум аст. Дар ҳамаи давру замонҳо онҳое, ки ташаббускори ин ё он коранд ва дар ин ё он кор чирадастанд ва пешравиҳое доранд, аз сӯйи масъулин тақдир мешаванд. Нисбат ба роҳсозони аввоили ташкилшавии Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон низ чунин буд. Мутобиқ ба ахбори рӯзномаи марказӣ бо номи «Известия», аз соли 1935 фаъолон ва пешқадамони истеҳсолот дар соҳаи роҳсозии мумлакат бо ифтихорномаю сипосномаҳо сарфароз гардонида шудаанд [35, в.37]. Онҳое, ки муваффақ ба дарёфти мукофот шуда буданд, онҳое буданд, ки дар сохтмони роҳу биноҳои маъмурӣ ва дигар иншоот пешсаф буданд, инчунин, колхозҳо, беҳтарин стахановчиён ва пешқадамон аз ҳисоби колхозчиён, бригадирони сохтмони роҳҳо, таъмиргарон ва ғайра буданд.

Нақшаи соли 1936 иштироки меҳнатии аҳолиро дар сохтмони роҳҳо (1170 ҳазор нафар-рӯз) бо ҷалби нақлиёти боркаш ва чархдор бо арзиши умумии корҳо то 7 миллион рубл пешбинӣ кард. Вазифа гузошта шуд, ки роҳҳои Файзобод – Норак - Данғара, Орджоникидзеобод - Ромит ва ғайраро ба анҷом расонад.

Ҳар сол суръати сохтмон меафзуд. Дар соли 1936 23 ноҳияи ҷумҳурӣ нақшаи иштироки меҳнатии аҳолиро, аз ҷумла ноҳияи Файзобод - 468,3%, ноҳияи Шаҳритӯс - 146% зиёд иҷро карданд. Дигар ноҳияҳо бошанд нақшаҳоро 100-450% иҷро карданд.

Бригадаҳои доимии сохтмони роҳҳо дар колхозҳо танҳо дар ноҳияҳои Конибодом, Шаҳритӯс, Кӯлоб, Орджоникидзеобод ва Ёвон ташкил карда шуданд. Дар аксари ноҳияҳо ин чорабинии муҳим баргузор нашуд ва

бригадаҳои роҳҳои мавҷуда дар колхозҳо дар роҳҳо номутаносиб кор мекарданд.

Аз ин рӯ, бисёр ноҳияҳо нақшаи иштироки меҳнатии аҳолиро дар сохтмони роҳҳои соли 1936 иҷро накарданд. Масалан, ноҳияҳои Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ), Ӯротеппа (ҳоло н. Истаравшан) ва ноҳияи Пролетар (ҳоло н. Ҷ. Расулов) нақшаҳоро 50-75% иҷро карданду халос, ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Шаҳристон, Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ), Қубодиён, Октябр (ҳоло н. Кӯшониён) ва Комсомолобод (ҳоло н.Нуробод ) бошад то 1 январи соли 1937 ҳамагӣ 17-50% -и нақшаҳоро иҷро карданду халос [33, в.11]. Таъмири роҳҳо ва нигоҳубини онҳо ғайриқаноатбахш ташкил карда шуда буд.

Аз бойгонӣ: «Дар соли 1937 ба бартараф кардани ин камбудиҳо диққати махсус дода шуд. Дар ин сол 933 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва 834 метри тулонии пулҳо (погонный метр) бунёд карда шуданд. 215,9 км роҳҳо, 600 метри тулонии пулҳо (погонный метр) бояд таъмири асосӣ ва 1500 км роҳҳо таъмир карда мешуданд. Дар ибтидо сохтмони роҳҳое, ки МТС-ро бо колхозҳо ва колхозҳои калонро бо марказҳои ноҳия мепайванданд, пеш мерафт. Ҳамаи чунин роҳҳо, одатан, сахтпӯш набуданд ва ба дараҷаи роҳҳои хокӣ тааллуқ доштанд. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сохтмон ва истифодаи роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ дар соли 1937 дар ҳаҷми 12770 рубл тасдиқ карда шуд, аз он 3650 ҳазор рубл аз буҷети маҳаллӣ, 910 ҳазор рубл аз ҳисоби иштироки меҳнатии аҳолӣ буд» [34, с.62]. Дар маҷмуъ, дар ин солҳо дар ҳамаи соҳаҳо дигаргуниҳои азиме ба амал омад ва ин аз шакли дуруст будани корҳо дарак медод. Вақте ҳамаи корҳо дар чаҳорчӯби дуруст бурда шудаанд, натиҷаҳо ҳам назаррас ва мусбӣ хоҳанд шуд. Метавон гуфт, ки дигаргунӣ ва пешравӣ бармало буд.

4 сентябри соли 1937 ШКХ ҶШС Тоҷикистон масъалаи вазъи хоҷагии роҳ ва иҷрои нақшаи корҳои роҳро бо иштироки меҳнати аҳолӣ баррасӣ карданд [140].

Ҳамин тариқ, дар бисёр ноҳияҳо нақшаи иштироки меҳнатии аҳолӣ дар сохтмони роҳҳо иҷро нагардид ва барои бартараф кардани ин камбудиҳо диққати махсус дода, роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва пулҳо бунёд карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки дар ибтидо сохтмони роҳҳо колхозҳоро бо марказҳои ноҳия пайваст намуд, одатан, чунин роҳҳо сахтпӯш набуданд ва ба дараҷаи роҳҳои хокӣ тааллуқ доштанд. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сохтмон ва истифодаи роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ сол аз сол меафзуд.

Аз бойгонӣ: «Мутобиқ ба маъхазҳои таърихӣ, солҳои 30-юм ҳаҷми умумии сармоягузорӣ барои сохтмони роҳ 131 миллион рубл ё 13,6%-и тамоми сармоягузориҳои хоҷагии ҷумҳуриро ташкил медод. Ҳамагӣ барои рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бо хоҷагии қишлоқ 981,10 миллион рубл сармоягузорӣ карданд. Дар назар буд, ки ин аз сармоягузорӣ дар солҳои панҷсолаи аввал ду маротиба зиёдтар аст. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар панҷсола 42 фоиз афзуд, вазни нисбии он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар соли 1932 ба 22 фоиз расид» [34, в.65].

Чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ дар робита ба 1 пардохт дар ҳаҷми 1012 ҳазор рубл муайян карда шуданд. Бо назардошти пешниҳоди муайяне, ки қобилияти муайян кардани таваҷҷуҳ дар интихоби роҳҳои алоҳидаи воридшавӣ дорад, таваққуф кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол Вазорати нақлиёт арзи вуҷуд дорад. Дар солҳои шуравӣ дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа 1 Раёсати истифодабарии роҳҳои №3 (ДСУ–дорожно-строителная управление №3) ва 15 идораи истифодабарии роҳҳо (ДЭУ) дар маркази шаҳру ноҳияҳо арзи вуҷуд доштанд, ки ба таъмиру барқароркунии роҳҳо машғул буданд.

Дар кишвар яке аз роҳҳои асосӣ, ин роҳҳои автомобилгард ба шумор меравад, чунки мо қариб ки роҳҳои обӣ надорем. Роҳҳои ҳавоӣ ва роҳҳои оҳан мавҷуд мебошад. Аммо хизматрасонии ин роҳҳо каме қиматар аст.

Рушду пешравии роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати набудани ҷодаҳои аслӣ ҳеҷ манфиат надорад, чунки роҳҳои асосӣ кулли иқтисоди мамлакатро такон дода, шиддати ҳаракати нақлиётро дар роҳҳои маҳаллӣ муайян

мекунанд. Барои сохтмони роҳҳои магистралӣ қисми зиёди маблағҳо сарф карда мешуд.

Исмоилов А., Сусепин. А.В. дар китоби худ бо номи «Нақлиёт ва роҳҳои кишвари кӯҳӣ» овардаанд: «Саноат ва хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, махсусан соҳаи асосии он- пахтакорӣ, дар панҷсолаҳои аввал босуръат тараққӣ карданд. Дар ҷануби ҷумҳурӣ иншооти калони обёрикунӣ равнақ гирифт. Аҳолии шаҳру деҳот афзуд, корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ, шоҳибофӣ ба вуҷуд омаданд, муассисаҳои маданӣ, маишӣ сохта шуданд. Ҳамаи ин кори бетаъхиру мунтазами нақлиёту хоҷагии роҳ, таъмини алоқаи доимии нақлиёти Тоҷикистону марказҳои саноатии Иттиҳоди Шуравӣ ва ноҳияҳои дохили ҷумҳуриро талаб мекарданд» [65, с.10].

Нақлиёт бояд талаботи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳуриро пурра қонеъ гардонад. Дар тули солҳо бо ёрмандии бузурги Ҳукумати Шуравӣ коргарони ҶШС Тоҷикистон соҳаи васеи роҳҳои автомобилгардро бунёд гузошта, навъҳои ҷадиди муосири нақлиётро роҳандозӣ намуданд [58, с.5].

Гурӯҳҳои зиёди кормандони нақлиёт ва хоҷагии роҳ барои иҷрои вазифаҳои ҳафтсола фидокорона кор карда, ба натиҷаҳои назарраси истеҳсолӣ ноил шуданд.

Дар якҷоягӣ бо ҳамаи коргарони ҷумҳурӣ, нақлиётчиён барои унвони пешқадамон ва бригадаҳои фаъоли меҳнат мубориза мебурданд. Он вақтҳо дар хоҷагиҳои автомобилӣ зиёда аз 58 бригадаи меҳнати фаъол ва 1340 нафар пешқадамони меҳнат кор мекарданд. 94 бригада ва се корхона - авторемкорхонаҳои рақамҳои 2, 4 ва коллективи идораи роҳсозии рақами 1 барои сазовор гирифтани унвони баланди бригадаҳо ва корхонаҳои меҳнати фаъол тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медоданд.

Дар водии Вахш нахустин роҳ (108 километр) дар давоми камтар аз се сол сохта шуд ва дар бобати бо нақлиёт таъмин намудани сохтмони канал ва ноҳияҳои гирду атрофи он нақши муҳим бозид. Баъди ба охир расидани сохтмони канали Вахш роҳи оҳани камбари Панҷи Поён - Сарбанд ҳамчун

нақлиёти истифодаи умумӣ ба кор андохта шуд. Ба воситаи он ба водии Вахш мошинаҳои хоҷагии қишлоқ, нурӣ, молҳои гуногуни истеъмоли халқ кашонда мешуданд.

Барои сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ дар солҳои 1929-1930 аз буҷети маҳаллӣ 846 ҳазор рубл ва аз буҷети ҷумҳурӣ 1157 ҳазор рубл пешбинӣ шуда буд, ки аз ҳисоби буҷет пӯшонида шавад [26, в.8]. Пас аз истиқрори Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон корҳои азиме дар ҳамаи соҳаҳо дар ҷумҳурӣ оғоз гардид ва яке аз ин соҳаҳо соҳаи роҳу нақлиёт буд, ки дар замони қабл аз Инқилоби Октябр ба ин масъала метавон гуфт, ки ҳокимони вақт аслан таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд. Ва дар ин замина агар корҳои ҷудогонае анҷом ёфта бошанд ҳам, он танҳо бо ташаббуси баъзе аз одамони алоҳида сурат гирифта буду халос ва дар маҷмуъ, ба ин соҳа ягон дирҳам ҷудо намешуд ва таваҷҷуҳ ҳам зоҳир карда намешуд. Вале пас аз пирӯзии Инқилоби Октябр ва истиқрори Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон дар канори дигар масоил ҳокимони вақт ба ин масъала, яъне роҳу нақлиёт, таваҷҷуҳи беандоза зоҳир мекарданд. Чун моҳияти масъала ба ҳамагон равшан буд, ки бидуни роҳҳои хуб дар шароити кӯҳистон мо дар ҳеҷ як соҳа муваффақ нахоҳем шуд. Аз ин рӯ, дар солҳои 30-40 қарни пор тамоми ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ, хусусан РСФСР, ба Тоҷикистон аз ҳар назар кумак мерасониданд, ҳам аз назари таҷҳизот ва ҳам аз назари мутахассисони соҳа ва боз дигар мавридҳое, ки барои ин соҳаи аз назари стратегӣ барои бунёди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ хеле муҳим арзёбӣ мешуданд. Мо дар болотар низ зимни баррасии масоили марбут ба соҳаи роҳ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат бо истинод ба суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда будем, ки барои рушду тараққии мамлакат барои мо дар канори маблиғ мутахассисони варзида низ лозим мебошанд. Чунки дар пешравии корҳо мутахассисон нақши калидӣ мебозанд. Ба қавли Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Давлатро кӣ идора мекунад? Мутахассисон». Яъне аз ин ҷиҳат шаҳрҳо ва ҷумҳуриҳои

қисмати аврупоии Иттиҳоди Шуравӣ ба Тоҷикистон кумакҳои ҳангуфте ироа мекарданд.

Аз бойгонӣ: «Барои ба дигар ноҳияҳои хоҷагии Шуравӣ шомил кардани Тоҷикистон, барои истифодаи сарвати бепоёни Тоҷикистон, дар барқияи истиқболи анҷумани 3-юми Фавқулодаи Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистони КМ ВКП(б) гуфта шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи фарҳангии коргарони ҷумҳурӣ, бояд рушди роҳҳои алоқа дар Тоҷикистонро ҳамаҷониба суръат бахшад. Дар маркабҳо ва шутурҳо маданияту тағйиротҳо ба деҳот оварда намешавад. Агар масъалаи роҳҳои алоқа ҳал нашавад, рушди Тоҷикистон хеле суст хоҳад шуд» [26, в.8].

Бо рафъи мушкилоти зиёд, ҷумҳурӣ дар рушди хоҷагии халқ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид ва бо ин роҳ тамоми шароитҳоро барои табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ омода кард.

Дар китоби «Автомобильный транспорт» барои солҳои 1931-1953 омадааст: «Ҳолати роҳҳо ба кори як қатор соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ вобастагии калон дошт. Соли 1930 дар вилояти Қӯрғонтеппа шабакаи хеле афзояндаи роҳҳои автомобилгард ҳанӯз ҳам ҳар сол гардиши борро таъмин намекард. Ақибмонии калон дар ин фоизи ками роҳҳои сахтфарш ва паҳноии нокифояи онҳо дар ҷойҳои кӯҳии вилояти Қӯрғонтеппа буданд» [120, с.125].

Қисмати ҷанубии Тоҷикистон, ки бо номи Бухорои Шарқӣ маъруф аст, воқеан, яке аз қисматҳои ақибмондаи Бухоро ба ҳисоб рафта, дар ягон мавзеи он метавон гуфт, ки ҳеҷ гуна корхонаҳои истеҳсолӣ ва роҳу ҷодаҳои хуб вуҷуд надошт. Ба иллати дур будан аз марказ ва кӯҳистонию баста будани роҳҳо ба ин минтақа камтар таваҷҷуҳ мекарданд. Аз ин рӯ, билфосила пас аз истиқрори Ҳукумати Шуравӣ дастандаркорон ва масъулин ба андешаи он афтоданд, ки зудтар роҳу ҷодаҳои ин минтақаро ба тартиб даровварда, барои пешравӣ ва тараққии ин минтақа мусоидат кунанд. Ҳамагон хуб медонанд, ки роҳҳо мисли шоҳрагҳо дар иқтисоди дилхоҳ

мамлакатҳо ба ҳисоб мераванд ва онҳо воситаи аслии такон додани иқтисод ва дар масири рушду тараққӣ қарор додани он ,маҳсуб меёбанд.

Дар нашрияи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст: «Соли 1930 ноҳияҳои дарунтари ҷумҳурӣ пештара барин на роҳи атвомобилгард доштанду на роҳи аробагард. Роҳҳое, ки нав кушода шуда буданд, хеле ноқис буда, ба меъёру шартҳои техникӣ мувофиқат намекарданд. Роҳҳои тангу бефарш ҳатто обрав надоштанд. Ба ҷои кӯпрук дар тунукобиҳо гузаргоҳҳо ва дар чуқуробиҳо кема (паром)-ҳои муваққатӣ хизмат мекарданд. Автомошинаҳо ҳатто дар фасли тобистон дар чунин роҳҳо аз сабаби ғафсии хоку чанг ба зӯр ҳаракат мекарданд. Дар зимистон аз он ҷойҳо гузаштан амри маҳол буд» [134, с.11].

Дар нашрияи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст, ки нависанда Борис Пилняк дар ин хусус чунин гуфта буд: «Хоки сари роҳҳо бе муболиға ним метр ғафсӣ дорад. Ронанда дар рӯи хок, ҳамчун дар об роҳ меравад. Вай дар оғӯши чангу хоки чун пар сабук пеши роҳашро дида наметавонад. Хок аз зери чарххои автомобил монанди дуди ғафс ба ҳаво мехезад. Агар шамол аз пасатон вазад, автомобил пеш ҳаракат карда наметавонад, зеро чанг аз мошина гузашта, пеши чашми ронандаро торик мегардонад. Вай на роҳро дида метавонад, на мошини рӯбарӯояндаро. Чунин роҳҳо ҳам бисёр набуданд. Аз Душанбе ба самти Қӯрғонтеппа аз масофаи 100 км фақат 4-5 километраш бо сангреза пӯшида шуда буд. Аз Янгибозор то Тутқавул роҳ бо сангреза пӯшида шуда буд. Дигар роҳҳои Қӯрғонтеппа -Панҷ, Панҷ - Кӯлоб, Айвоҷ - Ҷилликӯл роҳи аробагарди хокӣ буданд» [134, с.11].

Боз дар нашрияи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст: «Идораи «Главдортранс»-и Тоҷикистон дар панҷсолаи якум пешбинӣ намуд, ки роҳҳои асосии магистралии автомобилгард сангфарш карда шуда, аз онҳо ба колхозу совхозҳо ва истгоҳу стансияҳои роҳи оҳан роҳчаҳои мошинагард бароварда шаванд. Барои сохтмони роҳҳо дар солҳои

1929-1933 113 млн. сӯм, аз он ҷумла 70,7 фоизаш аз буҷети иттифоқӣ, маблағ ҷудо карда шуд» [134, с.56].

Дар ҷойи дигар дар ҳамин нашрия «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 омадааст «Қисмҳои Артиши Сурх ва коргарони роҳ 5 ноябри соли 1929 дар дарёи Вахш дар тангии Қумсангир кӯпрук сохта, қисми шимолӣ ва ҷанубии роҳи Душанбе - Кӯлобро ба ҳам пайваст карданд. Дар ин рӯз дар роҳи нав санҷиши ҳаракати автомошина гузаронда шуд. Автомошинаҳо аз баъзе минтақаҳои танг гузашта наметавонистанд. Аммо ба ин норасоӣ нигоҳ накарда, роҳи автомобилии самти Зардолу ва дараи Пули Сангин (Норак), ки пеш ҳатто барои гузаштани ароба имкон намедод, қабул карда шуд. Барои хотира аз ин сохтмони душвор дар рӯи харсанги сари роҳ чунин калимаҳо канда шуда буд: «Сапёрҳои РККА дар сохтмони панҷсола 20 октябри соли 1929». Ба шароити вазнини иқлимии Осиёи Миёна нигоҳ накарда, супориши Ҳукумат дар вақташ иҷро карда шуд» [134, с.9].

Боз бо такя ба ҳамин нашрия, яъне «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 чунин навиштаҷотро овардан мумкин аст: «Соли 1930 роҳи байни Душанбе - Янгибозор қариб пурра бо сангреза пӯшонда шуд. Соли 1931 сохтмони роҳи хокии Душанбе - Қӯрғонтеппа анҷом ёфт. Вале аз он фақат дар ҳавои гарм истифода бурдан мумкин буд, зеро хоки ғафси роҳ дар мавридҳои барфу борон лой шуда, ҳаракати автомобилро душвор мегардонд» [134, с.12].

Марҳилаи аввал давраи аз оғози таъсиси Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон то соли 1932-ро дар бар мегирад. Ин марҳила бо оғози сохтмони роҳҳои автомобилӣ ва пайдоиши аввалин мошинҳо хос аст.

Дар соли 1935 амонатан роҳи кӯҳии Душанбе - Тошкент сохта шуд. Байни ду ағба - Шаҳристон (баландиаш аз сатҳи баҳр 3351 метр) ва Анзоб (баландиаш 3372 метр) гузашта, пойтахтҳои ду ҷумҳурии бародарро бо ҳам пайваст. Сардори ин сохтмон И.Г. Рогозний буд, ки ӯ пеш вазифаи сардори роҳҳои алоқаи ҳарбии штаби фронти Туркистонро ишғол менамуд.

Дар ин давра колхозҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳкамшудаи ҷумҳурӣ низ ба сохтмони роҳ ҳамроҳ шуда, бо қувваи даҳҳо ҳазор нафар колхозчиён аз роҳҳои калон то марказҳои ноҳиявӣ ва колхозҳо садҳо километр роҳ сохтанд. Бо қувваи аҳолӣ роҳҳои Ғарм - Ҷиргатол, Айнӣ - Мастчоҳ, Чормағзак - Ёвон ва ғайра сохта шуданд.

Нашрияи «Коммунист Таджикистана» соли нашри 1933 менависад: «1-уми майи соли 1935 барои роҳсозони Тоҷикистон боз як воқеаи фаромӯшнашаванда шуд. Он рӯз сохтмони калонтарин кӯпруки оҳану бетонӣ дар дарёи Вахш ба охир расид. Ин аз ҷиҳати техникӣ кори душвор буд. Амалан ду кӯпрук бино карда шуд: аввал кӯпруки муваққатии чӯбин дар тунукобии дарё сохта шуд. Аз болои ин кӯпрук бо роҳи оҳан мошинаи дизелу болғадор гузашта, дар ҷараёни сангдори Вахш пояҳои оҳану бетонӣ шинонд.

Бинокорон бо рӯҳбаландии бузург кор карданд. Чароғи барқӣ ва прожекторҳои пуриқтидор шабона мавзеи бинокориро чун рӯз равшан мекарданд. Кор шабона ҳам қатъ намегардид» [134, с.35].

Дар давоми панҷсолаи дуюм (с.1933-1937) дар ҷумҳурӣ асосан ҳолати роҳҳои пеш сохташуда беҳтар гардонда, ба воситаи онҳо мунтазам ҳаракат намудани нақлиёт таъмин карда мешуд. Рост аст, ки дар бисёр мавридҳо кори таъмир кардани роҳҳо аз сохтмони роҳи нав фарқе надошт, зеро як қатор роҳҳо чандон обод набуданд.

Дар он давра дар ҷумҳурӣ ва минтақаи Қӯрғонтеппа садҳо автомобил вуҷуд дошт. Муомилоти боркашонии нақлиёти автомобилӣ бештар аз 18 миллион тонна километр, муомилоти мусофиркашонӣ бошад, қариб 17 миллион мусофирон-километрро ташкил мекард [72, с.8]. Тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо олами беруна алоқа доштанд. Дар байни худи ноҳияҳо низ нақлиёт рафтуо мекард, аз пойтахти ҷумҳурӣ ба ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон сафар кардан мумкин буд. Танҳо дар маҳалҳои баландкӯҳи Помир мисли пештара роҳҳои дуруст вуҷуд надоштанд.

Дар соли 1939 колхозчиёни вилояти автономии Бадахшони Кӯҳӣ ва собиқ вилояти Ғарм ба ибрати колхозчиёни Фарғона пайравӣ карда, дар назди ташкилотҳои ҳизбӣ ва Шуравии ҷумҳурӣ масъала гузоштанд, ки бо қувваю воситаҳои худ, бо усули суръатноки халқӣ сохтмони роҳи автомобилгарди Душанбе - Хоруғ сар карда шавад. Ин ташаббуси ватандӯстонаи колхозчиёнро Комитети Марказии ҲК(б) Тоҷикистон ва ҳукумати ҷумҳурӣ дастгирӣ карданд ва онро ҳукумати Иттифоқ ва КМ ВКП(б) маъқул донистанд.

Сохтмони роҳ дар Тоҷикистон хусусан дар солҳои пеш аз ҷанг (1938-1940) хеле вусъат ёфт. Ба ин усулҳои халқии меҳнати оммавӣ, ки барои дар муҳлатҳои кӯтоҳ сохтани иншоотҳои калон васеъ паҳн гардида буданд, мусоидат мекарданд. Роҳсозони Тоҷикистон ба усулҳои кори фарғонагиҳо дар бобати тезонидани корҳои сохтмон ва иштироки оммавии колхозчиён пайравӣ карданд. Дар собиқ ноҳияи Шуробод (н. Ш. Шоҳин) ба сохтмони роҳ ҳар рӯз то 3000 нафар колхозчиён, дар ноҳияи Роҳатӣ то 900 кас мебаромаданд. Бештар аз 3000 нафар колхозчиёни ноҳияи Ёвон ва 1500 нафар колхозчиёни ноҳияи Даҳанакиик дар зарфи 16 рӯз аз Ёвон то Обикиик 50 километр роҳ сохтанд.

Дар роҳи Ғузор - Душанбе то 4000 шутур кор мекард, корвонҳои бузурги шутур оҳиста ҳаракат мекарданд, ки масофаи 300 км-ро қариб дар ду ҳафта тай мекарданд.

Соли 1937 дар Тоҷикистон аллакай ду ташкилоти бузурги нақлиётӣ - «Тоҷиктранс» ва «Помиртранс» мавҷуд буданд. Гардиши умумии борҳои ин ташкилотҳои нақлиётӣ дар соли 1937 18,3 миллион тонна/км ва 16,0 миллион мусофир-километрро ташкил дод.

Илова бар ин, дар ин вақт дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои хурди мошинсозии Вазорати кишоварзии ҶШС Тоҷикистон ва конторaи ҷумҳуриявии «Востокзаготзерно» мавҷуд буданд. Соли 1938 дар заминаи хоҷагиҳои зикршуда автоотрядҳои «Союззаготтранс»-и Вазорати маҳсулоттайёркунии ИҶШС ташкил карда шуданд. Аммо дар солҳои аввал онҳо низ

натавонистанд вазъияти бавуҷудомадаро бо сабаби кам будани қувваи худ ба таври назаррас тағйир диҳанд.

Соли 1939 дар заминаи идораи «Тоҷиктранс» Комиссариати халқии нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шуд.

КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи тадбирҳои беҳтар кардани сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳои мамлакат» қарор қабул намуданд. Коллегияи вазорат барои иҷрои ин қарор нақшаи тадбирҳоро тасдиқ намуд. Қарори иҷлосияи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи ба ҳисоби хоҷагӣ гузаронидани қитъаҳои роҳ ҳам иҷро гардиданд. Роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ бояд ободу зебо гардонда шаванд. Роҳҳои фарши сахтдор ҳамагӣ 30 фоизро ташкил медоданд. Бинобар ин ба хоҷагии қишлоқ барои хотима додан ба талафоти ғайриистеҳсолии вобаста ба бероҳагӣ ёрӣ расонда, ба ҷои роҳҳои хокӣ роҳҳои дигари фаршдор сохтан лозим буд. Он вақтҳо роҳҳои фарши сахтдор ҳам чандон васеъ набуданд. Бисёр роҳҳои калон байни нуқтаҳои аҳолинишини минтақаи Қӯрғонтеппа, аз болои роҳҳои оҳан мегузаранд, ки ин ҳаракати нақлиётро суст карда, хавфи фалокатро ба амал меоварад. Барои ҳалли муваффақиятноки ин масъалаҳо давлат маблағи зиёд ва масолеҳу техника ҷудо мекард.

Хулласи калом, сохтмони роҳҳоеро, ки дар миқёси вилояти Қӯрғонтеппа сар шуда буд, ба анҷом расонда, ба сохтмони роҳҳои калони нав шуруъ кардан лозим меомад.

Дар кишвари кӯҳсори мо чи аҳаммият доштани роҳҳоро ҳоҷати баён кардан нест. Дар тамоми давраҳои тараққиёти иқтисодии Тоҷикистони Шуравӣ, хоҳ аз худ кардани водии Вахш, хоҳ бунёди истгоҳҳои барқи обии пуриқтидор ё сохтмони объектҳои комплекси ҳудудии истеҳсолии Ҷануби Тоҷикистон давраи аввали эстафетаи корнамоиҳои меҳнатӣ ба зиммаи роҳсозон буд. Онҳо дар тобистони тафсон ва зимистони қаҳратун дар дараҳои касногузару ағбаҳои осмонбӯс роҳ мекушоданд, ки он ҳаққонӣ роҳи ҳаёт, роҳи мардонагии меҳнатӣ мебошад [168].

Бронштейн Я.Т. чунин менигорад: «Дар шароити кӯҳсори кишвар, махсусан дар вилояти Кӯрғонтеппа, нақлиёти автомобилӣ аҳаммияти басо калон дошт. Қисми зиёди бори хоҷагии халқ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ кашонда мешавад. Коллективи сершумори коркунони нақлиёт ва роҳсозони ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла кормандони роҳсозони вилояти Кӯрғонтеппа низ, вазифаҳои масъулиятноки бамиёнгузоштаи худро пурра мефаҳмиданд ва ҳар рӯз сермаҳсул кор мекарданд» [125, с.43].

Агар пешомадҳои тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳуриро мувофиқи ноҳияҳои ҷудогонаи он таҳлил карда, дараҷаи бо нақлиёт таъмин будани ин ноҳияҳоро ба ҳисоб гирем, пас вазифаҳои асосии минбаъдаро доир ба сохтани роҳҳои нав ва тараққӣ додани нақлиёт муайян карда метавонем.

Ба муносибати сохтани комбинати электрохимиявии Ёвон ва дар асоси НБО-и Норак барпо карда шудани комплекси калони саноатӣ роҳи нақлиётии Кӯрғонтеппа - Ёвон сохта шуд. Ин минтақаи роҳи оҳан асосан ба комбинати электрохимиявӣ хизмат хоҳад расонд. Ҳаҷми боркашонии нақлиёти автомобилӣ меафзояд [53, с.22].

Сохта ба кор даровардани роҳи оҳани нав алоқаи нақлиёти ҷануби Тоҷикистонро тағйир дода, тез кашондани борҳои хоҷагии ҳалқ ва мусофиронро таъмин менамояд.

Марҳилаи аввал давраи аз оғози таъсиси Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон то соли 1932-ро дар бар мегирад. Ин марҳила бо оғози сохтмони роҳҳои автомобилӣ ва пайдоиши аввалин мошинҳо хос аст.

Намуди асосии нақлиёт ҳам дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ҳам дар водиҳо то пайдоиши мошини боркаш буд, дар баъзе минтақаҳои водиҳо аробаҳо ва инчунин шутурҳо ба миқдори кам истифода мешуданд.

Воридоти молҳо бо роҳҳои гуногун сурат мегирифт. Онҳо ба водии Ҳисор тавассути Бойсун, Тирмиз, Гузар, ба ноҳияҳои водии Вахш тавассути Амударё интиқол дода мешуданд; ба гурӯҳи Ғарбии ноҳияҳо молҳо тавассути Фарғона бо шутурҳо, аспҳо интиқол дода мешуданд ва дар баъзе ҷойҳо борро дар китфҳо интиқол додан лозим буд.

Аз роҳи автомобилгарди калони асосӣ ба маркази ноҳияҳо роҳҳои нав сохта мешуданд. Дар солҳои 1928-1930 аз Янгибозор ба Оби Гарм (89 км), ба Кӯлоб, аз Ҷилликӯл ба воситаи Шаҳритӯс ба сӯи Тирмиз, ки шохаи он ба Айвоҷ мерафт, корҳои тайёрӣ барои сохтмони роҳи бесангфарш оғоз меёфтанд. Ғайр аз ин дар худи ҳамон солҳо сохтмони роҳи Душанбе - Тошкент низ сар шуда буд. Дар роҳсозӣ механизмҳо камӣ мекарданд, кор асосан дастӣ бурда мешуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки Раёсати сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ танҳо ду автомобил доштy халос [126, с.41].

Ҷумҳуриҳои Белоруссия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба Тоҷикистон бо миқдори зиёд молҳо ва маҳсулоти гуногун, аз ҷумла техника ва таҷҳизот, ворид менамуданд. Ин ташкили сохтмони васеи роҳи оҳан, рушди хоҷагии роҳу нақлиётро дар назар дошт. Аз набудани роҳҳо ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон он вақт гӯё дар бунбаст қарор доштанд, аз ноҳияҳои пешрафтаи Иттиҳоди Шуравӣ, инчунин аз ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Миёна молҳо ба Тоҷикистон тавассути Амударё ба водии Вахш ворид мешуданд. Борҳоро бо маркабҳо, аспҳо ва аробаҳо бо мушкилоти зиёд интиқол медоданд.

Соли 1932 дар Душанбе техникуми тайёркунии кадрҳои соҳаи нақлиёт, курси ронандагӣ ба кор даромада буд. Аммо, тараққиёти рӯзафзуни нақлиёт, сохтмонҳои роҳу кӯпрукҳо тақозо мекарданд, ки кадрҳои лаёқатманду дорои маълумоти олии ин соҳаҳо ба камол расанд. Дар бисёр техникумҳо, аз ҷумла техникуми политехникии шаҳри Душанбе, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳои техникӣ кадрҳои ин соҳа тайёр карда мешуданд. Дар назди базаҳои автомобилии Ленинобод, Душанбе, Хоруғ, Панҷакент, Кӯлоб, Ғарм ва ғайра ба тарзи индивидуалӣ тайёр кардани ронандагон, таъмиргарон низ вуҷуд доштанд. Аммо ҳамаи инҳо талаботи рӯзро қонеъ нагардонд.

Дар натиҷаи чораҷӯиҳое, ки Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон гузарониданд, суръати роҳсозӣ хеле афзуд. Дар иртибот ба ин масъала Исмоилв А. менигорад: «Дар давраи панҷсолаи якум (с. 1928-1932)

2360 км роҳ сохта шуд. Ҳамаи ин боиси вусъат ёфтани кори роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ гардиданд. Ҳанӯз дар соли аввали панҷсола 686 км роҳи хокпӯш, 158 км роҳи сангфарш, 20 км роҳи мумфарш кушода шуд, ки ин нисфи роҳи дар панҷ соли пеш сохташударо ташкил мекард. Ба роҳи сангфарш диққати махсус дода шуд. Дар маҳалҳо Раёсатҳои сардорони роҳ ва отрядҳои роҳсозон таъсис дода шуданд. Роҳсозон мошинаҳои калонҳаҷми ЗИС-5, грейдерҳои вазнин, скреперҳои тракторӣ, ғалтакҳои моторӣ, дегҳои битумпазӣ ва ғайра гирифтанд. Дар солҳои панҷсолаи дуюм (1933-1937) сохтмони як қатор роҳҳои муҳимми ҷумҳурӣ анҷом ёфт» [63, с.12].

Исмоилов А. андешаҳои худро идома дода чунин навиштааст: «Қобили қайд аст, ки дар ин давра ба кори сохтмони роҳ бо даъвати ҳизб колхозҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ каму беш мустаҳкамшуда фаъолона иштирок намуданд. Колхозчиён ба муборизаи умумихалқӣ барои роҳкушоӣ ҳиссаи калон гузоштанд. Онҳо аз роҳҳои магистралӣ ба маркази колхозу ноҳияҳо садҳо километр роҳи аробаю автомобилгард баровარданд. Бо қувваи худашон роҳҳои Ғарм - Ҷиргатол, Айнӣ - Мастчоҳ, Чормағзак - Ёвонро бунёд намуданд. Агар саҳми меҳнатии аҳолӣ барои роҳсозӣ дар солҳои панҷсолаи якум 0,5 миллион сумро ташкил дода бошад, пас вай дар давраи панҷсолаи дуюм то 18,5 миллион сӯм афзуд, дар се соли панҷсолаи сеюм ба 82,1 млн сум расид» [63, с.14].

Шабакаи роҳҳои автомобилгард дар ҷумҳурӣ дар охири панҷсолаи дуюм (с. 1937) назар ба ибтидои панҷсола 12,7 баробар васеъ шуд. Дарозии он ба 6920 км расид.

Роҳсозӣ дар Тоҷикистон, махсусан, дар солҳои панҷсолаи сеюм ривоҷу равнақ ёфт. Роҳсозони ҷумҳурӣ дар ин давра ба усулҳои суръатноки кор, ки бо иштироки оммавии колхозчиён аввалин бор дар сохтмони канали Фарғона ҷорӣ карда шуда буд, пайравӣ намуданд. Чунончи, дар сохтмони роҳи ноҳияи Шурообод дар як рӯз 3000 нафар, дар Ёвон - 3000 нафар, дар Роҳатӣ - 900 нафар аҳолии маҳаллӣ иштирок карданд. Роҳи 50 - километраи байни Ёвону Обикиик дар 16 рӯз кушода шуд. Дар ҳамин давра роҳҳои

Қубодиён - Шаҳритӯс, Хонақоҳ - Ҳисор, Қӯрғонтеппа – Октябрск - Вахшстрой бо иштироки фаъолонаи аҳолии маҳаллӣ бунёд карда шуданд.

То ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар Тоҷикистон 8203 км роҳи автомобилгард мавҷуд буд. Роҳу пайраҳаҳои аспу аробагард фақат дар гӯшаҳои дурдасти ҷумҳурӣ боқӣ монданд [63, с.22].

Роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ҳам қатъ нагардид. Колхозчиён ва махсусан занон, дар ин давра дар сохтмони роҳҳо бо қувваи дучанд меҳнат карданд. Масалан, барои аз ангиштсанг таъмин кардани эҳтиёҷоти саноати ҷумҳурӣ бо қувваи колхозчиён ба шахтаҳои кони Зиддӣ, Тошкӯтан ва Шаргун дар муддати кӯтоҳ роҳ бароварда шуд.

Бо шарофати чораҳои андешидашуда суръати сохтмони роҳҳо афзуд. Дар колхозҳо бригадаҳои роҳ бо шумораи доимии коргарон ташкил карда шуданд. Дар маҷмуъ, дар ҷумҳурӣ 522 бригада таъсис дода шуд, ки 329 бригада доимӣ буданд. Дар ҳайати онҳо 1995 нафар буданд. Дар бригадаҳо 187 асп мавҷуд буд. 959,5 км роҳҳо таҳти назорати доимӣ қарор доштанд. Бисёре аз ноҳияҳо нақшаҳои иштироки аҳолиро дар сохтмони роҳҳо иҷро карданд.

Агар ба таърих назар андозем, як далели ҷолиберо мебинем, ки куллан соҳаи нақлиёти Тоҷикистонро такон додааст, ин ҳам бошад, таъсиси идораи мустақили Авиатсияи граждании Тоҷикистон дар соли 1937 мебошад. Сарфи назар аз мушкилоти иқтисодӣ дар кулли кишвари Шуроҳо як гоми муҳимме дар таъсис ва роҳандозии як бахши муҳимми нақлиёт бардошта шуд ва он вақт дар фазои Тоҷикистон ҳавопаймоҳои думуҳаррика парвоз мекарданд. Масофаҳое, ки ин ҳавопаймоҳо парвоз мекарданд, дар саросари мамлакат то 4 ҳазор километро ташкил медод ва ин дар қиёс ба солҳои 1930 се баробар бештар буд. Аммо азму иродаи давлатмардони вақт боис шуд, ки ин соҳаи барои кулли кишвар муҳим такони ҷиддӣ бихӯрад ва бахши муҳимме аз нақлиёт, ки нақлиёти ҳавоӣ маҳсуб меёбад, роҳандозӣ шуда, рушду тараққӣ кунад.

Панҷсолаи аввал давраи сохтмони пуршиддати роҳҳо ва рушди нақлиёт дар ҷумҳурӣ буд, вақте ки дар солҳои алоҳида панҷсолаҳо ба ин нисфи ҳаҷми умумии сармоя фиристода мешуд, сармоягузорӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бештар мегардид. Бояд қайд кард, ки дар ягон давраи минбаъда ҷадвали мувофиқати баланд (38,8%) мушоҳида нашудааст.

Панҷсолаи аввал давраи убур кардани шабакаи роҳҳои Тоҷикистон буд [98, с.21]. Роҳҳои асосии он солҳо на танҳо дар шароити муосир аҳаммияти худро гум накарданд, балки баръакс, нақши боз ҳам муҳимтарро бозиданд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки ҳалли мушкилоти нақлиётӣ он вақт масъалаҳои аҳаммияти аввалиндараҷа буданд, ки ҳамаи масъалаҳои дигар ба онҳо вобаста буданд. Солҳои аввали барномарезӣ, ки бо номи нақшаи панҷсола маъруф мебошанд, Тоҷикистон машғули барномаҳои роҳсозӣ набуд. Яъне, ҳанӯз шароит аз ин қарор буд, ки шуруи ин корҳо маблағ ва имконоти ҳангуфтеро тақозо мекард, аз ин рӯ ба таъхир афтода буд. Он вақт нақшаҳои умумӣ тарҳрезӣ мешуд ва шароити сахту кӯҳистонии Тоҷикистон боис шуда буд, ки қаламрави кишвар дар оғози корҳои сохту сози роҳу ҷода машғули барномаҳои аслӣ нагардад.

Аммо ин қазия зимни пайрезии панҷсолаи дуюм, яъне солҳои 1933-1937, комилан фарқ мекард. Дар ин панҷсола бунёди шабакаи васеи роҳҳо тарҳрезӣ шуда буд ва шомили 13,36% мабалғгузории кишварро ташкил медод. Дар панҷсолаи дуюм ба бунёди роҳу ҷодаҳо ва махсусан шоҳроҳҳо таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд.

Соли 1933 сохтмони роҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл, Панҷ – Кировобод - Фархор, Кӯлоб – Данғара – Норак - Орджоникидзеобод оғоз ёфт

Ҳамин тавр, сохтмони шоҳроҳи асосии ҷанубӣ, ки ҳанӯз дар миёнаи солҳои 20-ум оғоз ёфта буд, соли 1933 ба анҷом расид. Он пойтахтро бо тамоми ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ мепайваст. Соли 1934 ҳаракати мошинҳо дар роҳи Помир – Ош - Хоруғ оғоз ёфт ва ҳамагӣ як сол баъд роҳи

автомобилгарди Душанбе - Ӯротеппа бо масофаи 200 км ба истифода дода шуд [97, с.149; 100, с.19].

7-14 январи соли 1934 Анҷумани II Ҳизби Коммунистӣ баргузор шуд. Тоҷикистон иштироки нокифояи ташкилоти ҳизбиро дар сохтмони роҳ ва рушди нақлиёт қайд кард. Вай аз созмонҳои ҳизбӣ талаб кард, ки ҳамаи муассисаҳо дар сохтмон, таъмир ва таъмини бехатарии роҳҳо иштироки фаъол намоянд.

Соли 1934 сохтмони роҳҳои Қӯрғонтеппа - Данғара ва Шуробод - Шуғнов оғоз гардид.

Ҳамин тариқ, дар солҳои панҷсолаи якум (с.1928-1932) ва дуюм (с.1933-1937) дарозии умумии роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ 12,7 маротиба афзуд, дарозии роҳҳои автомагистралӣ дар соли 1937 зиёда аз 7 ҳазор км, аз ҷумла беҳтаршуда зиёда аз 2 ҳазор км - ро ташкил дод.

Ҳамин тариқ, дар давраи дуюми сохтмони роҳҳо (с.1929-1937) роҳи асосии автомобилгарди ҷумҳурӣ сохта шуд: Душанбе – Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл, Норак – Орджоникидзеобод - Душанбе.

Соли 1938 дар сохтмони роҳҳо, ба монанди ҳама ҷо, ҳаракати стахановӣ васеъ паҳн шуд. Бо ташаббуси бахши ноҳиявии Ворошиловобод дар ҷумҳурӣ ду маротиба даҳрӯзаи меҳнати зарбдор гузаронида шуд. Илова бар ин, «Ушосдор» (идораи роҳҳои шоҳроҳ) ташаббуси Стахановро бахшида ба рӯзи интихобот ба Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон баргузор кард.

Роҳандозии як кори нав дар ҷойи хушку холӣ кори осон нест. Ин кор ирода ва азми бузургро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, роҳбариятро лозим омад, ки барои пеш бурдани корҳо идораи тоза таъсис намояд. Аз ин лиҳоз, санаи 29 июли соли 1939 дар пойгоҳи «Тоҷиктранс» Комиссариати халқии нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон ташкил дода шуд. Ин комиссариат тамоми корҳои марбут ба нақлиёт ва перомуни онро зери пӯшиши худ қарор дода буд. Барои беҳбудӣ бахшидан ба корҳо дар заминаи нақлиёт ва корҳои марбут ба ин соҳа соли 1938 се ҳавза марбут ба ин самт

таъсис дода шуд: Ленинобод, Ғарм ва Кӯлоб. «Пас аз сипарӣ шудани муддате, дурусттараш санаи 27 октябри соли 1939, бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС ба ҷойи ҳавзаҳои мавҷуда вилоятҳои Сталинобод, Ленинобод, Ғарм ва Кӯлоб ташкил карда шуданд. Ба вилояти Сталинобод шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Норак, ноҳияҳои Октябр (ҳоло ноҳияҳои Вахш ва Кӯшониён), Ворошиловобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ), Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ), Шаҳритӯс, Микоянобод (ҳоло н. Қубодиён), Саройкамар (ҳоло н. Панҷ), Даҳанакиик (ҳоло н. Хуросон), Арал (ҳоло н. А. Ҷомӣ), Ёвон ва ноҳияи Бауманобод (ҳоло н. Ҷайҳун) дохил мешуданд [28, в.25].

Дар охири соли 1938 сохтмони роҳҳои автомобилгард дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон: Шурообод, Даштиҷум ба анҷом расид. Роҳи Панҷакент -Айнӣ, Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) - Қумсангир (ҳоло н. Ҷайҳун), Ховалинг - Кӯлоб ва ғайра ба истифода дода шуд [140].

Дар тайёр кардани кадрҳои маҳаллӣ муваффақиятҳои минбаъда ба даст оварда шуданд. То 1 январи соли 1939 дар ҷумҳурӣ 90 мудири бахшҳои ноҳиявӣ, 83 роҳбарони даҳгона, 59 устои роҳ, 565 бригадир ва ғайра мавҷуд буданд [28, в.25].

### 1.3. Ташаккули сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX

Дар соли 1940 парки мошинҳои ҷумҳурии мо нисбат ба соли 1933 якчанд маротиба афзуд.

Дар иртибот ба қазияи мазкур Заманов А. Н. чунин навиштааст: «Ҳаҷми интиқоли борҳо дар соли 1940 нисбат ба соли 1933 11 маротиба ва гардиши бор дар як тонна километр 5 маротиба зиёд шудааст. Парки автобусҳо низ ба таври назаррас афзуд. Дар даҳсолаи солҳои 1930-1940 иқтидори умумии парки автобусҳо 23 маротиба ва интиқоли мусофирон қариб 20 маротиба афзуд» [58, с.15].

Соли 1940 Комиссариати халқии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳри Душанбе, Ленинобод ва Помир аллакай се автотрест дошт:

1) Гурӯҳи ноҳияҳои Душанбе - Вахш.

2) Боркашонии байниноҳиявӣ ва байнишаҳрӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ асосан аз рӯи самтҳои: Душанбе - гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм ва гурӯҳи ноҳияҳои Душанбе - Кӯлоб.

3) Гурӯҳи ноҳияҳои Ленинобод ва ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон.

Хусусиятҳои ба худ хоси релефи қаламрав ва шароити обу ҳавои Тоҷикистон ба вуҷуд овардани намудҳои махсуси автомобилро талаб мекунанд. Гуфтан кифоя аст, ки дар баландии 3-4 ҳазор метр аз сабаби паст будани фишори атмосферӣ иқтидори муҳаррикҳои автомобилҳо хеле кам мешавад ва аз ин рӯ, суръати ҳаракати нақлиёт суст гашта, мошинаҳо пеш аз муҳлат аз кор мебароянд. Бинобар он, беҳтар кардани қисми сохти автомобилҳо ва мувофиқан ба шароити маҳаллӣ ба вуҷуд овардани автомобилҳои махсус яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

Барои боз ҳам муташаккил гардондани боркашонии автомобилӣ кори муттаҳид кардан ва ба вуҷуд овардани хоҷагиҳои калони автомобилиро давом додан лозим аст.

Вертолётҳоро, ки дар шароити кӯҳистон намуди қулайи нақлиёт мебошанд, бештар ба кор бурдан зарур аст.

Чун шакли ягона аз тамоми намудҳои нақлиёт моҳирона истифода бурдан аҳаммияти куллӣ дорад. Дар солҳои охири панҷсола дар мамлакатамон ба ин масъала торафт бештар диққат дода мешуд, зеро афзоиши минбаъдаи ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли он вобаста буд.

Ҳар як намуди нақлиёт хусусияти ба худ хосе дорад, дар доираи муайян ва мувофиқ ба кор бурдани он бештар нафъ меоварад. Барои ба мақсад мувофиқ истифода бурдани нақлиёт ва фоидаовар гардондани он хароҷотро доир ба ҳар як намуди нақлиёт ва фоидаи гирифта мешудагиро аз мавқеи умумии хоҷагии халқ аниқ ҳисоб карда баромадан лозим меояд. Як қатор муассисаҳои илмии мамлакат ин масъаларо чуқур таҳқиқ карда, хулосаҳои муҳим баровstartанд. Вале муқоисакунии намудҳои нақлиётро дар шароити

конкретии ноҳияҳои ҷудогона, хусусиятҳои маҳалро ба назар гирифта, гузаронидан лозим аст.

Нимаи аввали солҳои 20-ум ва 40-уми асри XX дар таърихи халқи тоҷик ҷойгоҳи махсусро ишғол карданд. Ин давра бо он хос аст, ки бори аввал дар харитаи сиёсии ҷаҳон чунин ном ба монанди Тоҷикистон пайдо шуд. Маҳз дар ҳамин вақт аз як тараф эҳёи давлатдории Тоҷикистон ба амал меояд. Шиносоӣ бо дастовардҳои фарҳанги ҷаҳонӣ ва пешрафти техникӣ, аз тарафи дигар, кам шудани шумораи аҳолии тоҷик ва аз даст додани марказҳои фарҳангӣ, анъанаҳои бойтарини фарҳангӣ ва иқтисодии худ буд. Дар ҳамин давра раванди муттаҳидшавии тадриҷии миллӣ ба мушоҳида мерасад ва дар ҳамин вақт табақабандии минтақавии ҷомеаи Тоҷикистон ба амал меояд.

Ин давра, аз як тараф, барои тоҷикон давраи сахт буд, ки бузургтарин марказҳои саноатӣ ва фарҳангии худро аз даст дода буданд, аз тарафи дигар бошад, тоҷикон дар ҳамин давра соҳиби ҷумҳурии мустақил шуданд, илму фарҳанг рушду тараққӣ карда, тоҷиконро дар олам бо номи кишвари Тоҷикистон аллакай мешинохтанд ва эҳтиром мекарданд. Ташкили ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС бузургтарин дастоварди миллии мо маҳсуб мешуд, ки бо талош ва кӯшишҳои хастагинопазири фарзандони фарзонаи миллат ба амал омада буд.

Бо мақсади таъмини истиқлолияти техникию иқтисодӣ аз ҷаҳони беруна, қобилияти мудофиавии давлати шуравӣ, ки маҳз дар он вақт ба даст оварда шуд, гарчанде ки маҳз дар он вақт шакли маъмурӣ-фармондеҳӣ ташаккул ёфт, меъёр ба механизми хароҷот, ба рушди васеъ равона карда шуд [66, с.484].

Дар интиқоли бор нақлиёти дарёӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ нақши алоҳида мебозид. Бандарҳои асосӣ дар қаламрави Тоҷикистон Панҷи Поён, Айвоҷ, Файзободқалъа мебошанд, ки дар қаламрави вилояти Қӯрғонтеппа ҷойгиранд. Қариб ҳамаи борҳо аз бандари Тирмиз (ҶШС Ӯзбекистон) ва пойгоҳи Панҷи Поён то истгоҳи роҳи оҳани паҳнбар оварда мешуданд.

Интиқоли дукаратаи борҳо (аз роҳи оҳан ба об ва аз об ба нақлиёти автомобилӣ ё паҳнбар) интиқоли борҳоро бо истифода аз дарёи Панҷ хеле гарон мекунад.

Дар омодасозии заминаҳои зарурӣ барои табдил додани ҶМШС Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ сохтмони роҳҳо нақши калон бозид.

Қисми марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ ва пойтахтро ду роҳи алоқа тавассути Амударё аз тариқи хатти Ғузор - Душанбе пайваст мекарданд. Ҷойгиркунӣ дар миқёси васеи сохтмони саноатӣ, обёрӣ, сохтмонҳои гидротехникӣ, азхудкунии заминҳои нав дар солҳои панҷсолаи якум ва дуюм аз дигар ҷумҳуриҳо, алалхусус аз Русия ва Украина, воридотро талаб мекарданд.

«Идораи «Дорпроз» асосан масъалаҳои лоиҳакашии роҳро дар ҷумҳурӣ бомуваффақият ҳал мекард ва нисбат ба ташкилотҳои лоиҳакашӣ қарорҳои мушаххас медод. Бо вуҷуди ин, ҶМШС Тоҷикистон ҳанӯз дар робита ба рушди шабакаи роҳҳо хеле қафо монда буд. Сохтмони роҳҳо, ки роҳбарии он аз Тошканд амалӣ карда мешуд, хеле суст сурат гирифт (махсусан, дар вилояти Қӯрғонтеппа) ва сарфи назар аз мавҷудияти маблағҳои барои ин мақсадҳо ҷудошуда, маҳдуд карда шуд» [74, с.60].

Дар солҳои ҷанг ба тараққиёти нақлиёт 4,8 миллион сӯм, аз ҷумла, ба корҳои васлкуниву бинокорӣ 4,04 миллион сӯм маблағи асосӣ ҷудо карда шуд. Дар ин давра (солҳои 1941 - 1942) минтақаи роҳи оҳани камбар аз Душанбе то истгоҳи Сарбанд (123 километр) сохта, роҳи оҳани асосии Душанбе бо роҳи оҳани камбар пайваст гардид. Бо ҳамин барои бо борҳои асосӣ саросар таъмин намудани ноҳияҳои водии Ҳисор ва Вахш имконият пайдо шуд. Ин барои ҷумҳурӣ, ки автомобили зиёдеро ба эҳтиёҷоти фронт сафарбар карда буд, аҳаммияти махсус дошт.

То сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар ҷумҳурӣ 8203 километр роҳи автомобилгард, аз он ҷумла 1560 километр роҳи асосан шағалпӯш мавҷуд буд. Ҷанг сохтмони босуръати роҳро боздошт, аммо дар давраи ҷанг ҳам ин кор тамоман қатъ нагардид. Дар ҳамон давра роҳҳо 695

километр зиёд шуданд. Сохтмони роҳҳо ба ноҳияҳои пеш одамногузари Ванҷ, Ишкошим, Сангвор ва Сарихосор дар замони ҷанг анҷом ёфт. Сохтмони калонтарини замони ҷанг, ки дар он аҳолӣ фаъолона иштирок кард, роҳи оҳани камбари Душанбе - Қӯрғонтеппа буд, ки он баъд аз ҷанг то Кӯлоб расонда шуд.

Дар давраи азнавбарқароркунии солҳои 1946-1956 дар назди ташкилотҳои роҳсозӣ вазифа гузошта шуд, ки на фақат роҳҳои дар замони ҷанг вайроншударо аз нав барқарор кунанд, балки азнавсозии роҳҳои муҳимтаринро сар карда, онҳоро дар вақтҳои аввал бо масолеҳи сабуки нефтӣ пӯшонанд. Бо масолеҳи сабуки нефтӣ пӯшондани роҳҳо, ки сифати истифодабарии роҳҳоро хеле беҳтар карда, чангро бартараф намуд, дар тамоми роҳҳои асосӣ татбиқ шудан гирифт. Ин гуна роҳҳо дар соли 1956 22 баробар афзуданд, дараҷаи механиконии корҳои роҳсозӣ дар соли 1955 ба 79,9 фоиз расид.

Дар аввали ҷанг зарурати баланд бардоштани дараҷаи боркашонии роҳи оҳани Ашқобод, аз ҷумла, минтақаи Душанбе ба миён омад, зеро маркази боркашонии мамлакат аз қисми аврупоии ИҶШС ба ноҳияҳои Урал, Сибир ва Осиёи Миёна гузаронида шуда буд.

Рушди нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳуриро ба якчанд марҳила тақсим кардан мумкин аст.

Дар солҳои 1937-1941 барои сохтмони роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон 159 миллион рубл сарф карда шуд [89, с.89]. То оғози ҷанг ҷумҳурӣ 9 ҳазор км роҳҳои автомобилгарди болояш сахт дошт [95, с.114]. Дарозии роҳҳо нисбат ба соли 1928 то соли 1941 2,4 маротиба коҳиш ёфт. То оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) шабакаи роҳҳои ҶШС Тоҷикистон 5 маротиба афзуда, дарозии роҳҳои болояш сахт 52 маротиба афзуд [96, с.82].

Дар солҳои панҷсолаи сеюм (1938-1942) корҳои бузург оид ба сохтмони пулҳо дар болои дарёи Қизилсу дар роҳи Бауманобод - Кӯлоб, дарёи Кофарниҳон дар роҳи Сталинобод - Ҳисор, дарёҳои Хонақоҳ, Қаротоғ, Ширкент дар роҳи Ӯротеппа - Сталинобод, дарёҳои Зарафшон,

Фондарё, Яғноб, Варзоб ва ғайра иҷро карда шуданд. Аммо бо сабаби оғози ҷанг ҳамаи ин сохтмонҳо вуҷуд надоштанд ва дар муҳлати пешбинишуда ба итмом расиданд.

Бо шарофати таъсиси шабакаи роҳҳо дар солҳои панҷсолаи сеюм (1938-1942) нақлиёти автомобилӣ низ рушди назаррас пайдо кард, ки он намуди асосии нақлиёт дар ҳамлу нақли дохилиҷумҳуриявӣ гардид. Дар семоҳаи аввали соли 1938 ба автопарки ҷумҳурӣ боз 500 мошин ворид гардид. Шумораи умумии ҳамаи намудҳои мошинҳо дар соли 1938 нисбат ба соли 1924 37,5 маротиба, аз ҷумла мошинҳои боркаш 32,2 маротиба, афзоиш ёфт. Ҳаҷми умумии борҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои нақлиётии ҷумҳурӣ дар соли 1938 интиқол дода шуданд, 18167,2 ҳазор тонна-км-ро ташкил дод [29, в.61].

Сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ махсусан дар панҷсолаи сеюм (с.1938-1942) васеъ оғоз ёфт. Дар ин панҷсола сохтмони 4844 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва 170 метри тулонии пулҳо ба нақша гирифта шуда буд [15, в.12]. Ҳам дар роҳҳои давлатӣ ва ҳам дар роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ лоиҳаҳои пешакии ҷустуҷӯҳо, омодасозии лоиҳаҳо ба нақша гирифта шуда буд. 4652 км роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ бо таҳқиқот фаро гирифта шуданд. Маблағҳо барои сохтмони ин роҳҳо дар панҷсолаи сеюм аз рӯи буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба маблағи 43856 ҳазор рубл ва аз рӯи иштироки меҳнати аҳолӣ ба маблағи 41151 ҳазор рубл кам карда шуданд [36, в.108].

Соли 1940 канали Фарғона ба тариқи «Ҳашари умумихалқӣ» сохта шуд. Инчунин бо ин шева як қатор корҳои азими дигар низ ба анҷом расонида шуданд. Масалан, роҳи хокии Кайнак-Даҳанакиик (49 км) аз ҷониби колхозчиёни ноҳияҳои Ёвон ва Даҳанакиик дар давоми 10 рӯзи корӣ сохта шудааст. Дар сохтмони он ҳар рӯз 3000 колхозчиёни ноҳияҳои Ёвон ва 1500 колхозчиёни ноҳияи Даҳанакиик кор мекарданд. Дар ноҳияи Шаҳритӯс дар давоми 6 рӯз роҳҳои Шаҳритӯс - Айвоҷ (14 км) сохта ва таҷдид карда шуданд. Арзиши корҳои иҷрошуда зиёда аз 436 ҳазор рублро ташкил дод [37, в.42].

Бо дарназардошти аҳаммият ва мураккабии вазифаҳои дар назди хоҷагии роҳҳои ҷумҳурӣ қарордошта, ШКХ ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон 3 идораи ҳисоби хоҷагиро бо тобеияти бевоситаи онҳо ба «Главдорупр» таъсис доданд [51].

Сохтмони роҳро идораи асосии роҳ - «Главдорупр» дар назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Фаъолияти асосии истеҳсолии «Главдорупр» ба иҷрои қарори таърихии ШКХ ИҶШС ва КМ ВКП(б) аз 28 феврали соли 1940 равона карда шуд, ки дар асоси он ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон бо қарори 22 октябри соли 1940 се идораи хоҷагидорӣ ташкил карда шуд: идораи шоҳроҳи роҳи Сталинобод-Хоруғ №1, идораи шохроҳи роҳи Орджоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа - Сталинобод №3, идораи шоҳроҳи роҳи Сталинобод - Заҳматобод Ӯротеппа - Ленинобод №2. Ҳамагӣ 1623 км ба идораҳои шоҳроҳӣ дохил мешуд [78, с.76].

Сардори идораи шоҳроҳи №3 Орджаникидзеобод - Кӯлоб муҳандиси асосӣ В.П. Гризлов буд [150].

«Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) вазъияти роҳсозӣ бад шуд. Ҷанг маҷбур кард, ки доираи васеи сохтмони роҳро коҳиш диҳаданд. Кӯшишҳои асосӣ ва имкониятҳои моддӣ ба нигоҳ доштани ҳолати ҳадди ақалли қаноатбахши роҳҳои асосӣ равона карда шуданд: дар роҳҳои Ош - Хоруғ, Сталинобод - Хоруғ, Сталинобод - Ӯротеппа, Ордҷеникидзеобод - Кӯлоб, Сталинобод - Қӯрғонтеппа, Сталинобод - Шаҳритӯс дар давраи солҳои 1941-1945 таъмири ҷорӣ иҷро карда шуд» [78, с.76].

Сохтмони роҳҳо дар Тоҷикистон соли 1940 ба таври васеъ оғоз ёфт. Бо ташаббуси колхозчиёни пешқадам сохтмони босуръати роҳҳои дорои аҳаммияти дохилиноҳиявӣ оғоз ёфт. Дар аввали соли 1940 як қатор чунин роҳҳо ба истифода дода шуданд.

Сохтмончиёни роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ дар мусобиқа ба муваффақиятҳои калон ноил шуданд. Коргарони фаъол ва стахановчиёни ноҳияҳои Ёвон, Даҳанакиик (ҳоло н. Хуросон- Қ.Л.), Шаҳритӯс, Колхозобод

(н. Ҷ. Балхӣ- Қ.Л.), Қубодиён, ҳамагӣ 51 нафар бо мукофотҳои махсус сарфароз гардиданд, ки 12 нафари онҳо бо нишони «Роҳсози фахрӣ» сарфароз гардонида шуданд [39, в.29-30].

То соли 1941 дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти маҳаллӣ ба ғайр аз баъзе роҳҳо 8203 км буда, 843 км-и он бо санг пӯшонида шуда буд.

Бисёре аз ноҳияҳои вилоят дар сафарбар кардани аҳолӣ ба корҳои роҳ муваффақиятҳои калон ба даст оварданд: Сталинобод - 132,6%, Норак - 121,8%. Қисмҳои алоҳидаи роҳҳо ба монанди Қубодиён – Хакак – Шаҳритӯс - Айвоҷ бо сангпора пӯшонида шуданд [38, в.32-37].

Ҳамаи ноҳияҳо ва вилоятҳои ҶШС Тоҷикистон дар сохтмони роҳҳои нав муваффақияти муайян ба даст оварданд. Бахшҳои роҳҳои ҷумҳурӣ пурра бо кадрҳо таъмин карда шуданд.

Дар сохтмони роҳҳо даҳҳо собиқ сарбозон иштирок намуданд, ба мисли А. Ҷалолов, З. Хоҷаев, С. Суранбаев, Х. Насриддинов, Н. Каримов, Т. Пирназаров, Г. Орипов, М. Шарипов ва дигарон. Дар сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ бисёр стахановчиён, аз ҷумла П. Маманазаров, А. Қурбонов, Б. Хоҷаев, Х. Ҳакимов, Б. Кшомов, К. Наваров, Ю. Назаров, Х. Шерматов, Р. Каримов, А. Умаров ва дигарон меҳнати фаъолона намудаанд. Аммо барои сохтмони минбаъдаи роҳҳо Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с. 1941-1945) монеъ шуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба сохтмони роҳҳо Раёсати асосии роҳсозӣ (Главдорупр)-и назди Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Фаъолияти асосии истеҳсолии Раёсати асосии роҳсозӣ ба иҷрои декрети таърихии Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС ва КМ ВТСПС аз 28 феврали соли 1940, ки дар асоси он Шурои Вазирони Халқии ИҶШС ба амал бароварда шуд. Комиссариати ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) ҷумҳурӣ бо фармоиши хеш аз санаи 22-юми моҳи октябри соли 1940 се воҳид, ё ба қавли маъруф, шуъба ташкил ва роҳандозӣ карда шуд: Идораи сохтмони роҳҳои Орҷоникидзеобод – Қӯрғонтеппа –

Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа - Сталинобод, шохроҳи №3. Дар якҷоягӣ 1623 километр роҳро ин шуъба дар ихтиёр дошт.

Сарфи назар аз мушкилоте, ки дар мамлакат вуҷуд дошт, яъне мамлакат дар ҳоли ҷанг бо Олмони фашистӣ қарор дошт, корҳои сохтмонӣ ва ободонӣ дар ақибгоҳ қатъ намегардид. Дар ин росто, санаи 26 январи соли 1943 Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон таҳти рақами 79 тасмиме бар тақвияти воҳидҳои кишоварзӣ дар ноҳияи Ёвон қабул намуд. Бар асоси ин қарор бояд 20 километр роҳ то ҷодаи аслӣ, яъне Сталинобод - Қӯрғонтеппа аз маркази ноҳия сохта ба истифода дода мешуд. Ин роҳ ноҳияро ба шоҳроҳи аслӣ пайваст намуда, барои боло рафтани сатҳи зиндагии мардум ва куллан вазъи иқтисодии мамлакат мусоидат намуд.

Сохтмони роҳи Орҷоникидзеобод – Қӯрғонтеппа – Кировобод - Ҷиликӯл - Қӯрғонтеппа - Сталинобод ба масофаи 516 километр ва роҳи Қӯрғонтеппа - Данғара - Кангурт, Тутқавул – Данғара - Сомончӣ сар шуд.

Моҳи январи соли 1930 Комиссариати халқии савдои ИҶШС барои Тоҷикистон 20 мошини боркаш ҷудо кард. Қисми ин мошинҳо барои интиқоли мусофирон ва тайёр кардани ронандагон ба парки Кумитаи Иҷроияи шаҳри Сталинобод супорида шуданд. Имсол (с.1930- А.Л.) дар роҳи байни Сталинабад - Янгибозор мошини мусофиркашонӣ ба кор шурӯъ кард [110, с.3-22; 56, с.618].

Дар ин давра як қатор қарорҳои дахлдор дар робита ба роҳсозӣ қабул гардид.

Идораи асосии роҳҳои (Главдорупр) ҶШС Тоҷикистон дар давоми моҳи январи соли 1940 корҳои лоиҳакашии роҳ, тайёрӣ ва интихоби кадрҳоро анҷом дод. Коргарони водии Вахш дар соли 1941 корҳоро оид ба такмили роҳи автомобилгарди Сталинобод – Ваҳдат – Норак – Кӯлоб - Ҷиликӯл анҷом доданд [76, с.86-88].

Соли 1940 сохтмони роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Қӯрғонтеппа ва Саройкамар - Фархор ба анҷом расид [98, с.23].

Аммо наметавон гуфт, ки дар ин давра ҳамаи корҳо дар риволи хуб қарор доштанд, гоҳан нақшаҳо ичро намешуд ва корҳо ба таъхир меафтод. Масалан, соли 1940 85 % корҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар самти сохтмони роҳҳо ичро шуда буду халос [98, с.49; 143; 153].

Замони оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар бисёре аз деҳоти ҷумҳурӣ коргарон ва колхозчиён ба саҳро баромада, дар корҳои роҳсозӣ кумак мерасониданд.

Санаи 23 апрели соли 1940 ду ҳазор колхозчиёни водии Вахш ба ҳашар баромада, дар сохтмони роҳҳо иштирок намуданд. Онҳо барои сохтмончиён манзилҳои муваққатӣ омода карданд. Бояд қайд кард, ки ташкилотҳои ҳизбии ноҳияҳои Вахш, Ҷиликӯл, Ворошиловобод, Саройкамар ва Даҳанакиик ба сохтмончиён хизмати хуб намуданд.

Бинобар ба суханони Гаврилов М.Г., сарвари қитъаи сохтмони роҳи Қӯрғонтеппа – Саройкамар, ин ҷода аз аҳаммияти бузурги хоҷагӣ бархӯрдор мебошад. Ин ҷода дар ҳолати ногувор қарор дошт ва лозим буд, ки онро дар камтарин фурсат ба ҳолати хуб биоранд, чун яке аз ҷодаҳои аслӣ дар қисмати ҷанубии ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт. Дар ҳамин росто бунёди роҳи Қӯрғонтеппа-Сталинобод низ хеле муҳим буд. Ғайр аз ин, 3 ҳазор колхозчиёни ноҳияҳои водии Вахш дар ин қитъаи роҳ кор мекарданд. Ҳаҷми умумии корҳои заминӣ 23 километрро ташкил медод.

Дар роҳ 3 нуқтаи прорабӣ ва 8 нуқтаи сохтмонӣ ташкил карда шуд. Колхозчиён ба 70 бригада тақсим карда шуданд. Бо ҳамаи роҳбарони нуқтаҳои сохтмонӣ ва бригадаҳо як маҷлиси умумӣ баргузор карда шуд ва дар он муфассал шарҳ дода шуд, ки дар ҳар як бригада дар куҷо ва чӣ гуна кор карда, дар куҷо бояд хӯрок хӯрад. Хизматрасонии тиббии сохтмончиёнро 4 духтур ва 10 ҳамшираи тиббӣ таъмин мекарданд. Барои хондани маҷаллаю рӯзномаҳо 140 нусха рӯзномаҳо оварда шуданд.

22 июни соли 1941 Олмони фашистӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ҳамла кард. Фашистҳо ва пайравони онҳо ният доштанд, ки ИҶШС-ро шикаст дода, дороӣ ва қаламрави онро забт намоянд ва дар ин замин калонияҳои худро

ташкил диҳанд. Акнун ба давлати Шуроҳо ва ба қавли маъруф, давлати коргару деҳқон марг таҳдид мекард ва давлатмардони вақтро лозим буд, ки ба таври оҷил тасмимҳои дуруст қабул намоянд ва аз худ корнамоӣ ва санъати баланди роҳбарӣ нишон диҳанд. Бояд дар ҳамаи соҳаҳо тадбирҳои оҷил қабул карда мешуд ва аз ҳама болотар, чанд миллион аҳолиро аз манотиқи забтнамудаи фошистҳо ва дар канори он корхонаю корхонаҳоро ба ҷойи амн интиқол медоданд. Ин корҳо корҳои андаке набуд ва азму иродаи қавиро талаб мекард. Чун агар ба ин масъала воқеъбинона назар андозем, дар он шабу рӯз кишвари Шуроҳо он қадар қавӣ ва аз назари иқтисодӣ пешрафта набуд ва дар чунин шароит бо душмани ғаддор, ки саропо мусаллаҳ буд ва кулли кишварҳои Аврупоро ишғол намуда буд ва саноати ҳамаи ин кишварҳо ба суди онҳо кору фаъолият мекарданд, кори саҳлу осон набуд ва дар ин шароит қисмати бештари аҳолӣ ва як қисми роҳбарони он замонро руҳафтодагӣ фаро гирифта буд. Аммо роҳбарони асил ва воқеии кишвар ба пирӯзӣ ва дастболо шудани хеш итминони комил доштанд ва ин боварию итминон боис шуд, ки дар ниҳояти кор халқи Шуравӣ бар Олмони фашистӣ пирӯз шавад. Ин қадар он замон мардум бо ҳам басиҷ ва якҷо шуда буданд, ки таърихи башарӣ чунин ҳамбастагӣ ва якдилиро ёд надорад. Чанд омил буд, ки ин воқеият пеш омад буд, қабл аз ҳам роҳбарони содиқ ва одил, ки бо тамоми масъулият ва кордонӣ ва виҷдони поку беолоиш кор мекарданд, аз роҳбари аввали мамлакат гирифта, то роҳбарони зинаҳои поёнӣ, дуюм идеологияи вақт, ки хеле ҳам дар зеҳну шуури пиру барно нуфуз карда буд ва он тамоми қишрҳои ҷомеаро басиҷ намуда, барои якояндаи дурахшону беолоиш ҳидоят менамуд. Ва дар чанд соли ташкил шудани Давлати Шуроҳо мардум, сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта, дида буданд, ки зиндаги онҳо ҳар рӯз беҳтар мешавад ва ин чиз, қабл аз ҳама, итминону бовари онҳоро тақвият мебахшид. Сеюм сатҳи дониш ва фаҳму дарки мардум, ки дар солҳои оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба маротиб боло бардошта шуд буд. Агар дар ҳамин ҷо каме ба таърихи таъсиси давлати ИҶШС ва шароитҳои он рӯ биорем, мебинем, ки барпокунандагони ин давлат гомҳои худро дар оғози кор аз

бунёди мактабу маориф шуруъ карда буданд. Мо аз таърих масъалаи бо ном «Маҳви бесаводӣ»-ро ёд дорем. Ёд дорем, ки чи қадар мактабу муассисаҳои таълимӣ бунёд карда мешуд ва курсҳои муаллимтайёркунӣ ва маҳви бесаводӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа роҳандозӣ гардида буд.

Агар ба таърихи давлатдории ҷадиди тоҷикон дар замони соҳибистиқлол назар андозем, мебинем, ки ин ҷо низ аз ҳамин икдом даст гирифтаанд, яъне такя ба бунёди мактабу маориф ва боло бурдани сатҳи донишу маърифати мардум, ки ин дороии аслӣ ва фанонопазирии ҳар миллат ва давлат мебошад.

Таҷдиди хоҷагии халқии ҶШС Тоҷикистон ба тарзи ҳарбӣ дар он солҳо ба роҳ монда шуд.

Дар Тоҷикистон, ба ғайр аз мушкилоти умумии тамоми кишвар оид ба таҷдиди низомӣ, бинобар шароити хосси рушд дар солҳои пеш аз ҷанг, хусусиятҳои хосси худро дошт, ки мо дар болотар дар ин бора қайд карда будем.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҷдиди сохтор: сафарбар кардани захираҳои меҳнатӣ, таъмини колхозҳо бо кадрҳои механизаторҳо ва мутахассисон буд. То оғози ҷанг зиёда аз 40 км роҳи минтақаи Қӯрғонтеппа таҷдид карда шуда, гузаргоҳи душвортарини ағбаи Фахробод таҳия карда шуд. Роҳҳои истихроҷӣ танҳо дар гӯшаҳои дурдасти ҷумҳурӣ боқӣ монданд. Ва дарозии он аз 10 ҳазор км то 4915 км коҳиш ёфт [66, с.53].

Заманов А.Н. масъаларо пайгирӣ намуда чунин овардааст: «Соли 1941 таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе - Қӯрғонтеппа оғоз ёфт. То оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар ҷумҳурӣ 9203 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буд, ки 1560 км онро роҳҳои сангӣ ташкил медоданд. Яъне, ин роҳҳо сангпӯш ва сангӣ буданд. Солҳои ҷанг низ (1941-1945) сохтмон ва тармими роҳҳо қатъ нагардида буд. Тули роҳҳо дар ин солҳо 695 км зиёд шуд» [59, с.15].

Аз ин рӯ, дар солҳои душвори ҷанг хоҷагии роҳ ва нақлиёти Тоҷикистон рушд кард ва асосан, талаботи хоҷагии халқро ба нақлиёт

таъмин мекард. Дар давоми солҳои ҷанг барои рушди нақлиёти ҷумҳурӣ 4,83 миллион рубл, яъне 7,7% аз маблағи умумии сармоягузорӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ равона карда шуд [59, с.14].

Ҳамзамон бо нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ низ ба релсҳои ҳарбӣ интиқол дода шуд. Тақрибан 80% тамоми автопарк, инчунин қисми зиёди мошинҳо ва механизмҳои роҳсозӣ ба Артиши Сурх дода шуданд.

Аз ин рӯ, дар солҳои 1941-1942 қитъаи роҳи оҳани тангбар аз Сталинобод то Қӯрғонтеппа сохта шуд, ки дарозии он 123 км буд.

Бронштейн Я.Т., Заманов А.Н. дар кори таҳиянамудаи хеш чунин овардаанд: «Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) сохтмони роҳро идораи асосии роҳ (Главдорупр) дар назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Фаъолияти истеҳсолии «Главдорупр» ба иҷрои қарори таърихии ШКХ ИҶШС ва КМ ВКП(б) аз 28 феврали соли 1940 равона карда шуд. Дар ин замина, санаи 22 октябри соли 1940 се идораҳои хоҷагидорӣ ташкил карда шуд: идораи таъмирии роҳи Сталинобод - Хоруғ - №1, идораи таъмирии роҳи Сталинобод – Заҳматобод – Ӯротеппа - Ленинобод - №2 ва идораи таъмирии роҳи Орджоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа - Сталинобод - №3. Ин се идора дар ихтиёри худ 1623 км роҳ доштанд» [52, с.14].

Тақсими вазифа ва ваколатҳо ва қитъаҳои роҳ ба беҳтар шудани корҳо дар ин самт мусоидат намуд. Идораҳои таъмирӣ дар шаҳри Душанбе ҷойгир карда шуда буданд. Тамоми вазифаҳо дар ин сохторҳо дар байни шахсони кордон ва мутахассисони варзида тақсим карда шуда буданд. Бобати беҳтар ба роҳ мондани корҳо дар ин самт комиссияи ҳукуматӣ дар ҳайати котиби якуми КМ ҲК(б) Тоҷикистон Д.З. Протопопов (раис), раиси ШКХ М.К. Қурбонов, раиси Раёсати Шурои Олии ҷумҳурӣ М. Шогадоев, наркоми корҳои дохилӣ Харченко таъсис дода шуд [52, с.14]

Дар роҳи асосии Орджоникидзеобод – Норак - Кӯлоб дар давраи солҳои 1941-1945 таъмири ҷорӣ анҷом дода шуд. Дар сохтмон бисёр занони тоҷик кор мекарданд. Кормандони маҳаллӣ дар ин сохтмонҳо софдилона ва

бо азму иродаи қавӣ кор мекарданд. Аз ин рӯ, ҳизб ва Ҳукумат меҳнати софдилонаи онҳоро қадрдонӣ мекард. Ба Парчами Сайёри Вазорати хоҷагии роҳҳои нақлиёт барои меҳнати софдилона ва иҷрои нақшаҳои меҳнатӣ бахши вилоятии Қӯрғонтеппа сарфароз гардид. Инчунин, кормандони барҷастаи стахановчиҳо бо мукофотҳои пулию молӣ сарфароз гардиданд. Дар бахши вилояти Қӯрғонтеппа сардори бахши вилоятӣ Ҷалилов А. фаъолият менамуд.

Бо мақсади сари вақт ба итмом расонидани сохтмони роҳи Сталинобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл – Қӯрғонтеппа - Сталинобод (ҳалқаи ҷанубӣ) сардори Идораи «Главдорупр» бо супориши №331 аз 1 октябри соли 1941 ба сардори сохтмони роҳи Сталинобод - Қӯрғонтеппа Умаров А.А. фармон дод, ки дар масофаи тракт аз Орджоникидзеобод то Кӯлоб боз як қитъаи роҳсозӣ ташкил кунад [73, с.14; 41, в.133].

Соли 1943 дар ҷумҳурӣ таъмири баҳорӣ бо қувваи колхозчиён бо тартиби иштироки меҳнатии аҳолӣ оғоз ёфт. Ин масъала дар минтақаи Қӯрғонтеппа хуб ташкил карда шуд.

Аз бойгонӣ: «Созмони ҳизбии шурои ноҳияи Қӯрғонтеппа дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба сохтмон ва ҳолати роҳҳо дар ноҳия диққати махсус медод» [41, в.130-131].

Дар соли 1943 дар идораҳои тракти Қӯрғонтеппа - Кӯлоб 5 ДЭУ дохил шуда буд, ки ба 754,4 км роҳҳо хидмат мерасонданд. Ин роҳҳо ба қитъаҳои гуногун тақсим карда шуданд (ҷадвали 1).

Муваффақиятҳои дар сохтмони роҳҳо ва рушди нақлиёти Тоҷикистон бадастомада тасдиқи равшани бартариҳои низоми хоҷагии шуравӣ бар низоми капиталистии он буд. Бояд қайд намуд, ки бинобар сабаби сиёсати оқилона ва дурусти ҳукумати ҷумҳурӣ буд, ки яке аз кишварҳои дар гузашта қафомонда, дар муддати кутоҳ ба комёбиҳои назаррас дар соҳаи сохтмони роҳҳои нақлиётӣ ноил гардид.

**Ҷадвали №1. - Ҷойгиршавии минтақаҳои истифодабарии роҳҳо [73, с.14].**

| № МИР (ДЭУ) | Ҷойгиршавии МИР | Намуди мумфарш | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сиёҳпӯш | Сангпӯш | Шебен (сангҳои гирд) | Бе пӯшонидани санг | Шебен (сангмайда) | Ҳамагӣ |
| 12 | Қӯрғонтеппа | 26,0 | 1,70 | 118,3 | 39,00 | | 185,00 |
| 13 | Панҷ (Кировобод) | | | 46,10 | 63,30 | 40,60 | 150,00 |
| 14 | Чормағзак | | | 93,00 | 171,00 | | 264,00 |
| 15 | Кӯлоб | | 4,00 | 44,00 | 67,10 | 14,30 | 129,40 |
| 16 | 9 км Душанбе | 33,50 | 20,00 | 2,50 | 340,4 | | 20,00 |
| | Ҳамагӣ | 29,50 | 5,70 | 303,9 | | 54,9 | 754,4 км |

Сохтмони роҳҳои нақлиётии байни маркази ноҳияҳо ва маҳаллаҳо тараққӣ ёфта, онҳоро бо ҳам пайваст намуд. Дар навбати худ корхонаҳои роҳсозӣ бо техникаҳои замонавии роҳсозӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки сохтмону таъмири роҳҳои нақлиётӣ, махсусан, баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) то охири солҳои 40-уми асри XX хеле беҳтару хубтар гардид, ки масофаи умумии роҳҳои нақлиётии ҷумҳурӣ ба 8203 км расида, 1650 км он бо санг рӯпӯш гардида буд [94, с.170].

Баъди тамом шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) дар ИҶШС дигаргуниҳои азими иқтисодӣ ба амал омада, иҷрои барномаи барқарорсозии вазъи баъдиҷангии мамлакат ва тараққӣ ёфтани хоҷагии халқ оғоз гардид. Ҳамин буд, ки нақшаи панҷсолаи чорум (с. 1946-1950) аз тарафи иҷлосияи Шурои Олии ИҶШС тасдиқ гардид, ки дар он масъалаҳои рушди иқтисодиёти кишвар баррасӣ мегардид. Аммо дар давоми солҳои баъдиҷангӣ дар шабакаҳои роҳу нақлиётии ҷумҳурӣ ягон тағйирот илова нагардид. Чунки роҳу магистралҳои пешазҷангӣ сохта шуда, ҳамон вақт талаботи ҷумҳуриро қонеъ карда метавонист ва зарурати сохтмони роҳҳои нақлиётӣ вуҷуд надошт.

Ба ин нигоҳ накарда, барои боз ҳам баланд бардоштани сармояи роҳҳои нақлиётӣ, беҳтар кардани ҳолати онҳо ва нақшаи қитъаҳои мураккаби роҳҳои нақлиётӣ чораҳои заруриро дидан лозим буд.

Ҳамин тавр, дар зербоби сеюми боби якум, мо оиди масъалаҳои ташаккул ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX таҳқиқоти илмӣ бурда, муайян намудем, ки дар ин солҳо чун ҷанги ватанӣ мерафт, мушкилоти зиёдеро дар соҳаи роҳсозӣ пеш овард.Бо вуҷуди ин дар ин давра низ роҳсозӣ идома ёфта овард сохтмони роҳҳо ба баъзе ноҳияҳои пеш одамногузар анҷом ёфт.

**Хулосаи боби якум**

Ҳамин тавр, масъалаи хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлонро дар солҳои 20-40-уми асри XX мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Дар ин боб оиди масъалаҳои таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар минтақа дар солҳои бистуми асри бист, инчунин шароитҳои сохтмони роҳ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар солҳои сиюм ва хусусияти омӯзиши ташаккул ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои чилуми асри бист таҳқиқот бурда мешавад.

2. Таҳқиқот исбот намуд, ки агар ба таърихи Осиёи Миёна назар афканем, маълум мегардад, ки ин ҷо роҳи бузурги абрешим арзи вуҷуд дошт, ки аз ин роҳ забткорони ваҳшии макдуниву араб, муғулҳо ва дигар аҷнабиён гузаштаанд.

3. Сохтмони роҳҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор мерафт, чунки тараққӣ додани роҳсозӣ барои рушди нақлиёт хусусан барои иқтисодиёти Тоҷикистон, ки қаторкӯҳҳои сершумори бероҳа, дорои ағбаҳо ва дарёҳои тезоб буд, аҳаммияти хеле калон дошт.

4. Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз омилҳои нахустин ва асос рушди иқтисодии Тоҷикистон бунёди шабакаи роҳҳои муосир ва ҷорӣ намудани намудҳои пешрафтаи нақлиёт буд, чунки маҳз роҳҳо ва нақлиёт барои рушди соҳаи нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аҳаммияти хосса доштанд.

5. Бояд гуфт, ки бидуни мутахассис роҳандозии чунин соҳае, ки дар он механизатсия нақши асосиро мебозад, ғайриимкон аст. Бинобар он, ба мо лозим аст, кадрҳои миллиро тарбия намоем, чунки кадрҳои маҳаллӣ воқеан, пояи аслии соҳаи сохтмони роҳҳоро ташкил медиҳанд.

6. Ҳукумати вақти Иттиҳоди Шуравӣ ба рушд ва тараққии ҶШС

Тоҷикистон дар мавриди сохтмони роҳҳои нақлиётгард таваҷҷуҳи калон дошт ва барои пешбурди корҳо аз буҷети марказӣ маблағҳои муайяне ҷудо мекард.

7. Дар давраи таҳқиқшаванда колхозҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳкамшудаи ҶШС Тоҷикистон ба сохтмони роҳҳо ҳамроҳ шуда, бо қувваи даҳҳо ҳазор нафар колхозчиён роҳҳои калон сохтанд.

8. Лозим ба ёдоварист, ки раванди саноатикунонӣ ва азнавсозии кишоварзӣ ҳамчун вазифаҳои таъхирнопазиру муҳимтарини дигаргуниҳои иқтисодӣ дар ҶШС Тоҷикистон бевосита аз вазъи сохтмони хоҷагии роҳҳо вобаста буд.

9. Дар давраи ҷанг сохтани роҳҳои нав маҳдуд гардида, қувваи асосӣ ба он равона карда шуда буд, ки роҳҳои мавҷуда дар ҳолати хуб нигоҳ дошта, шуда, ба воситаи онҳо кашонидани борҳои ҳарбӣ ва хоҷагии халқ таъмин карда шавад.

10. Ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи нақлиёт

ва хоҷагии роҳ диққати калон дода шуд. Сохтмони роҳҳо дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои чилум ба таври васеъ оғоз ёфт.

# БОБИ II. МОДЕРНИЗАТСИЯИ ХОҶАГИИ РОҲ ВА СОХТМОНИ РОҲҲОИ НАВ ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛҲОИ 50-70 - уми АСРИ ХХ

## 2.1. Тараққии интенсивии роҳсозӣ ва нақлиёт дар солҳои 1950 – 1964

Рушди сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар солҳои панҷоҳуми асри бист шакли навро гирифт. Масалан, Қурбонов М. раиси ШКХ ҶШС Тоҷикистон вақте бори нахуст дар ҷаласаи Шурои Олии ИҶШС ба сухан баромад, таъкид кард, ки «барои баланд бардоштани иқтисоди ҷумҳурӣ моро лозим меояд, ки қабл аз ҳам роҳу ҷодаҳои ҷумҳуриро сохта ба тартиб биорем. Аз ин рӯ, аз Ҳукумати Марказӣ дархост дорем, ки ба масоили ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маблағҳои мушаххасе ҷудо намояд. Ҳаҷми сохтмони роҳҳои Қӯрғонтеппа - Кӯлоб ба 20 миллион рубл ниёз дорад ва аз Ҳукумати марказӣ хоҳиш карданд, ки он маблағро барои ҷумҳурӣ ҷудо намоянд. Сармоягузорӣ аз рӯи лоиҳаи нақшаи панҷсолаи сохтмони роҳҳо дар ҶШС Тоҷикистон нокифоя шуморида мешавад. Ҳаҷми сармоягузорӣ барои сохтмони роҳҳо дар ҷумҳурӣ 43 миллион рубл зиёд карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки таҷдиди магистрали Сталинобод - Қӯрғонтеппа ва сохтмони пулҳо дар болои дарёҳои кӯҳӣ анҷом дода шавад» [157].

Дар панҷсолаи ҷадид аз соли 1946 интиқоли ашёи хом, сӯзишворӣ, маҳсулоти омода ба маротиб боло рафт. Агар дар соли аввали панҷсола гардиши бор 24,2 ҳазор тоннаро ташкил дода бошад, пас он дар соли 1950 ба 394,5 ҳазор тонна расид. Ин рақамҳо баёнгари он мебошад, ки истифодаи роҳҳои кишвар, таъсир ба онҳо ба маротиб боло рафта, фарсудашавии онҳоро метозонид. Аз ин рӯ, дар чунин маворид корҳоеро бояд анҷом медоданд, ки барқароршавии роҳҳо зудтар ба роҳ монда мешуд.

Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон 28 феврали соли 1945 қарор «Дар бораи беҳтар кардани роҳҳо аз рӯи хатсайрҳои интиқоли ғалла ва воридоти сӯзишворӣ барои ширкати кишти соли 1945»-ро қабул намуд [74, с.46; 134, с.22].

Идораи «Главдорупра»-и назди ШКХ-и ҶШС Тоҷикистонро, ки роҳбараш А. Анисимов буд, вазифадор карданд, ки механизмҳои зарурии роҳ, инчунин нақлиёти автомобилӣ ва нақлиёти аспиро дар қитъаҳои роҳҳои Орджоникидзеобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Кировобод барои корҳои тозакунии роҳҳо аз барф, аз рӯйи шакли роҳҳо ва интиқоли санг бо нақлиёти «Главдорупра» дар муҳлати аз 5 март то 5 апрели соли 1945 таъмин намуда, 61500 км барои беҳтар кардани ҷойҳои алоҳидаи душворгузар зиёд карда шавад [134, с.22]. Инчунин, дар ин масъала боз тадбирҳои дигаре низ андешида шуданд. Пас, дар ҳама кор банақшагирӣ, нақшакашӣ, тарҳрезӣ ва дарёфти маблағҳои мавриди ниёз хеле муҳим мебошад. Ин банақшагирӣ аст, ки пешравӣ ва камбудии корҳоро нишон медиҳад. Ва мутмаинан барномарезӣ ва пайгирии иҷрои корҳо ба натоиҷи дилхоҳ дар ҳамаи масирҳо мебарад.

Бояд гуфт, ки дар асоси фармони фармондеҳии САВО (округи низомии Осиёи Миёна- Қ.Л.) (барқияи №УЦ/715 аз 26 декабри соли 1944) автоколоннаҳои САВО вазифадор гардиданд, ки ба воситаи шоҳроҳи Орджоникидзеобод-Кировобод (Панҷ) бо мошинҳои боркаш то 300 $м^3$ санги шағал (гравий) кашонанд ва ин нақша оид ба сохтмону таъмири роҳҳои нақлиётӣ 89 фоиз иҷро карда шуд [81, с.248-249; 69, с.114-115; 100, с.24].

Юсуфӣ Ш. дар автореферати диссертатсиия худ овардааст: «Дар асоси нақшаҳои панҷсолаи чорум (с.1946-1950) барои боз ҳам рушд додани сохтмону таъмири роҳҳои нақлиётии ҷумҳурӣ аз ҳисоби сармоягузории маҳаллӣ дар ҳаҷми 51 миллион рубл ҷудо карда шуда буд. Бояд қайд намуд, ки барои сохтмони роҳҳо дар хоҷагии тобеи маҳаллии ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми 27,6 миллион рубл ҷудо карда шуда буд. Сохтмони калони роҳҳои автомобилгард ва беҳтар кардани онҳо дар тули панҷ соли минбаъда ба ҷумҳурӣ гузаронида шуд» [114, с. 12].

Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон нақшаи панҷсолаи баъдазҷангии азнавбарқароркунӣ ва тараққӣ додани хоҷагии халқи ҷумҳуриро барои солҳои 1946-1950 тасдиқ кард. Инро афзоиши тези парки автомобилӣ талаб

мекард, ки вай соли 1950 аллакай ба дараҷаи пешазҷангӣ расида буд. Вале иҷрои ин кор дар солҳои аввали баъди ҷанг аз сабаби нарасидани механизмҳо, захираҳои моддӣ ва мутахассисони роҳсоз ба таъхир монд. Танҳо соли 1948 ба туфайли дар асоси қарори ҳукумати ИҶШС ташкил дода шудани стансияҳои мошинию роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ техникаи нав паси ҳам дохил шудан гирифт, таъминоти моддию техникии ташкилотҳои роҳсозӣ беҳтар гардид. Дере нагузашта дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Ленинобод стансияҳои мошинии роҳсозӣ ташкил ёфтанд, ки онҳо бо механизмҳои даркорӣ мусаллаҳ шуда буданд ва метавонистанд барои дар як сол баровардани 150 км роҳи автомобилгард хизмат расонанд [134, с.22].

Мусобиқаи васеъ на танҳо дар байни кормандони соҳаи Вазорати нақлиёти автомобилӣ, балки дар дигар хоҷагиҳои автомобилсозии ҷумҳурӣ низ баргузор мешуд. Аз ҷумла, даҳҳо ронандагони идораи «Союззаготтранс», ки ба мусобиқа барои пеш аз муҳлат иҷро кардани интиқоли ғаллаворӣ дохил буданд, ба натиҷаҳои назаррас ноил шуданд. Ронандаи авторотаи Қӯрғонтеппа П.П. Кашитсин бо автомошинаи тамғаи «ЗИС-5» 104 ҳазор километр роҳро тай карда, барои таъмир тақрибан 10 ҳазор рубл сарфа кард. Ҳамин миқдор маблағро ронандагони авторотаи Сталинобод В.Г. Пивнев ва Я.И. Глибин бо мошини тамғаи «ЗИС-5», ки низ 100 ҳазор километрро бе таъмири асосӣ тай карданд. Ронандагони авторотаи Қӯрғонтеппа А.Т. Слюнко ва С.М. Ключников, ки дар мошинҳои худи тамғаи «ЗИС-150» 100 ҳазор километр тай намуданд, уҳдадор шуданд, ки бе таъмири асосӣ то 200 ҳазор километр роҳро тай менамоянд. Дусматов Д. чунин навиштааст: «Соли 1950 15 ронандаи идораи «Союззаготтранс» бо мошинҳои худ 100 ҳазор километр ва аз он зиёдро тай карданд ва барои таъмир зиёда аз 60 ҳазор рублро сарфа карданд» [57, с.20].

Дар давоми солҳои панҷсолаи панҷум миқдори истгоҳҳои мошинӣ-роҳсозӣ панҷ баробар афзуд, вазни қиёсии корҳои баҷоовардаи онҳо дар соли 1951-ум 21,4 фоиз ва дар соли 1955-ум 79,3 фоиз баланд бардошта шуд.

Дар ин муддат паркҳои тракторҳо 2,5 баробар, булдозерҳо 3,7 баробар, скреперҳо 2,2 баробар ва экскаваторҳо 5 баробар зиёд гардиданд [133].

Мувофиқи нақшаҳои панҷсолаи панҷум (с.1951-1955) баҳри рушду сохтмони роҳҳои нақлиётӣ ва тараққии хоҷагии халқ мебоист 2744 км роҳҳои бо санг рӯпӯшкардагӣ ва 732 км роҳҳои пештара ва пулҳо таъмир карда мешуданд [157, с.20].

Муҳаққиқ Шарипов Н.А. дар диссертатсияи худ менависад, ки «дар роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ диққати асосӣ ба идомаи сохтмони роҳҳои асосии ҷумҳурӣ, роҳи Орджоникидзеобод – Кӯлоб - Ҷиликӯл равона карда шуда буд. Дар ихтиёри идораи роҳи Орджоникидзеобод – Кӯлоб – Ҷиликӯл - Сталинобод дар ин вақт ҳафт қитъаи истифодаи роҳ арзи вуҷуд дошт [112, с.98; 157].

Яке аз онҳо қитъаи истифодаи роҳҳои №9 (ДЭУ №9 - ҚИР №9 ) буд, ки дар маркази вилоятии ш. Қӯрғонтеппа ҷойгир буд. Дар идораи ин қитъа роҳи Орджоникидзеобод – Кӯлоб - Ҷиликӯл 90 км буд, аз он 33,8 км аз рӯи намудҳои пӯшонидан санг буд.

Роҳҳои автомобилгард роҳҳои асосии нақлиёти ҷумҳурӣ мебошанд, зеро дар Тоҷикистон ба сабаби шароити кӯҳсор васеъ кардани шабакаи роҳҳои оҳан душвор аст. Ҳоло то 90 фоизи бори хоҷагии халқ ва мусофирон ба воситаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум кашонда мешаванд. Масофаи умумии онҳо 12,7 ҳазор километрро ташкил медиҳад.

Гуфтан ба маврид аст, ки солҳои 1951-1955 сохтмони роҳҳои нақлиётии бо пӯшиши сахт, нисбат ба солҳои 1946-1950 50% бисёртар ба нақша гирифта шуда буд. Дар ин муддат 3451 км роҳҳои автомобилӣ таҷдид ва таъмири асосӣ карда шуданд, ки аз онҳо 690 км роҳҳои хокиро бо маводи сахт пӯшониданд, аз ҷумла 553 км бо нафти вазнин коркард карда шуд. Бо қувваи колхозчиён 139 км роҳҳо дар деҳа сохта шуданд. Шабакаи роҳҳои бо нафт пӯшонидашуда дар соли 1956 нисбат ба соли 1948 22 маротиба ва дар панҷ сол 11,7 маротиба афзудааст. Муваффақиятҳои бадастовардашуда ҳаракати

бемамониати автомобилҳоро қариб дар ҳама самтҳои асосӣ таъмин мекарданд [74, с.101].

Бо сохтмони роҳҳо сохтмони пулҳои калон дар болои дарёҳои калон ва каналҳои обёрии магистралӣ васеъ шуд.

Сар карда аз солҳои 1956-1960 яке аз намудҳои асосии нақлиёти боркашонӣ дар колхозу совхозҳо автомобил ҳисобида мешуд. Дар мақомоти маҳаллии роҳ техника намерасид, аз ҷониби мутахассисон таъмин карда намешуданд.

Ба андешаи Нақиб Саид: «Баландшавии минбаъдаи сохтмони роҳҳо дар ҷумҳурӣ пас аз қабули Қарори Шурои Олии ИҶШС аз 26 октябри соли 1958 оид ба иштироки ҳамаи намуди корхонаву ташкилотҳо дар сохтмони роҳҳои кишвар ва Қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 26 ноябри соли 1958 №1281 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ» оғоз ёфт» [78, с.101].

Комиссариати халқии роҳҳои алоқа (НКПС - КХРА) бо ду қитъаи роҳсозии №6 ва №13 (с.1927) ташкил карда шуд, баъдтар «Дортранс» - и ҶМШС Тоҷикистон (с.1929), ахиран «Главдортранс» ҶМШ Тоҷикистон таъсис дода шуд. Корҳои мустақили лоиҳавӣ-ҷустуҷӯӣ оғоз ёфт, ки аз тарафи «Трансстрой» ва «Трансземстром» иҷро карда мешуданд [78, с.104].

Тибқи гуфтаҳои Нақиб Саид: «Кӯпруксозӣ дар солҳои баъд аз ҷанг ривоҷ ёфт. Ин зарурати таъсис додани ташкилоти махсусеро ба миён гузошт. Соли 1954 Мостопоезди № 408 Вазорати роҳу нақлиёти ИҶШС ба Тоҷикистон гузаронида шуд. Вай таҷрибаи калони кӯпруксозӣ дошт ва дар давоми солҳои 1954-1967 дар ҷумҳурӣ як қатор кӯпрукҳои калони оҳану бетонӣ, аз ҷумла дар Сирдарё, Вахш, Кофарниҳон, Қизилсу бунёд намуд. Ғайр аз Мостопоезд бо кори кӯпруксозӣ Раёсати роҳсозии «Таджикдорстройтрест» ҳам машғул буд [78, с.33].

Андашаҳои худро идома дода Нақиб Сайид гуфтааст: «Дар панҷсолаҳои дигар дар кори роҳсозии ҷумҳурӣ боз тағйироти ҷиддӣ пешбинӣ карда шуданд. Истифодабарии нефт назар ба солҳои 1946-1950 50 фоиз афзуд. Дар

ин давра боз 3 стансияи мошинии роҳсозӣ ташкил дода шуд, ки ин имконият дод механиконии корҳои роҳсозӣ аз 21,4 фоизи соли 1951 дар соли 1955 ба 79,9 фоиз расонда шавад. Дар зарфи панҷсолаи панҷум 3457 км роҳи автомобилгард таъмир кардаю аз нав сохта шуд. Аз он ҷумла, 699 км роҳи хокпӯш фарши мустаҳкам гирифт. Ғайр аз ин, аз ҳисоби колхозу совхозҳо дар деҳот 139 км роҳ бунёд карда шуд. Дар панҷсола миқдори автомошинаҳо хеле афзуд: «Парки автомобилии ҷумҳурӣ соли 1955 назар ба соли 1940 нисбатан зиёд шуд. Роҳҳои фаршкардашуда қариб дар тамоми самтҳои асосӣ ҳаракати бехалалу мунтазами автомобилҳоро таъмин намуданд. Автомобил дар панҷсолаи шашум (солҳои 1956-1960) дар колхозу совхозҳо намуди асосии нақлиёт шуда монд. Аммо роҳҳои маҳаллӣ (қишлоқҷойҳо) ҳанӯз нообод буданд. Барои тез ободонии онҳо техникаю захира намерасид» [78, с.23].

Соли 1956 дар пойтахти ҷумҳуриамон - шаҳри Сталинобод Институти политехникӣ кушода шуд. Дар ҳамин институт факултетҳои мошинсозӣ, автомобилӣ, роҳсозӣ ба кор даромад. Ин ягона тадбири давлатие буд, ки муассисаҳои нақлиётиро бо кадрҳои маълумоти олидор таъмин мекард. Дар давоми мавҷудияти институт факултетҳои онро зиёда аз 15 ҳазор нафар мутахассисони гуногунихтисос, аз ҷумла, мошинсозону нақлиётчиён, хатм карда, дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ хеле хуб кор карда истодаанд. Ҳар сол ба факултети автомобилӣ ба ҳисоби миёна 150 кас қабул карда мешавад.

Дар панҷсола трести «Тоҷикдорстрой» корҳои пудратиро иҷро накард, ки ин ба пешрафти сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа асари худро гузошт. Сабабҳои асосии он суст ҷорӣ намудани пудрати бригадавӣ, истифода карда натавонистани омилҳои ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ, кам диққат додан ба кори байни кадрҳо, алалхусус ба кори байни мутахассисони ҷавон буд. Институти «Тоҷикгипротрансстрой» на ҳамеша ҳуҷҷатҳои хушсифати лоиҳавию сметавӣ тайёр мекард. Бояд қайд намуд, ки вазъияти роҳҳо махсусан дар қишлоқҷойҳои вилояти Қӯрғонтеппа паст буда,

тадбирҳои ободонии роҳҳои нақлиёти автомобилӣ ғайриқаноатбахш иҷро мешуданд.

Бо мақсади такмил додани ташкилотҳои роҳсозӣ стансияҳои мошинӣ-роҳсозӣ соли 1958 таъсис ёфта, соли 1962 ба минтақаҳои истифодабарии роҳҳо табдил дода шуданд. Ба ихтиёри минтақаҳои истифодабарии роҳ гузаштани техника имконият дод, ки сифати таъмиркунию нигоҳ доштани роҳҳо баланд бардошта шуда, муҳлати иҷрои супоришҳо тезонида шавад. Нақиб Саид гуфтааст: «Дар солҳои баъдазҷангӣ ба муносибати дар мамлакатамон гузарондани азнавсозии идоракунии саноат ва сохтмон «Дорпроект» якчанд сол аз тобеияти Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳсозӣ баровардa, ҳамчун шуъбаи махсусонидашуда ба ихтиёри институти лоиҳакашии «Таджикгипрострой» дода шуд. Ба зиммаи шуъбаи роҳсозӣ ғайр аз роҳу кӯпрукҳои беруни шаҳрҳо боз балоиҳагирии кӯчаҳо, майдони аэродромҳо гузошта шуда буд, ки ин коллективи лоиҳакашонро хеле вақт аз кори асосиашон дур кард» [78, с.25].

Раёсати Шурои Олии ИҶШС 26 ноябри соли 1958 «Дар бораи иштироки колхозу совхозҳо, корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, бинокорӣ ва ташкилотҳои хоҷагӣ дар сохтмону таъмири роҳҳои автомобилгард» фармон баровард. Фармон дар кори беҳтар намудани сохтмони роҳҳо ва мунтазам таъмир кардани онҳо аҳаммияти муҳим дошт, чунки ба ин кор колхоз, совхоз ва хоҷагиҳо бевосита иштирок мекарданд. Дар роҳи иҷрои қарорҳои қабулшуда ташкилотҳои ҳизбӣ, Шуравӣ ва нақлиёти ҷумҳурӣ тадбирҳои конкретӣ андешиданд. Роҳи мошинагарди байни аксарияти колхозҳо бо сангрезаю нефт фарш кунонида шуданд, баъзе роҳҳои дохили колхозҳо ҳатто асфалтпӯш гардиданд. Ба туфайли чорабиниҳои гузарондаи ташкилотҳои ҳизбӣ ва меҳнати қаҳрамононаи халқ нақшаи панҷсолаи шашум пеш аз муҳлат иҷро гардид. Дар зарфи панҷсола дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон тағйироти куллӣ ба амал омаданд. Шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ дар 1 январи соли 1960-ум 8900 километрро ташкил дод. Суръати сохтмон ва азнавсозии роҳҳо, махсусан роҳҳои дорои

фарши мустаҳкам торафт меафзуд. Дар баробари ин парки автомобилии ҷумҳурӣ афзуда, дар соли 1963 назар ба соли 1940 қариб чор баробар зиёд шуд [78, с.24].

Дар натиҷаи ёрии доимии ҳукумати ҶШС Тоҷикистон коркунони хоҷагии роҳ аз соли 1959 сар карда корҳои азнавсозии роҳҳои мавҷуда ва сохтани роҳҳои навро вусъат доданд ва дар ин соҳа муваффақиятҳои барҷаста ба даст овsecurityданд. Дар айни замон Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳ дар ҳайати худ тресті роҳсозӣ дорад, ки он бо техникаи навтарини ҳозиразамон таъмин мебошад. Мо инчунин Раёсати истифодадиҳии роҳҳои маҳаллиро ташкил карда, базаи истеҳсолии роҳҳои сангфаршро мустаҳкам намудем [133].

Солҳои 60-ум роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ бо пӯшиши сангпора сохта ба истифода дода шуд [78, с.113].

«Моҳи июни соли 1962 институти мустақили лоиҳакашӣ («Таджикдорпроект») ташкил карда, ба Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳсозии ҷумҳурӣ тобеъ кунонда шуд. Институт вазифадор, буд лоиҳаи роҳҳои автомобилгард, кӯпрукҳо ва дигар иншооти ба роҳсозӣ вобастаро дар қаламрави ҷумҳурӣ кашад. Институт танҳо аз 4 шуъба: ҷустуҷӯкунӣ ва лоиҳакашӣ, иншооти сунъӣ ва чорум шуъбаи сметасозию хоҷагӣ-маъмурӣ иборат буд ва ҳамагӣ 103 нафар коргар дошт» [134, с.28]. Барномаи фаъолияти вай сол ба сол афзуд. Чунончи, соли 1971 (1000) ҳазор сумина корҳои лоиҳакашию сметасозиро иҷро кард, соли 1972 бошад, ин маблағ қариб 4 баробар шуда ба 1550 ҳазор сӯм расид.

Соли 1962 «Таджикдорстройтрест» (тресті роҳсозии тоҷик) ташкил дода шуд. Трест худи ҳамон сол сохтмони роҳи Қизилқалъа - Шаҳритӯсро пеш гирифт. Дар айни замон ташкил дода шудани институти лоиҳакашии «Таджикдорпроект» ба махсусонидани лоиҳакашии сохтмони роҳҳо ибтидо гузошт. Таҳлили ҳолати роҳҳо дар он давра нишон дод, ки вазъияти техникию сифати истифодабарии роҳҳои маҳаллӣ назар ба роҳҳои магистралии дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ хеле паст аст. Чунончи, аз 3,5

ҳазор км роҳҳои ҷумҳуриявӣ 2,4 ҳазор км ё ки 69 фоизаш фарши сахт дорад. Ҳол он ки аз 8,1 ҳазор км роҳи маҳаллӣ ҳамагӣ 1,0 ҳазор км ё ки 12 фоизаш бо ҷисми сахт фарш карда шудааст.

Нақлиёти автомобилӣ дар ҶШС Тоҷикистон низ хеле зуд рушд кард. Танҳо дар давраи солҳои 1952-1962 ҳаҷми интиқоли борҳо бо нақлиёти автомобилӣ дар ҶШС Тоҷикистон аз 10,6 то 60,2 млн. тонна, ё қариб 6 маротиба ва интиқоли мусофирон аз 24,6 то 108,7 млн. нафар, ё қариб 5 маротиба афзоиш ёфт.

Заманов А.Н. дар иртибот ба масъалаи роҳсозӣ чунин қайд намудаанд: «Саноати автомобилсозии ИҶШС танҳо дар соли 1962 578,0 ҳазор мошин истеҳсол кард. Гуфтан кифоя аст, ки агар дар соли 1928 ҳаҷми интиқоли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ аз сатҳи соли 1913 танҳо ду маротиба зиёдтар бошад, пас дар давраи аз соли 1928 то 1940 парки автомобилҳои кишвар беш аз 50 маротиба афзудааст ва гардиши борҳои нақлиёти автомобилии ИҶШС дар ин давра 89 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар соли 1962, дар муқоиса бо соли 1940, интиқоли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ 10,6 маротиба ва гардиши бор 12,5 маротиба афзоиш ёфт» [58, с.13].

Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон (с.1963) бо фармони худ унвонҳои «Ронандаи шоистаи нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон» ва «Роҳсози шоистаи ҶШС Тоҷикистон»- ро таъсис дод. Аз ҷумла зиёда аз сад корманди беҳтарин бо Ифтихорномаҳои Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудаанд.

Бояд қайд, ки барои иҷро кардани нақшаҳои базиммагирифта кормандони нақлиёт ва роҳ вазифаҳои худро иҷро намуданд. Онҳо ин нақшаҳоро бомуваффақият амалӣ гардониданд [58, с.5].

Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон 8 феврали соли 1964 «Дар бораи чораҳои минбаъда беҳтар намудани ҳолати техникии роҳҳои автомобилгарди дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ» қарор қабул карда, роҳу усулҳои ислоҳи вазъияти баамаломадаро нишон дод. Дар асоси

ин қарор 1 апрели соли 1964 Раёсати истифодабарии роҳҳои маҳаллӣ ва дар ноҳияҳо минтақаҳои роҳсозию истифодабарӣ дар назди комиҷроияҳои ноҳиявӣ ташкил карда шуданд. Азнавсозии роҳбарӣ ба хоҷагии роҳи маҳаллӣ, бо техникаи нав таъмин карда шудани онҳо натиҷаҳои дилхоҳ овард. Ба кори белоиҳа сохтани роҳ дар маҳалҳо хотима дода шуд. Ҳаҷми сохтмону таъмири роҳҳои байни деҳоти колхозӣ хеле афзуд. Дар моҳи январи соли 1965 дар ҷумҳурӣ 17 идораи баистифодабарии роҳҳои маҳаллӣ (ДЭУ), 5 шуъбаи роҳсозӣ дар назди комиҷроияҳои ноҳиявӣ мавҷуд буданд.

Исмоилов А., ва Сусепин. А.В. ин мавридро чунин тавсиф кардаанд: «Васеъшавии ҳаҷми сохтмони роҳ минбаъд ҳам такмил додани роҳбарӣ, нақшакашӣ ва идоракуниро металабид. Зарурати таъсис додани ташкилоте ба миён омад, ки ба фаъолияти мақомотҳои роҳсозӣ сардорӣ кунад, кори онҳоро ба нақша дарорад, дар бобати истифодаи роҳҳо сиёсати ягонаи дуруст ба амал гузаронад. Бо ин мақсад дар ҳайати Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳсозии ҷумҳурӣ Сарраёсати оид ба сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ташкил дода шуд. Ҳамин тариқ, солҳои 1960-1965 сохтори роҳбарӣ ба хоҷагии роҳсозии ҷумҳурӣ вобаста ба талаботи шароит такмил ёфт, ки он ҳоло ҳам дар амал ҷорист» [65, с.25].

Ҳаракати автомошинаҳо дар роҳҳои магистралӣ торафт интенсивӣ мешуд. Акнун фарши омехтаи сангреза бо нефт дар роҳҳое, ки дар онҳо ҳар шабонарӯз 1200-1500 автомошина ҳаракат мекард, талаботро қонеъ карда наметавонист. Вай тез аз кор мебаромад. Бинобар ин бо бетону асфалт рӯйкашкунии роҳ ҳамчун масъалаи муҳим ба миён гузошта шуд.

Дар қарорҳои анҷумани таърихии XXIV ҲКИШ (КПСС) ба масъалаи роҳсозӣ диққати махсус дода шудааст.

Мувофиқи директиваҳои анҷумани ҳизб дар Тоҷикистон сохтмони як қатор объектҳои калон, ба монанди корхонаи алюминии Регар, комбинати металлургии Анзоб, комбинати химиявии Ёвон, системаи обёрикунии Ёвон-Обикиик, ба вуҷуд овардани Комплекси қаламравӣ- истеҳсолии ҷанубии

тоҷик, пурра ба кор андохтани Неругоҳи барқии обии Норак пешбинӣ карда шуданд.

Роҳҳои то ин дам сохта ба истифода додашудаи автомобилгард ба вусъат ёфтани сохтмони объектҳои мазкур ба дараҷаи муайян мусоидат намуданд.

Аммо сифати истифодабарии як қатор роҳҳо, қудрати борбардории кӯприкҳо барои ҳаракати муътадили автомошинаҳои калонҳаҷми МАЗ, БелАЗ, КрАЗ, трайлерҳои 100-300-тоннагӣ ва дигар механизмҳои вазнини бинокорӣ мувофиқ набуданд ва аз ин сабаб супоришҳои боркашонӣ баъзе мавридҳо иҷро нашуда мемонданд. Бинобар ин бинокорон мувофиқан ба шароиту талабот роҳҳои нави васею канорашон нармкардашуда ва фаршашон асфалту бетон, сементу бетон бунёд намуданд. Чунончи, ба хизмати НБО-и Норак дар масофаи 67 км роҳи фаршаш сахт, аз он ҷумла роҳи байни Чормағзаку Норак ва Нораку ағбаи Шаршар сохта шуданд. Дар ин давра роҳҳои васеи асфалтпӯши Норак – Бойғозӣ, посёлкаи Сардоров,Қарохон - Ёвон, Қӯрғонтеппа - Калининобод ва ғайра ба вуҷуд омаданд.

Дар кори сохтмони роҳҳои автомобилгард дар ҷумҳурӣ ҳиссаи тресли махсусонидашудаи роҳсозии Вазорати нақлиёти ИҶШС («Средаздорстрой») калон аст [65, с.26]. Вай дар ихтиёри худ як гурӯҳ мошинаҳое дорад, ки барои сохтмони муттасили роҳҳои фаршаш сементу бетон пешбинӣ шудаанд. Трест дар Тоҷикистон аввалин автострадаи Душанбе - Орҷоникидзеободро сохт, ки мобайни тамоми масофаи роҳ гулзор карда шудааст. Трест инчунин як қатор роҳҳои аз нав сохташудаи қисми ҷанубии ҷумҳуриро асфалту бетонпӯш кард. Дар ин хусус «Таджикдорстройтрест»-и Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳсозии ҶШС Тоҷикистон ҳам кори намоён кард.

Бо қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, бо фармони Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои нақлиёт Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1961 №341 тресли махсуси роҳсозии хоҷагидории

«Тоҷикдорстройтрест» таъсис дода шуд, ки ДСУ-1, ДСУ-2, ДСУ-4, карерҳои механизатсияшуда ва истгоҳҳои байниноҳиявии мошинсозии №12 ва №13-ро муттаҳид кард. Ташкили трест ба афзоиши механизатсияи корҳои роҳ, рушди усулҳои пудратии сохтмон мусоидат кард ва талаб мекард, ки маблағҳои пулӣ аз ташкилотҳои гуногун зиёд карда шаванд.

Дар оянда бо васеъ шудани ҳаҷми корҳои роҳсозӣ пойгоҳи истеҳсолии трест низ афзуд. ДСУ-2, ДСУ-8, ДСУ-11, ДСУ-12 дар шаҳри Хоруғ, шаҳраки Шаҳритӯс, Ховалинг ва вилояти Ленинобод таъсис дода шуданд [78, с.114].

Соли 1962 «Тоҷикдорстройтрест» бо барномаи 5,5 миллион рубл ба сохтмони роҳи Қизилқалъа - Шаҳритӯс шуруъ кард.

Ба андешаи Нақиб Саид: «Ба беҳтар шудани вазъи роҳҳои маҳаллӣ қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 8 феврали соли 1964 №51 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани ҳолати техникии роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ» мусоидат кард. Дар ҳошияи ин қарор аз 1 апрели соли 1964 идораи баистифодабарии роҳҳои маҳаллӣ (ДЭУ) дар назди кумичроияи ноҳияҳо таъсис дода шуд» [78, с.110].

Ҳамин тавр, зербоби якуми боби дуюмро чунин ҷамъбаст намудан мумкин аст, ки дар назди коркунони хоҷагии роҳ вазифа гузошта шуд, ки на танҳо минтақаҳои вайрону валангоршудаи роҳҳоро обод кунанд, балки инчунин шабакаи роҳҳои муҳимтаринро аз нав созанд, онҳоро дар навбати аввал бо омехтаи сангрезаю нефт рӯйкаш кунанд. Ва албатта, сохтмончиёни роҳҳои нақлиётгард аз уҳдаи ин супоришҳо бо сарбаландӣ баромаданд.

## 2.2. Беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1965 – 1979

То 1 январи соли 1965 дар ҷумҳурӣ аллакай 17 идораи баистифодабарии роҳҳои маҳаллӣ (ДЭУ) ва 5 шуъбаҳои роҳсозӣ дар назди кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ фаъолият мекарданд.

Бо фармони Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон 8 феврали соли 1965 №79-Р «Дар ҳайати Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои ҷумҳурӣ Идораи асосии роҳбарии сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (Гушосдор)» таъсис дода шуд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 1960-1965 сохтори роҳбарии хоҷагии роҳҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуд, ки то имрӯз амал мекунад.

Дар китоби «Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ», Сталинобод, соли 1960 чунин омадааст: «Дар охири соли 1965 дар системаи нақлиётии ҷумҳурӣ 30 хоҷагии нақлиётӣ мавҷуд буд, ки дар ихтиёри онҳо ҳазорҳо мошинҳо буданд. Аз ҷумла, автопарки мусофирбарӣ 1210 автобус ва 631 мошини сабуки такси дошт. Корхонаи таъмири мошинҳои №1, ки ба мошинҳои тамғаи «ЗИЛ» хидмат мерасонд, ба истифода дода шуд. Дар ҷумҳурӣ дар як сол то 3800 мошин пурра таъмир карда шуд» [88, с.190].

Аз бойгонӣ: «Дар 1 январи соли 1966 дарозии роҳҳои автомобилгард ба 11585 км расид, аз ҷумла бо пӯшиши сахт 5 100 км, аз он зиёда аз 3000 км бо нафт коркард карда шуд» [36, в.15-17].

Бо меҳнати софдилонаи роҳсозон дар соли аввали панҷсолаи ҳаштум (с.1966-1970) аввалин қитъаҳои роҳҳои бо пӯшиши такмилёфтаи асфалтбетон, ки дарозии умумии он зиёда аз 70 км буд, сохта шуданд. Онҳо дар роҳҳои автомобилӣ, роҳҳои бо шиддати ҳаракат зиёда аз 1200-1500 мошин дар як шабонарӯз сохта шуданд, пӯшиши нафтӣ дар ин ҳолат ба вазниниҳо дучор шуд ва зуд аз кор баромад.

Такони ҷиддӣ ба сохтмони роҳҳои кишвар Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 31 августи соли 1967 расонид, ки ташкилотҳои давлатӣ ва хоҷагии ҷумҳуриро вазифадор кард, ки дар сохтмон ва таъмири роҳҳои маҳаллӣ бо маблағҳои пулӣ иштирок кунанд.

Хусусияти хоси панҷсолаи ҳаштум беҳтар кардани роҳҳои навсохт ва таҷдидшудаи автомобилӣ ва пулҳо буд.

«Барои сари вақт расонидани техникаи сохтмонӣ, маводи сохтмонӣ барои Неругоҳи барқи обии Норак 67,5 км роҳҳои нав бо маводи сахт

ҳамчун Чормағзак - Норак, убур кардани Норак тавассути гузаргоҳи Шар - Шар, роҳи автомобилгарди Норак - Бойғозӣ, деҳаи Сардора – Қарахонов - Ёвон, Қӯрғонтеппа - Калининобод ва ғайра ба истифода дода шуданд» [78, с.119].

Гуфтан ба маврид аст, ки дар панҷсолаи ҳаштум дар сохтмони роҳҳо ва пулҳо ташкилотҳои махсуси Вазорати сохтмони нақлиётии ИҶШС трести «Средазстрой» ва поезди пулсозии №408 саҳми калон гузоштанд.

Масалан, трести «Средазстрой» дар як қатор қитъаҳои таҷдидшавандаи роҳҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ рӯпӯши сементу асфалтбетонӣ сохтааст.

Поезди пули №408 як қатор пулҳои оҳану бетонии асосиро дар дарёҳои Сирдарё, Вахш, Кофарниҳон сохт.

Бо таваҷҷуҳ ба андешаи Нақиб Сайд: «Дар натиҷаи рушди минбаъдаи саноатикунонии кишвар, ташкилотҳои роҳҳои ҷумҳурӣ имконият доштанд, ки ҳаҷми корҳои механизатсияшударо дар сохтмони роҳҳои автомобилӣ ба 98% расонанд. Ташкилотҳои роҳсозӣ ва истифодаи Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои ҶШС Тоҷикистон бо техникаи навтарини муосир муҷаҳҳаз гардида, дорои парки пурқуввати чунин мошинҳо буданд: 623 трактор, 156 экскаватор, 17 омехтакунандаи асфалту бетонӣ, 42 таҷҳизоти сангмайдакунанда, 151 автогрейдер, 186 мошини боркаш, 114 катокҳо, 117 булдозер, 40 гудронатор ва техникаҳои дигар буданд» [78, с.108].

Ба андешаи Нақиб Сайд: «Бояд гуфт, ки дар натиҷаи меҳнати пурсамари сохтмони роҳҳои кишвар дар панҷсолаи ҳаштум (с.1966-1970) шумораи умумии роҳҳои нақлиётӣ ба 12,5 ҳазор км расид, ки аз онҳо 6560 км бо рӯпӯши сахт, инчунин 4370 км бо рӯпӯши сабук, 450 км бо рӯпӯши семену асфалтбетонӣ вуҷуд доштанд» [78, с.110].

Ҳамаи ин чорабиниҳои баамалбаровардашуда имконият доданд, ки шабакаи роҳҳо дар соли 1965 ба 11585 км расонда шавад.

Ҷиҳати фарққунандаи панҷсолаи гузашта (с. 1966-1970) дар он аст, ки дар ин давра бисёр роҳу кӯпрукҳо васеъ ва аз ҷиҳати техникӣ сифатнок

гардиданд. Ҳоло ташкилотҳои роҳсозӣ имконият доранд, ки ҳаҷми корҳои механиконидашударо дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ба 98 фоиз расонанд.

Дар солҳои 1966-1970 17 км роҳи дутарафаи магистралии сементу бетонпӯш ва 561 км роҳи ободи асфалту бетонпӯш сохта шуда, 2060 км роҳи хокпӯш бо омехтаи сангрезаю нефт пӯшонда шудааст.

Дар маҷаллаи «Коммунист Таджикистана» нашри соли 1933 чунин омадааст: «Дар натиҷаи хеле беҳтар гардидани ҳолати техникии роҳҳои автомобилгард ва афзоиши миқдори автомобилҳо ҳаҷми умумии боркашонӣ дар солҳои 1966-1970 40 фоиз, гардиши боркашонӣ 78 фоиз, ҳаҷми мусофиркашонӣ бо автобусҳо 38 фоиз афзуд. Афзоиш ва самаранокии кори нақлиёти автомобилӣ ба тараққиёти минбаъдаи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, инчунин болоравии некуаҳволии аҳолии ҷумҳурӣ мусоидат кард» [134, с.26].

12 августи соли 1972 роҳи нақлиёти автомобилӣ дар роҳи нави самти Қӯрғонтеппа кушода шуд.

Роҳҳо танҳо дар миқдори ками тақрибан 1100 км дар гӯшаҳои дурдасти ҷумҳурӣ боқӣ монданд, ки дар он ҷо сохтмони роҳҳои автомобилӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок набуд.

Дар ин давра муваффақиятҳои бузурги сохтмони пул дар Тоҷикистон ба даст оварда шуд, ки танҳо дар роҳҳои аҳаммияти умумидавлатӣ (бе шоҳроҳи Ош - Хоруғ) 552 пул бо дарозии умумии зиёда аз 10 километр ва 3457 қубури доимӣ сохта шуд. Агар ин қубурҳо ба хати рост кашида шаванд, дарозии онҳо ба 45,5 км мерасид.

Идораи хаттӣ-истифодабарӣ роҳҳои ҷумҳуриявӣ фаъолияти 16 қитъаи истифодаи роҳро муттаҳид кард, ки дар ҳайати худ 28 нуқтаи таъмири роҳро бо шумораи умумии кормандони хадамоти роҳ 1060 нафар, аз ҷумла 700 доремонтерҳо ва таъмиргарон, доштанд.

Идоракунии хаттӣ-истифодабарӣ аз роҳҳои маҳаллӣ роҳбарии техникии 37 қитъаи истифодаи роҳро дар назди кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ

амалӣ намуданд, ки дар ҳайати худ 11 нуқтаи таъмири роҳ бо шумораи умумии кормандони истифодабарӣ 2020 нафар, аз онҳо 613 устои роҳсоз ва таъмиргар доштанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ шабакаи хеле пешрафтаи роҳҳои автомобилӣ сохта шуд, ки ҳамаи шаҳрҳо, марказҳои ноҳия ва маҳалҳои аҳолинишини калонро бо ҳам мепайваст. Ташкилотҳои роҳсозӣ ва истифодабарӣ бо механизмҳои мукаммали роҳсозӣ муҷаҳҳаз карда шуданд, ки ба ҷорӣ кардани механизатсияи комплексии корҳои роҳсозӣ имкон доданд. Онҳо сол аз сол сохтмони роҳҳои автомобилгардро бо намудҳои асосии рӯпӯшҳои нав сохтанд.

Соли 1972 кӯпруки нави оҳану бетонии Кофарниҳон (дар роҳи байни Душанбе - Қӯрғонтеппа), кӯпруки яке аз серобтарин дарёи Помир - Бартанг сохта ба истифодабарӣ дода шуд. Кӯпруке, ки ҳоло дар дарёи Сурхоб сохта шуда истодааст, аз ҷиҳати техникӣ хеле душвор мебошад. Дар сохтмони он аввалин бор дар ҷумҳурӣ асбоби пармакунию ҷойгиркунии пояҳо истифода карда шуд.

Ба туфайли соли 1973 азнавташкилдиҳии институти «Таджикдорпроект» ба институти лоиҳакашии «Таджикгипротрансстрой» барои вусъати минбаъдаи корҳои балоиҳагирии роҳҳо шароитҳои мусоид муҳайё гардид. Ҳайати маъмурии институт ва шуъбаҳои ҷустуҷӯкун ва лоиҳакашии роҳҳо, геология, сметасозӣ, техникӣ, ороишдиҳӣ, механикони лоиҳакашии саноатӣ ва гражданӣ, асосноккуни иқтисодӣ, маъмурӣ-хоҷагӣ иборат буд. Институт бо асбобу анҷомҳои техникии хозиразамони пармакунӣ, дастгоҳҳои чопкунандаи тамғаи «Эра» ва «Машана-2», нусхабардори фотографӣ, мошинаи муқовакунӣ таъмин карда шудааст. Вай лабораторияи махсус ҳам дошт.

Мутахассисони таҷрибанок, лоиҳакашони роҳҳои автомобилгард: И.А. Сергин, Г.В. Папп, Н.В. Перекрестов, В.М. Кафтайлов, В. В. Алферов, И.А. Багдасаров, Р.Ф. Гайчман, Г.И. Пекшев, Н.Ф. Якубо, ки онҳо такягоҳи коллективи эҷодӣ буданд, дар институти лоиҳакашӣ кор мекарданд.

Коллективи лоиҳакашону ҷустуҷӯкунандагон аз ҷиҳати эҷодӣ афзуд, бо кадрҳои баландихтисос пурра гардид. Дар байни онҳо Г.В. Кекенадзе, А.П. Субботин, С.И. Дидикин, Х. Исмоилов, В. Кваша ҳамчун меҳнатдӯсту ташаббускор ном баровarda буданд. Коллектив қодир буд, сохтмони автомагистралҳои душвор, дар онҳо истифодабарии комёбиҳои нави илму техникаи соҳаи роҳсозиро ба лоиҳа гирад.

Яке аз объектҳои калони сохташаванда автотрассаи Шимол-Ҷануб мебошад. Лоиҳакашон барои сохтмони ин роҳ ёздаҳ хел лоиҳа тартиб дода, аз он беҳтаринашро интихоб карданд. Мувофиқи лоиҳа бояд роҳи дутарафаи фаршаш сементу бетонӣ сохта шавад. Дар он роҳҳои пиёдагард, канорҳои бетонпӯш, хиёбони гулзор, кӯлу майдончаҳои истироҳаткунӣ, майдончаю истгоҳҳои автобус ва ғайра дар назар дошта шуда буд.

Талабот ба кори балоиҳагирии роҳҳои автомобилгард сол ба сол меафзуд [134, с.31].

Аз аввали соли ҷорӣ то ин дам дар ҷумҳурӣ, - ба мухбири ТоҷикТА маълум кард вазири нақлиёт ва хоҷагии роҳсозии ҶШС Тоҷикистон А.И. Исмоилов, - дар қишлоқҷойҳо 300 километр роҳи нав сохта ва роҳҳои кӯҳна таъмир карда шуданд. Ин назар ба он чи ки пешбинӣ шуда буд, қариб ду баробар зиёд аст. Ташкилотҳои роҳсозии вазорат, ки дар ҳар як ноҳияи қишлоқӣ барпо гардидаанд, роҳҳои нав месозанд ва роҳҳои куҳнаро таъмир ва дуруст мекунанд. То охири сол масофаи роҳҳо боз 90 километр дароз мешавад [131].

Ташкилотҳои роҳсозӣ аз рӯйи шартномаҳое, ки бо колхозу совхозҳо, бо Шуроҳои маҳаллӣ баста мешуданд, кор мекарданд.

Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, ки мувофиқи он ҳамаи колхозу совхозҳо, ташкилотҳои саноат, нақлиёт, ташкилотҳои бинокорӣ ва савдои ҷумҳурӣ, сарфи назар аз тобеияти онҳо, аз соли 1968 сар карда дар сохтан ва таъмир намудани роҳҳои маҳаллӣ ҳатман иштирок менамуданд ва барои ин пул ҷудо мекарданд, барои тараққиёти хоҷагии роҳсозӣ аҳаммияти калон дошт. Дар амал татбиқ намудани ин ҳуҷҷат

имконият медод, ки маблағи ҷудокардашуда, техника ва қувваи коргарӣ дар сохтмони объектҳои муҳим истифода бурда, суръати кор зиёд карда шавад.

Ҳаҷми умумии маблағе, ки барои сохтан, таъмир кардан ва нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ ҳамаи ташкилотҳо харҷ менамоянд, дар давоми панҷ соли охир қариб ба 50 миллион сӯм расид.

Соли 1968 колхозҳои ноҳияи Регар (ш. Турсунзода) 20 километр роҳи нав сохтанд. Дар ноҳияи мазкур минтақаи роҳсозӣ бомуваффақият кор карда истодааст, ки вай нақшаи солонаро аз мухлат пеш иҷро намуд.

Вазорати нақлиёт дар колхозу совхозҳо роҳҳои сангфарш ва хирманҳои асфалтпӯш месозанд. Дар Тоҷикистон зиёда аз 9 ҳазор километр роҳҳои хуби қишлоқӣ мавҷуд аст. Дар ноҳияҳои пахтакор қариб ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишин роҳҳое доранд, ки онҳоро бо марказҳои ноҳия ва шаҳрҳо пайваст менамоянд. Пеш аз Инқилоб Тоҷикистон ягон роҳи дуруст надошт. Фақат баъзе нуқтаҳои аҳолинишин байни худ бо роҳҳои тангу пурхок алоқа доштанд, ки аз ин роҳҳо фақат ароба гузашта метавонист. Ҳозир бошад ба ҳар қишлоқи кӯҳистон, ки ҳатто нисбат ба сатҳи оби баҳр 4 ҳазор метр баланд воқеъ мебошад, роҳҳои васеъ сохта шудаанд. Нақлиёти асосии ҷумҳурӣ - ҳазорҳо автомошина ҳар сол миллионҳо тонна борҳои хоҷагии халқ мекашонад. Дар оянда роҳҳои автомобилгард бо тезӣ дароз ва зиёд карда мешаванд. Соли 1970 масофаи роҳҳои асфалтпӯш боз ҳазор километр зиёд шуд. Ба ташкилотҳои бинокорӣ кумак расонданд. Ташкилотҳои нақшакашии ҷумҳурӣ барои бартараф кардани камбудиҳои кори бо таҷҳизоту масолеҳ таъмин намудани сохтмони роҳҳо ёрӣ доданд.

Кадрҳои ташкилотҳо камӣ мекарданд. Бо вуҷуди ин масъалаи дар назди Институти политехникии Тоҷикистон кушодани факултети роҳсозӣ, ки муҳандисони соҳаи роҳсозиро тайёр мекарда бошад, ҳал шуд [131].

Дар маҷаллаи Коммунист Таджикистана соли нашри 1933 омадааст: «Комиҷроияҳои шуроҳои ноҳиявӣ, қишлоқӣ, посёлкавӣ бевосита ба корҳои роҳсозӣ роҳбарӣ карда, масъалаҳои лоиҳакашӣ, нақшаҳои ҷорию перспективии корҳои роҳсозӣ, меъёрҳои техникӣ ва қоидаҳои ба сифати кор

назораткуниро бо маслиҳати Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳсозӣ якҷоя ҳал менамуданд» [134, с.40].

Дар баробари ба вуҷуд овардан ва афзоёндани шабакаи роҳҳо дар ҷумҳурӣ барои самарабахш истифода бурдан, таъмир кардан ва нигоҳ доштани онҳо тадбирҳои зарурӣ дида мешуд.

Вақте низом дуруст чида шудааст, натиҷаи корҳо низ назаррас мебошад. Дар солҳои 1963-1965 дар кулли ҷумҳурӣ 33 минтақаи бунёди роҳҳо таъсис дода шуда буд, бо номи ДЭУ, яъне муассисаи истифода ва тармими роҳу ҷодаҳо [134, с.41].

Аз соли 1965 ба баъди кори истифодабарии роҳро Раёсатҳои истифодабарии роҳҳои иттифоқӣ, ҷумҳуриявӣ ва роҳҳои маҳаллӣ пеш мебуданд. Раёсатҳои хаттӣ-истифодабарӣ 16 минтақаи роҳсозӣ-истифодабариро муттаҳид мекарданд, ки дар ҳайаташон 28 нуқтаи таъмиркунӣ доштанд. Онҳо, инчунин, ба 37 минтақаи роҳсозӣ, истифодабарии назди комиҷроияҳои шуроҳои ноҳиявӣ аз ҷиҳати техникӣ роҳбарӣ мекарданд. Раёсат ба таъмин намудани ҳаракати муътадили автомошинаҳо, тоза нигоҳ доштани роҳҳо, гузарондани таъмири асосӣ шароит муҳайё мекарданд.

Дар моддаи 8 Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 31 августи соли 1967 чунин навишта шудааст: «Роҳҳои автомобилгарди аз роҳҳои магистралии истифодаи умумӣ ба корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ, сохтмон ва дигар муассисаю ташкилотҳо, инчунин колхозу совхозҳо кашидашударо бояд корхонаю ташкилотҳо ва колхозу совхозҳои дахлдор бо кувваю маблағи худ созанд, таъмир кунанд ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доранд [134, с.39]. Шуроҳои маҳаллӣ дар фаъолияти амалиашон ин фармонро бояд ба роҳбарӣ гиранд.

Аллакай дар зарфи ду соли панҷсолаи ҷорӣ (с.1971-1975) 5510 км минтақаҳои нави роҳҳои автомобилгарди фаршашон сементу бетон ва асфалту бетон ё омехтаи нефт ба истифода дода шуданд. Аз он ҷумла, роҳи байни Чормағзак-Норак 10 км кӯтоҳ ва аз морпечиҳо халосу хеле рост шуд.

Ин имконият дод, ки ба НБО-и Норак борҳои ғайригабаритии 100-300-тоннагӣ бе монеа кашонда шаванд.

Соли 1972 автомобилҳо бо минтақаи нави роҳ ба водии Вахш рафтуомадро сар карданд. Қариб 30 км масофаи роҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа аз нав сохта, бо сементу бетон ва асфалту бетон рӯйкаш карда шуд [134, с.34].

Шабакаи роҳҳои Тоҷикистон ба қадри кофӣ васеъ гардида, пойтахти ҷумҳуриро бо тамоми шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои калони аҳолинишин, бо маркази колхозу совхозҳо пайваст кардаанд. Роҳҳо пурра бо асфалту бетон ва нефт фарш карда шудаанд.

Сохтмони роҳҳои дохили колхозу совхозҳо бомуваффақият пеш рафт. Роҳсозӣ, хусусан дар дохили хоҷагиҳои ноҳияҳои Регар, Шаҳритӯс, Колхозобод, Хуҷанд босуръат давом кард.

Дар солҳои охир ба кори аз ҷиҳати архитектурӣ такмил додани роҳҳо диққати махсус дода мешуд. Чунончи, павилонҳои қулай барои мусофирон, шипангҳои сояафкан барои дамгирии ронандагону пиёдагардон бино карда мешаванд. Гузаргоҳ, истгоҳи майдончаҳоро нақшаҳои рангини хати ҳаракати автомобилҳо, аломатҳои сигналдиҳанда ва плакатҳои огоҳкунанда зинат медиҳанд [134, с.37].

Дар роҳҳо дараҷаи хизмати нигоҳдории бехатарии ҳаракат хеле баланд гардид. Дар ағбаҳо нуктаҳои азназаргузаронии профилактикии нақлиёти автомобил, роҳчаҳои авариягӣ ва захираи қум барои эҳтиёткунӣ аз яхбандии роҳ ташкил карда шудаанд. Нозироти давлатии автомобилӣ бо вертолётҳои хизмати патрулӣ таъмин гардонда шудааст.

Шабакаи роҳҳои дорои аҳаммияти умумидавлатӣ ва ҷумҳуриявӣ дар ибтидои соли 1973 бештар аз 3 ҳазор километрро ташкил дод, ки қисми зиёди он асфалту бетонпӯш ва нефтфарш мебошад. Масофаи ин гуна роҳҳо танҳо дар ду соли аввали панҷсолаи нуҳум қариб 260 км зиёд шуд.

Дар мақолаи Исмоилов А. омадааст: «Дар зарфи солҳои 1971-1972 роҳҳои асфалту бетон ва нефтфарши деҳот 270 км дароз шуд. Ҳазорҳо

километр роҳҳои байни қишлоқҳо бо омехтаи сангрезаю нефт пӯшида шуданд» [131, с.56-62].

Барои аз озуқаворӣ таъмин намудани минтақаҳои роҳсозӣ-истифодабарӣ ОРС-и Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳи ҶШС Тоҷикистон мадади калон мерасонад. Ҳамаи ин боиси пай дар пай афзудани сифати таъмиру нигоҳдории роҳҳо ва ободонии онҳо гардид.

Дар минтақаҳои махсусан хатарнок нишонаҳои иловагии огоҳкунанда гузошта мешуд. Танҳо соли 1971 дар роҳҳои ҷумҳуриявӣ 64 автопавилон, 1789 аломатҳои роҳ, 37 тахтачаҳои огоҳкунанда, 24 қароргоҳи автомобил ва ғайра сохта ба истифода дода шуданд.

Дар ҷумҳурӣ 39 нуқтаи таъмиркунии роҳ мавҷуд буд. Хоҷагиҳои роҳсозӣ, аз ҷумла нуқтаҳои роҳтаъмиркунӣ, бо техникаю механизмҳои ҳозиразамон таъмин буданд. Механиконии ташкилотҳои роҳсозии Тоҷикистон танҳо дар зарфи панҷсолаи ҳаштум аз рӯи миқдору воҳиди навъҳои гуногун 140-180 фоиз, аз рӯи иқтидор 150-200 фоиз афзуд.

Миқдори механизмҳои роҳсозӣ ва воситаҳои нақлиёт дар панҷсолаи ҳаштум боз ҳам афзуд. Чунончи, дар 1-уми январи соли 1973 хоҷагиҳои роҳсозии ҷумҳурӣ дар ихтиёрашон 323 трактор, 210 булдозер, 76 экскаватор, 440 автомошинаи боркаш доштанд [134].

Ташкилотҳои роҳсозӣ-истифодабарӣ барои аз барфрӯба нигоҳ доштани роҳи ағбаи Чормағзак - Норак дар ду тарафи канори роҳ 6-8 қатор ниҳол шинонданд. Дар сари ағбаю ҳамгаштҳои роҳ барои аз яхбандии роҳ эҳтиёт кардан анборҳои регу қум ташкил дода шуд.

Дар мақолаи Исмоилов А. омадааст: «Вазъияти техникии роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ тамоман дигаргун шуд. Дар сохтмони на фақат роҳҳои калон, балки роҳҳои маҳаллии автомобилгарди Тоҷикистон низ торафт бештар асфалту бетон ба кор бурда мешуданд» [132, с.56-62].

Бояд қайд намуд, ки 90 фоизи ҳаҷми умумии борҳои хоҷагии халқ ва 87 фоизи мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ кашонда мешуданд. Баъзе ноҳияҳои ҷумҳурӣ, масалан, Помир комилан ба нақлиёти автомобилӣ

вобаста буд, ки вай тамоми чизҳои зарурии иқтисодиёти ВАБК-ро мекашонд.

Отряди чандинҳазории роҳсозон ва истифодабарандагон ҳаракати муътадил ва бехатари автомобилҳоро дар роҳҳои ҷумҳурӣ таъмин мекарданд. Онҳо дар соли 1973 дар шароити душвори кӯҳсор нақшаи корҳои роҳсозиро 107 фоиз, таъмири асосии роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуриявиро 109 фоиз ва роҳҳои маҳаллиро 102 фоиз иҷро карданд.

Дар мақолаи Исмоилов А. омадааст:«Дар кори барҳам додани бероҳӣ ва ба вуҷуд овардани роҳҳои ҳозиразамони автомобилгард дар Тоҷикистон роҳсозони куҳнатарин А.Ф. Корейшо, В.Д. Карамов, Н.Н. Анисимов, И.П. Колчин, Н.Л. Моренов, М.И. Бартковский, И.Ф. Ефименко, Л.В. Жуковский, М.А. Иброҳимов, З. Кассиров, Р.Ф. Гайчман, П.Қ. Эшматов, Н.И. Бушуев, А.Б. Баҳриддинов, М.М. Мурзин, Ғ.Д. Домуллоҷонов, Ф.А. Савин ва бисёр дигарон бо меҳнати фидокоронаи худ саҳми калон гузоштанд» [132, с.56-62].

Ба истифода дода шудани роҳи оҳани Тирмиз - Ёвон воқеаи муҳимми панҷсолаи ҷорӣ дар шабакаи нақлиёти Тоҷикистон гардид. Вай мустақилона ба роҳҳои оҳани калони мамлакат баромадани қисми ҷанубу ғарбии ҷумҳуриро таъмин намуд.

Мақомотҳои роҳсозии ҷумҳурӣ бояд ҳар сол суръати сохтмони роҳҳои автомобилгарди бо масолеҳи сахт пӯшондашударо тақрибан 20 фоиз зиёд карда, инчунин сифати сохтмонро беҳтар ва арзиши онро арзон кунанд. Барои ин нақшаи генералии тараққиёти роҳҳои автомобилгард ва нақшаҳои пешбинишудаи сохтмону азнавсозии онҳо дар ҷумҳурӣ барои солҳои 1971-1975 ва 1976-1990 тартиб дода шуда буд.

Барои аз нав дуруст тақсим кардани ҷараёни боркашонӣ дар шуъбаҳои калони нақлиёт ва кам кардани ҳаракати нақлиёт дар кӯчаҳои шаҳрҳо дар атрофи шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод (ш. Хуҷанд), Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар), Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат) ва дигар маҳалҳои калони аҳолинишин роҳҳои ҳалқашакл сохта шуданд. Роҳҳои автомобилгарди

серҳаракати Душанбе – Ӯротеппа - Хавос, Душанбе - Тирмиз, дар доираи ҷумҳурӣ Ӯротеппа - Ленинобод (Хуҷанд) – Қизилқалъа - Айвоҷ, Лабиҷар – Ғарм - Ҷиргатол (Лахш), Панҷакент - Айнӣ ва ғайра аз нав сохта шуданд. Ҳамаи ин ба инкишофи комплекси территориявию истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон, пешравии минбаъдаи иқтисодӣ ва мадании ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонид.

Базаи истеҳсолии ташкилотҳои роҳсозӣ ва нақлиёт низ хеле тараққӣ кард. Корхонаҳои нави асфалту бетон, майдонҳои масолеҳи оҳану бетонӣ, автогаражҳо, истгоҳҳои хизмати техникӣ, корхонаи нави таъмири техникаи роҳ - «Ремдормаш» бунёд карда шуданд [132, с.56-62].

Ҳизб ва ҳукумат ба корнамоиҳои роҳсозон (с.1969) баҳои баланд доданд, 680 нафар роҳсозон бо ордену медалҳои ИҶШС, 2921 нафар бо Ифтихорномаҳои фахрӣ ва Ифтихорномаҳои Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардида, ба 24 нафар беҳтаринҳо номи фахрии «Роҳсози хизматнишондодаи ҷумҳурӣ» дода шуд [117].

Хусусан, дар ҷумҳурии мо, ки нақлиёти автомобилӣ нақши калон мебозад, ҳар як дермонӣ на танҳо сабаби вайрон шудани алоқаи байни корхонаю муассисаҳо, балки сабаби иҷро нагардидани нақшаҳои давлатӣ ҳам мешавад. Бинобар ин ҳизб ва ҳукумат ба боз ҳам тараққӣ додани нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии роҳ диққати доимӣ дода, онро яке аз соҳаҳои муҳим дар хоҷагии нақлиёти умумӣ медонад, ки на танҳо соҳаҳои дигари нақлиётро алоқаманд мегардонад, балки ба аҳаммияти мустақилона молик аст.

Ҳукумат ба боз ҳам ривоҷу равнақ додани сохтмон ва беҳтар намудани роҳҳои мавҷудаи автомобилгард диққати калон медод. Мувофиқи супориши КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ нақшаи генералии тараққиёти роҳҳои автомобилии ҷумҳурӣ барои солҳои 1971-1980 тартиб дода шуд, ки дар он дар баробари боз ҳам вусъат додани сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ, ба такмилу тараққӣ додани масолеҳи роҳмустаҳкамкунӣ - асфалту бетон диққати калон дода шуд [117].

Роҳҳои асосии автомобилгард то соли 1975 дорои фарши сахт гардида ва соли 1980 тамоми фаслҳои сол бефосила кушода шуданд.

Дар солҳои оянда суръати сохтмони роҳҳои сахтфарш пай дар пай афзуд. Ҳиссаи роҳҳои дорои аҳаммияти умумидавлатӣ ва ҷумҳуриявӣ 20-25 фоизро ташкил дод [134, с.50].

Мувофиқи қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС аз 5 августи соли 1968 «Дар бораи тараққиёти минбаъдаи роҳсозӣ дар ИҶШС» нақшаи генералии сохтмони роҳҳои Тоҷикистон барои солҳои 1976-1990 тартиб дода шуда буд, ки он дар соли 1990 назар ба соли 1970 якчанд баробар зиёд кардани боркашонии нақлиёти автомобилро дар назар дошт. Дар баробари ин, нақшаи перспективии вусъат додани шабакаи роҳҳои ҷумҳурӣ барои солҳои 1976-1980, 1981-1985 ва 1986-1990 пешбинӣ карда шуда буд. Ба амал бароварда шудани ин нақша вазифаи басо ҷиддӣ буд, харҷи зиёди воситаю маблағро талаб мекард.

Соли 1970 соли муваффақиятҳои азими панҷсола буд. Дар он сол тамоми муассисаю корхона аз нақша зиёд корро иҷро намуда, соҳиби муваффақиятҳои калон гардиданд. Минтақаи роҳтаъмиркунии №1, дар қишлоқи Чормағзак воқеъбуда низ ба комёбии калон ноил шуда, ба маблағи чандин ҳазор сӯмина корҳои таъмири роҳро иҷро кард [116].

Махсусан, ғайрати коргарон, булдозерчиён дар семоҳаи соли нави панҷсола дучандон буд. Дар мавсими зимистон тамоми қувваи коргарони минтақаи роҳтаъмиркунӣ барои он сафарбар карда шуда буд, ки ҳаракати бехатари нақлиётро дар роҳҳои Орҷоникидзеобод (ш. Ваҳдат), Ёвон ва Норак пурра таъмин намоянд. Дар давраи зимистон ҳиссаи грейдерчӣ К. Сангов, ронанда Ш. Қодиров ва булдозерчӣ Ф. Шириновро қайд кардан зарур мебошад. Онҳо ҳар кадом дар кори худ усто шудаанд, чунки бо техника муддати зиёде шудааст, ки сару кор доранд.

Коллективи коргарон уҳдадор шуда буданд, ки барои сазовор пешвоз гирифтани анҷумани XXIV ҲКИШ ба маблағи 10000 сӯмина корҳоро иҷро менамоянд, вале дар натиҷа 13000 сӯмина корҳоро иҷро карданд. Аз он

ҷумла, дар семоҳаи якум ба ҷои 3000 дона ниҳол 4200 дона ниҳоли тут ва қарағоч дар қад-қади роҳи мошингарди Ёвон шинонида шуд. Дар ниҳолшинонӣ ҳиссаи коргарони таҷрибанок А. Сангов, М. Акрамов, Ш. Иззатов, Р. Қодиров калон мебошад. Ҳар кадом коргарон дар мавсими ниҳолшинонӣ 400-450 бехи ниҳол шинониданд. Дар бобати бо қувваи техникӣ таъмин кардани коргарон ҳиссаи ронанда Т. Раҳимов ҷолиби диққат мебошад.

Роҳтаъмиркунони минтақа барои таъмир ва ба муқобили зарари офатҳои табиӣ тайёрии ҷиддӣ диданд. Ҷойҳои дар зимистон вайроншудаӣро таъмир карда, бо сангу қум ва бетон мустаҳкам намуданд. Ҷӯйборҳои ду тарафи роҳҳои автомобилгард аз лой тоза карда шуд. Дар ҷойҳои хавфноки роҳ ба масофаи 1000 метр плитаҳои бетонии мустаҳкам шинонда шуд, ки ин ба ҳаракати бехатарии нақлиёт ёрии калон мерасонд.

Дар квартали якум барои корҳои таъмири тобистонии роҳ ба ҷои реза намудани 5 ҳазор метри кубӣ шағал 5450 метри кубӣ шағал тайёр намуданд.

Инчунин, дар байни ронандагону коргарон, механизаторон сарфаю сариштакорӣ ҷои намоёнро ишғол менамуд. Нақшаи кориҷрокунии квартали дуюм низ ба зиммаи коргарон вазифаҳои калонтарро гузошт. Дар семоҳа коргарон ва коркунон ба маблағи 12000 сӯмина корҳоро иҷро карданд, ки албатта, ба мақсадашон ноил шуданд.

Дар мақолаи Анисимов Н. ва  Мамадризоев М. Чунин омадааст: «Дар барзиёд иҷро кардани корҳо ҳиссаи коргарону ронандагон рафиқон Г. Элбегнев, С. Ширинов, Г. Гулов, Д. Қодиров ва дигарон калон мебошад.Акнун тамоми қувваи мо ба он сафарбар карда шудааст, ки ҳамаи чораҳо ва қувваи захирашударо ба он сарф менамоем, ки қарорҳои анҷумани XXIV ҲКИШ-ро дар амал татбиқ намуда, ба он муваффақ гардем, ки нақшаҳои роҳсозию роҳтаъмиркуниро пеш аз муҳлат ба анҷом расонем» [116].

Роҳҳои ҷамъ ва паҳн кардани маълумотҳои илмию техникӣ бисёранд. Моҳи октябри соли 1974 дар Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи ИҶШС

намоишгоҳи НТИ-74 (Маълумотҳои илмию техникии соли 1974) ташкил карда шуда буд. Дар ин намоишгоҳ оид ба усулҳои пешқадами кори соҳа паҳн кардани маълумотҳои илмию техникӣ нишон дода шуда буд. Намоиши доимии иттиҳодияи «Укроргнақлиёт»-и Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Украина диққати тамошобинонро ба худ ҷалб намуд. Тамошобинон бо ташкили кори ихтироъкорӣ ва ратсионализаторӣ дар корхонаҳои якхела ва бо тарзи ҷамъ кардани ихтироот ва таклифҳои ратсионализаторӣ, таблиғот ва ҷорӣ намудани онҳо дар истеҳсолот шинос шуданд.

Аз болои дарёҳои пурталотум кӯпрукҳои оҳану бетонӣ ва металлии мустаҳкам кашида шудаанд. Дар соли 1974 дар ҷумҳурӣ ба масофаи 13 ҳазор км роҳҳои автомобилгард сохта шуд, ки қариб 8 ҳазор километри он фарши мустаҳкам дошт. Зичии шабакаи роҳҳо дар ҷумҳурӣ ба ҳар ҳазор км-и мураббаъ то 91 км расонда шудааст, ин назар ба нишондиҳандаи миёнаи мамлакат баланд мебошад. Муваффақиятҳои сохтмони роҳу нақлиёти Тоҷикистон хеле калонанд. Онҳо минбаъд ҳам афзун хоҳанд шуд. Нақшаи панҷсолаи ҷории (с.1971-1975) тараққиёти хоҷагии халқ барои ҳаёти иқтисодӣ ва мадании ҷумҳурӣ пешомадҳои бузург мекушояд. Дар он ба пешрафти минбаъдаи нақлиёт, ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимтарини мутараққии ҷумҳурӣ, диққати махсус дода шуд [134, с.56].

Дар панҷсола (с.1971-1975) дар ҷумҳурӣ сохтмони 462 км роҳи дорои аҳаммияти умумииттифоқӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Кори вусъат додани хоҷагии роҳ дар оянда бо ба ҳисоб гирифтани талаботи афзояндаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба амал бароварда мешавад [134, с.56].

Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қайд мекунад, ки меҳнаткашони ҷумҳурӣ қарорҳои анҷумани XXV ҲКИШ ва анҷумани XVIII Ҳизби Коммунистии Тоҷикистонро ба ҳаёт татбиқ намуда, мусобиқаи сотсиалистиро барои пеш аз муҳлат иҷро кардани нақшаи панҷсолаи даҳум ҳарҷониба вусъат дода, барномаи хоҷагии халқро барои ду солиояндаи панҷсола бомуваффақият ба иҷро расониданд [43]. Дар нимсолаи якуми соли 1978 афзоиши маҳсулоти саноат 4,6 фоизро ташкил кард. Назар ба соли

гузашта (с.1977) ба давлат чорво, шир, пашм ва дигар маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бештар фурӯхта шуд. Меҳнаткашони ҷумҳурӣ аз қарорҳои Пленуми июлии (соли 1978) КМ ҲКИШ руҳбаланд гардида, барои бомуваффақият иҷро намудани уҳдадориҳои сотсиалистии соли сеюми (с.1979) панҷсолаи даҳум (с.1976-1980) фидокорона мубориза бурда истодаанд.

Дар китоби «Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г.» нашри соли 1961 чунин қайд шудааст: «Ронандаи мошини боркаши базаи автомобилии рақами 21-и шаҳри Қӯрғонтеппа Мусулмон Ғоибов хислатҳои хуби инсонӣ дорад. Вай дар ободонии бисёр ҷойҳо саҳм гузошта, ҳамеша дар хизмати халқ аст. Вай зарбдори панҷсолаи ёздаҳум мебошад» [79, с.15].

Дар иҷрои муваффақиятноки вазифаҳои актуалии хоҷагии халқ, ки анҷумани XXV ҲКИШ ба миён гузоштааст, нақши нақлиёт хеле калон мебошад, ки он талаботи хоҷагии халқ ва аҳолиро дар боркашонӣ бояд пурра ва сари вақт қонеъ гардонад, бору мусофиркашониро дар асоси ба таври куллӣ зиёд намудани иқтидор ва сифати кори тамоми шабакаи нақлиёт, инчунин беҳтар кардани алоқаи нақлиётии байни ноҳияҳои иқтисодӣ таъмин намояд.

Мувофиқи ҳамин талабот дар нақшаи панҷсолаи даҳум пешбинӣ шудааст, ки барои тараққиёти минбаъдаи хоҷагии роҳҳо ва нақлиёти автомобилӣ 122 миллион сӯм сарф карда, 275 километр роҳи сангфарш ба истифода дода шавад. Пешбинӣ шудааст, ки муомилоти мусофиркашонӣ бо автобусҳои истифодаи умумӣ дар панҷсолаи даҳум 33 фоиз зиёд карда шавад.

Дар ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳӣ, автобусҳо мунтазам ҳаракат карда, марказҳои ноҳияҳоро бо маҳалҳои аҳолинишини гирду атроф алоқаманд мекарданд. Ҳар сол шумораи хатсайрҳои нави нақлиёти пасажиркашонӣ ва миқдори мошинҳо дар роҳҳо афзун мегардид.

Ҳар сол зиёда аз 1 миллион метри мураббаъ кӯчаю гузаргоҳҳои шаҳрҳо обод гардонида, 700-800 гектар хиёбонҳо ва кабудизорҳо бунёд карда,

бештар аз 100 кӯпруки пиёдагард ва автомобилгард, гузаргоҳҳои нави зеризаминӣ сохта шуда ва дигар тадбирҳои ободонии шаҳр андешида мешуданд.

Бо вуҷуди ин дар кори сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳои автомобилгард, инчунин дар кори ҳизматрасонии нақлиёт ба аҳолӣ ҳанӯз камбудиҳо буданд.

Нақшаи сохтмони асосӣ, азнавсозӣ, таъмир ва ободонии роҳҳои автомобилгард сол аз сол иҷро намешуд. Маблағҳое, ки барои ин мақсад ҷудо карда гардида буданд, пурра аз худ карда намешуданд.

Ба масъалаи кабудизор кардани роҳҳо, ки барои пешгирӣ намудани ифлосшавии ҳаво аҳаммияти калон доршт, диққати даркорӣ дода намешуд. Дар ноҳияҳои Вахш, Ҳисор, Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ), Қумсангир (ҳоло н. Ҷайҳун), Орҷоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат), Панҷакент, Панҷ ва дигар ноҳияҳо ҳодисаҳои буридани дарахтони қади роҳ ҷой доштанд.

Дар як қатор ноҳияҳо колхозу совхозҳо, корхонаю ташкилотҳои хоҷагии об қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард ва муҳофизати онҳоро вайрон мекарданд. Комиҷроияҳои Шуроҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ барои роҳ надодан ба чунин ҳодисаҳо чораҳои зарурӣ намедиданд.

Бисёр Комиҷроияҳои Шуроҳои ноҳиявии депутатҳои халқӣ ба ташкилотҳои роҳсозӣ дар сохтани роҳҳои маҳаллӣ ёрии зарурӣ мерасонданд. Вале комиҷроияҳои ноҳияҳои Нов, Ҳуҷанд, Зафаробод, Ҷиликӯл, Ёвон, Москва (н. Ҳамадонӣ) ва Фархор чунин ёрӣ намерасонданд. Комиҷроияҳои Шуроҳои вилоятии депутатҳои халқӣ ба тараққиёти минбаъдаи шабакаи роҳҳои маҳаллӣ, инчунин роҳҳои колхозу совхозҳо кам диққат медоданд. Бисёр роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта - роҳҳои дохилихоҷагӣ ва роҳҳои ба маркази колхозу совхозҳо, корхонаҳо мебурдагӣ, инчунин роҳҳое, ки қишлоқҳои ҷудогонаро бо марказҳои хоҷагиҳо мепайвастанд, дар ҳолати бади техникӣ буданд. Комиҷроияҳои Шуроҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ ба корхонаю ташкилотҳо, колхозу

совхозҳо дар бобати нигоҳубини ин роҳҳои автомобилгард талаботи зарурӣ пешниҳод намекарданд.

Комиҷроияҳои Шуроҳои маҳаллӣ ҳанӯз ҳам ба масъалаи ободонии шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо, хусусан сохтмон ва азнавсозии роҳҳои шаҳрҳо ва роҳҳои ҳамшафат ба қадри кифоя диққат намедоданд ва аз имкониятҳои буҷетҳои маҳаллӣ барои ин мақсадҳо пурра истифода намебуранд. Баъзан ин корҳо бе ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ ба ҷо оварда мешуданд, ки боиси пастсифат иҷро шудани онҳо мегардид [43].

Ба андешаи Нақиб Саид: «Дар охири солҳои 70-уми қарни XX дар Тоҷикистон 13500 км роҳҳои бо рӯпӯши сахт ва беҳтаршуда мавҷуд буд. Суръати баланди афзоиши роҳҳои автомобилгарди рӯпӯши сахт то 8,5 ҳазор км ва то соли 1980 то 9 ҳазор км пешбинӣ карда шуд» [78, с.132].

Нақшаи солонаи кашондани бори хоҷагии халқ, умуман дар соҳаи вазорат, дар соли 1978 102,6 фоиз ва дар вилояти Қӯрғонтеппа 101,3 фоиз иҷро гардид, супориши нақша аз рӯи ҳаҷми мусофиркашонӣ дар ҷумҳурӣ 2,2 фоиз ва дар вилояти Қӯрғонтеппа 1,8 фоиз барзиёд ба ҷо оварда шуд [125, с.10].

Соли 1979 коркунони нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии роҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Қӯрғонтеппа уҳдадориҳои баланд қабул карданд. Ҳаминро гуфтан кифоя аст, ки дар нақша 1,4 фоиз зиёд кардани боркашонӣ ва 4,5 фоиз зиёд намудани мусофиркашонӣ пешбинӣ мешуд. Ҳаҷми калони корҳои роҳсозӣ, бинокорӣ ва роҳтаъмиркуниро иҷро кардан зарур омад [125, с.12].

Дар солҳои охири панҷсолаи даҳум Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо, монанди ҳамаи вазоратҳои ҷумҳурӣ, оид ба масъалаҳои гуногуни вобаста бо фаъолияти хоҷагиҳои нақлиёти автомобилӣ бисёр маълумотҳои илмию техникӣ гирифт [170].

Дар баробари маъхазҳои дигар намоишгоҳҳо, хусусан Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи ИҶШС, инчунин маҷлисҳои машваратии ҷумҳурӣ, ки бо ташаббуси вазоратҳои якхелаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва Раёсати марказии ҷамъияти илмию техникии автомобилронҳо ва роҳсозҳо

гузаронида мешаванд, фоидаи хубе буда, ин маълумотҳоро пурра таҳлил карда, ҳамаи он чиро, ки фоидабахш ва қобили қабул аст, барои ҷорӣ намудан дар хоҷагиҳои нақлиёти автомобилии ҷумҳуриамон тавсия медоданд.

Ҳамин тавр, масъалаи беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1965 – 1979 вазифаҳои нави меҳнатиро тақозо менамуд. Муайян гардид, ки минтақаҳои роҳсозӣ-истифодабарӣ ҳоло бо механизмҳо мусаллаҳ буда, вазифаи муайянро ба ҷо меоварданд, супоришҳои роҳсозию таъмиркуниро дар сари вақт иҷро мекарданд.

**Хулосаи боби дуюм**

Ҳамин тавр, масъалаҳои модернизатсияи хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нави минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлонро дар солҳои 50-70-уми асри XX мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Дар ҳоли кишвари мо, ки роҳҳои оҳан ниҳоят кам аст, таваҷҷуҳ ба роҳҳои нақлиётӣ бештар мебошад, чунки аз ин пешравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобастагии калон дорад. Бинобар он барои пешравии соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат соҳиби роҳҳои хуб будан шарти заруриро дорост. Яке аз мақсадҳои Ҳукумати кишвар доимо инкишоф додани роҳҳои нақлиётии кишвар ба шумор рафта, ҳамасола барои ин маблағҳои муайян ҷудо карда мешуданд.

2. Бояд қайд намуд, ки корҳое, ки дар ин давра анҷом дода шуданд, натиҷаҳои назаррас ва муфидро ба бор оварданд. Агар мо ба ин масоил амиқтар нигоҳ кунем, як чизи хеле возеҳ ва бармало барои мо равшан мешавад, ки ин масъалагузорӣ ва нақшакашии он солҳо буд, ки он сабаби ба пешравию ободонӣ мегардид.

3. Бояд гуфт, ки яке аз вазифаҳои асосии роҳсозони ҷумҳурӣ, ин на танҳобарқарор кардани роҳҳои харобшуда, балки аввали сохтмону таъмири

роҳҳои нақлиётӣ ва сохтмони иншоотҳои сунъӣ, ташкили дурусти истифода, таъмир, такмил ва ободонии роҳҳо буд. Тараққӣ ёфтани хоҷагии халқ боиси он гардид, ки роҳҳои нақлиётии ҷумҳурӣ беҳтар карда шавад.

4. Дар баробари сохта шудани роҳҳои хуби мошингард нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ низ хеле тез тараққӣ кард. Ягон соҳаи хоҷагии халқи ҷумҳуриро ба худ тасаввур кардан мумкин нест, ки аз хизмати роҳу нақлиёти автомобилӣ истифода намебурд. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳар як вайроншавии роҳу нақлиёт ба аҳолӣ зарари калон мерасонид.

5. Дар ҷумҳурӣ шабакаи васеи роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд оварда шуд, ки онҳо тамоми шаҳрҳо, марказҳон ноҳияҳо ва маҳалҳои калони аҳолинишинро бо пойтахти ҷумҳурӣ пайваст мекунанд.

6. Бояд гуфт, ки барои сохтмони роҳҳои нав ва такмил додани роҳҳои мавҷудаи автомобилгард, ки алоқаи устувори байни маркази ноҳияҳо, колхозу совхозҳо ва роҳҳои асосиро таъмии мекунанд, кори зиёде анҷом дода шуд. Ҳолати техникии роҳҳо беҳтар ва қобилияти борбардории иишоотҳои сунъӣ зиёдтар шуд.

# БОБИ III. АҲАММИЯТИ ТАЪРИХИИ СОХТМОНИ РОҲҲО ДАР МИНТАҚАИ ҚӮРҒОНТЕППАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои 1980 – 1990

Дар ҷумҳурӣ ба сохтмони роҳҳо асосан аз солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ шуруъ карда шуд. Роҳсозӣ дар шароити кӯҳии ҷумҳурӣ хеле душвор буда, солҳои аввал қариб нисфи маблағҳои барои хоҷагии халқ ҷудокардашуда ба он сарф карда мешуд (соли 1982, ҳамагӣ 10 фоиз)

«Ҷумҳурӣ дар давраи мавриди назар дорои 13,2 ҳазор км роҳи автомобилӣ, 903 км роҳи оҳан (аз ҷумла 429 км роҳи оҳани камбар), 200 км роҳи дарёӣ ва бештар аз 5 ҳазор км роҳҳои дохилии ҳавоӣ мебошад. Дарозии умумии роҳҳои нақлиётӣ ба 20 ҳазор км ва ҳаҷми умумии боркашонӣ ба 3435 миллион тонна км мерасад. Дар дохили ҷумҳурӣ нақши асосиро нақлиёти автомобилӣ мебозад ва ҳар сол зиёда аз 70 миллион тонна бор ва 345 миллион нафар мусофир мекашонад»[148, с.38-39].

Роҳҳои нақлиётӣ (бе нақлиёти ҳавоӣ ва обӣ) дар дохили ҷумҳурӣ мувофиқи минтақаҳои алоҳида нобаробар тақсим шудаанд, ки онро аз ҷадвали 2 дидан мумкин аст:

**Ҷадвали 2. - Роҳҳои нақлиётӣ (бе нақлиёти ҳавоӣ ва обӣ) дар дохили ҷумҳурӣ мувофиқи минтақаҳои алоҳида**

| Минтақаҳо | Қаламрави минтақа (ҳаз. км мураббаъ) | Дарозии умумии роҳҳо (км) | Зичии роҳҳо ба 1 км мураббаъ (км) |
|---|---|---|---|
| Шимолӣ | 17,1 | 3255 | 0,20 |
| Зарафшон | 8,8 | 620 | 0,08 |
| Ҳисор | 11,9 | 2140 | 0,18 |
| Вахш | 11,4 | 2700 | 0,24 |
| Кӯлоб | 12,9 | 2500 | 0,19 |
| Ғарм | 17,1 | 740 | 0,05 |
| ВМКБ | 63,9 | 2350 | 0,04 |
| Ҳамагӣ: | 143,1 | 14305 | 0,10 |

Ғайр аз ин, ҳанӯз сифати роҳҳои ҷумҳурӣ хеле паст буда, қариб 40 фоизи он асфалтпӯш нашудааст. Роҳҳои автомобилгарди дараҷаи I ва II тамоман нест ва дараҷаи III ва IV бошад, хеле кам аст. Усули марказонидашудаи боркашонӣ ҳанӯз кам ба кор бурда мешавад.

Дар қарорҳои анҷумани XXVI ҲКИШ ва анҷумани XIX ҲК Тоҷикистон минбаъд ҳам тараққӣ додани ҳамаи намудҳои нақлиёт, зиёд кардани самара ва беҳтар намудани сифати кори онҳо вазифаи муҳим шуморида шудааст.

Дар панҷсолаи ёздаҳум (с.1986-1990) бошад, ба тараққӣ додани ҳамаи намудҳои нақлиёт, хусусан нақлиёти автомобилӣ, эътибори калон дода мешавад. Пешбинӣ шудааст, ки дар Душанбе базаи нави таксомоторӣ, дар ш. Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) корхонаи нақлиёти мусофиркашонӣ, дар ш. Ленинобод автовокзали нав ва дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб якчанд истгоҳи нақлиётӣ сохта шавад [148, с.38-39].

Бояд иброз намуд, ки сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа дорои хусусиятҳои хос буд. Яке аз ин хусусиятҳо гузариши Тоҷикистон аз форматсияи ҷамъиятии нимфеодалӣ ба сотсиализм, бе капитализм буд.

Дигар хусусиятҳои сохтмону таъмири роҳҳои нақлиётӣ ин омили ҷуғрофӣ, аз ҷумла бо релефи кӯҳии қаламрав алоқаманд буд.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз хусусиятҳои хоси таъсиси роҳҳои нақлиёти Тоҷикистон, ин ёрии ҳаматарафаи халқҳои ИҶШС дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла дар таъмиру сохтмони роҳҳои ҷумҳурӣ, мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки дар сохтмону таъмири роҳҳои нақлиёти ҷумҳурӣ қадамҳои аввалинро мутахассисони Русия, Украина, Белоруссия ва дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла марказҳои илмӣ, гузошта буданд.

Як чизи дигарро бояд хотиррасон намуд, ки махсусан ёрии ҳаматарафаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ буданд, ки таъмиру сохтмони роҳҳои нақлиётии Тоҷикистон рушд намуда, устувор гардид. Чунки маблағгузории сохтмони роҳҳои кишвар аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ буданд,

зеро буҷаи Тоҷикистон ягон маблағ надошта, дар давоми якчанд сол норасоӣ дошт [69, с.123].

Яке аз сабабҳои бо кадрҳои зарурии кормандони муҳандисӣ-техникӣ ва коргарони баландихтисос таъмин гардидани сохтмонҳои роҳҳои нақлиёти ҷумҳурӣ он буд, ки ҷумҳуриҳои иттифоқӣ беҳтарин кадрҳои соҳаи роҳсозиро ба Тоҷикистон фиристониданд. Ин кадрҳои роҳсози баландихтисос дар навбати худ кадрҳои маҳаллии роҳсозро омода намуданд. Аз ҷумла, кадрҳои маҳаллии тоҷик барои гирифтани таҷрибаи корӣ ба дигар кишварҳои иттифоқӣ равон карда мешуданд.

Махсусан, бо дастгирию кумаки беандозаи моддию маънавии тамоми халқҳои собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ ба халқи тоҷик боиси он гардид, ки Тоҷикистон ба комёбиҳои беназири иқтисодӣ ноил гардад.

Бояд иброз намуд, ки агар дар даврони капиталистӣ бо мақсади ворид шудани сармоя ба минтақаҳои дорои захираҳои бойи табиӣ ва қувваи кории арзон роҳсозӣ сурат гирад, пас дар даврони сотсиализм роҳсозӣ бо мақсади рушди соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ба анҷом мерасид. Ҳамин тавр, ба таърихи сохтмону роҳҳои нақлиёти Тоҷикистон ин мақсад мувофиқ аст.

Рушди босуръати таъмиру сохтмони роҳҳои кишвар боис гардид, ки бо дуртарин мавзеъҳо ва минтақаҳои душворгузари кӯҳии ҷумҳурии аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта рафта расиданд. Ҳадафи сохтмону таъмири роҳҳои ин минтақа боиси ҷалб гардидани ин ноҳияҳо ба ҷараёни умумии ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Тараққӣ ёфтани сохтмону таъмири роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа боиси он гардид, ки вазъи иқтисодии минтақа боло рафта, зисту зиндагонии аҳолӣ беҳтару хубтар гардад. Албатта, ин аз шароити табиӣ ва иқлими маҳаллӣ вобастагии калон дошт. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологии минтақаи Қӯрғонтеппа боло рафта, истифодаи васеи намудҳои гузариш ва содашудаи роҳҳо амалӣ гардад [52, с.16].

Яке аз хусусиятҳои нақлиётии Тоҷикистон, ки пеш аз ҳама, барои ноҳияҳои баландкӯҳои он хос аст, инчунин, дар муддати тулонӣ якҷоя кардани воситаҳои муосири нақлиёт (тайёра, автомобил) бо воситаҳои хеле қафомонда (боркаш, асп ва ғайра) буд.

Дар ин давра тамоми ниҳодҳои кишвар як вазифа доштанд, ки иқтисоди бар асари ҷанг зарардидаро барқарор кунанд. Маҳсулоти саноатӣ дар соли 1950 бояд аз сатҳи соли 1940 48 фоиз зиёд гардида, маҳсулоти кишоварзӣ бошад аз сатҳи соли 1940 27 фоиз зиёд буд [93, с.170; 69, с.125]. Мо хуб медонем, ки замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) тамоми иқтисоди кишварро ба самти мудофиа ва кумак ба фронт равона карда будем, акнун лозим буд, ки масири онро тағйир дода, онро ба самти осоишта равона кунем. Ва дар ин масир шуруъ аз соли 1946 тамоми тадбирҳои лозима дар сатҳи ҷумҳурӣ ва кишвари абарқудрати ИҶШС нав мегардиданд. Мо дар кишварҳои шарқӣ як одати хуб ва бобоӣ ва суннатӣ дорем, ки онро ҳашар мегӯянд ва бисёри корҳоро тоҷикон аз қадим бо ин тарз, яъне дастаҷамъона ва ройгон, иҷро мекарданд. Барои мисол, дар солҳои баъдиҷангӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа бо кумаки колхозчиёни колхозҳои Ворошиловобод, Айвоҷ ва Меҳнатобод 400 км роҳҳои автомобилӣ таъмир карда шуданд.

Кормандони нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ, мисли меҳнаткашони тамоми мамлакатамон, дар шароити руҳбаландии бузурги фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ ва меҳнатии ба амал овардани қарорҳои Пленуми майи (с. 1982) КМ ҲКИШ бо меҳнати фидокорона ба иҷрои қарорҳои анҷумани XXVI ҳизб саҳми арзанда гузошта, саъю кӯшиш доштанд, воқеаи барҷастаи ҳаёти халқи Шуравӣ - 60-солагии ташкил ёфтани ИҶШС-ро сазовор пешвоз гиранд.

Дар лоиҳаи КМ ҲКИШ ба анҷумани XXVI ҳизб зарурати минбаъд ҳам беҳтар намудан ва зиёд кардани роҳҳои автомобилгард таъкид карда, чунин гуфта шуда буд, ки инкишофи босуръати шабакаи асосии роҳҳои магистралии автомобилгард пешбинӣ карда шавад. Сохтмони роҳҳои

автомобилгарди қишлоқ ва дар навбати аввал, сохтмони роҳҳое, ки марказҳои ноҳияҳо, работҳои маркази колхозу совхозҳоро бо роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум пайваст менамоянд, вусъат дода шавад. Сифати сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳо беҳтар карда, ба баланд шудани дараҷаи бехатарии ҳаракат диққати махсус дода шавад [168].

Фақат дар панҷсолаи даҳум парки автомобилҳои истифодаи умумӣ бештар аз 12 фоиз, ҳаҷми умумии борбардории автомобилҳои боркаш 16 фоиз, парки нақлиёти мусофиркашонӣ бошад, сеяк афзуд. Ҳоло дар шабакаи вазорат 45 муассисаи калони автомобилӣ, инчунин чор корхонаи таъмири автомобилҳо кор мекунанд [130, с.6-9].

Дар ҷумҳурӣ, амалан, ягон корхона, ташкилот ва муассисае набуд, ки аз хизмати нақлиёти автомобилӣ истифода набарад. Вай бо роҳҳои дохили ҷумҳурӣ қариб 90 фоизи борҳоро мекашонд. Ҳамагӣ се сол буд, ки вазорат хизмати нақлиётию экспедитсионии аҳолиро ба ҷо меовард, вале аллакай вай то 30 навъи хизматро мерасонд.

Фақат дар давоми нуҳ моҳи соли 1981 барои тараққиёти нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ 13,4 миллион сум сарф карда шудааст. Умуман, дар панҷсолаи ёздаҳум ба ин мақсад 90 миллион сӯм, аз ҷумла барои корҳои сохтмону васлкунӣ 11 миллион сӯм равона карда шудааст.

Дар мусобиқаи меҳнати бештар аз 3,5 ҳазор нафар ронандагон иштирок доштанд. Ҳар сеюмини онҳо то таъмир бо мошинҳояшон 300-500 ҳазор километр роҳро тай намуда, уҳдадории дар ин бобат ба зимма гирифтаашонро иҷро намуданд.

Ба воситаи контейнерҳо кашондани борҳои хоҷагии халқро вусъат дода, муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамони боркунию борфарорӣ, анборҳо, алоқаи радиотелевизионӣ ва нақлиёти технологӣ таъмин карда мешуданд. Дар нақша ва идоракунин боркашонӣ техникаи ҳисоббарор торафт бештар кор фармуда мешуд. Ба туфайли ин, дар бораи кори нақлиёт ҳар рӯз ахбороти зарурӣ ба даст мерасид. Нақшаи комплексии таҳлили фаъолияти истеҳсолию хоҷагии муассисаҳо ба вуҷуд

оварда шуда буд. Шабакаи ба воситаи мошинҳои электронии ҳисоббарор таҳлил намудани сарфи сӯзишворӣ ҷорӣ карда шуд.

Маълум аст, ки нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ яке аз истеъмолкунандагони асосии сӯзишворӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, ба муносибати афзудани парки автомобилӣ талабот ба сӯзишворӣ сол аз сол зиёд мешуд. Бинобар ин оқилона сарф кардани он вазифаи муҳимтарини хоҷагии халқ буд. Аз ин ҷост, ки дар ҳаракат барои сарфаю сариштакорӣ аъзоёни ҳамаи коллективҳои муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ронанда, таъмиркунандаи дастгоҳи сӯзишворӣ сар карда, то мутахассис ва роҳбари хоҷагӣ фаъолона иштирок мекарданд. Таҷрибаи беҳтаринҳо васеъ паҳн карда мешавад. Дар муассисаи нақлиёти автомобилии №1-и шаҳри Душанбе Қаҳрамони меҳнат М. Содиқов, ронандагон Э. Реннерт ва Қ. Абдураҳмонов аз аввали сол 1200 литрӣ бензинро сарфа карданд ва ният доштанд, то охири сол микдори сӯзишвории сарфашударо ба 2000 литрӣ расонанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, қайд кардан лозим аст, ки дар соҳаи вазорат захираҳои мавҷудаи зиёд кардани самараи истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати кори нақлиёти автомобилӣ ҳанӯз пурра истифода бурда намешуд. Таҷрибаи пешқадам бояду шояд татбиқ намегардид. Мошинҳо барои бор кардану фаровардани бор аз меъёр зиёд меистоданд, ҳодисаҳои бе бор ҳаракат кардани нақлиёти автомобилӣ барҳам дода нашуда буд. Дар кори нақлиёти мусофиркаш низ камбудиҳои зиёде ҷой доштанд. Дар корхонаҳои таъмирии вазорат на ҳамеша сифати баланди таъмири мошинҳо таъмин карда мешуд.

Коркунони нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ барҳам додани ин камбудиҳо, таъмин кардани кори хуби ҳамаи муассисаҳои нақлиётро вазифаи асосии худ мешумориданд. Онҳо ҷидду ҷаҳд доштанд, супоришҳои нақша ва уҳдадориҳои барои соли дуюм ва умуман панҷсола қабулкардаашонро бомуваффақият иҷро намоянд.

Дар рӯзҳои аввали ҷанг беҳтарин кадрҳои кормандони муҳандисӣ ва техникӣ ва механизаторҳо, коргарони роҳ ба фронт рафтанд. Дар байни

онҳо И.Т. Рогозний - сардори шоҳроҳи №1, Б.Д. Трифанкин - сардори шуъбаи роҳҳои маҳаллӣ, М.Т. Филиппов сармеханики Главдорупра, Т.С. Данилов - сармуҳосиб, С.Д. Врансев - сармуҳандиси шуъбаи лоиҳавӣ, Н. Ермолин - сармуҳандиси шуъбаи лоиҳавӣ, А.И. Локтаев - сармуҳандиси шуъбаи вилоятии Қӯрғонтеппа, Л.В. Жуковский - сардори ДЭУ Қӯрғонтеппа, В.П. Гризлов - сармуҳандиси шоҳроҳи №3 ва бисёр дигарон буданд. Кормандони хоҷагии роҳи Тоҷикистон дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мубориза бо душмани нафратовар ҷасорату мардонагии беғаразона нишон доданд. Бисёре аз онҳо бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд [78, с.77].

Колхозчиёни ноҳияи Ёвон корҳои таъмириро дар роҳи Ёвон - Обиикиик ба анҷом расониданд, ки дар он 300 нафар кор мекарданд. Колхози пешрафтаи ноҳия - колхози ба номи Карл Маркс барои таъмири қитъаи роҳи ба колхозҳо таъиншуда 97 нафар колхозчиён ва нақлиёти боркашро бо шумораи 60 маркаб фиристод. Дар муддати кӯтоҳ 24 км роҳ таъмир карда шуд. Дар навбат бошад таъмири роҳи Ёвон - Чормағзак буд.

Солҳои 1980-1990 сохтмони роҳҳои бо асфалту бетон пӯшонидашуда рушд ёфт, ки катокҳо истифода мегардиданд. Инчунин, ҳамчун пайвасткунандаи органикӣ на нафти хом, балки битумҳои роҳҳои часпак ва моеъ истифода мешуданд, ки ба беҳтар кардани сифат, қобилияти борбардорӣ ва муҳлати истифодаи пӯшокиҳо то таъмири асосӣ имкон дод.

Масофаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ то 1 январи соли 1960 8900 км, аз он 2980 км бо пӯшиши сахт, аз ҷумла 1305 км бо нафт коркардшуда буд.

Ҳамин тариқ, механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои ҳаштодуми асри бист боиси пешравии иқтисодии кишвар гардид. Чӣ хеле ки маълум аст, нақлиёти автомобилӣ дар кишвар истеъмолкунандаи сӯзишворӣ аст. Бинобар он, зарур аст, ки ба сарфаю сариштакории сӯзишворӣ аҳаммияти махсус дода шавад.

## 3.2. Аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии азнавсозии роҳҳои нав дар минтақа

Назруллоев С., Назруллоев А. дар китоби хеш бо номи «Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917-2013 гг.)» чунин қайд кардаанд: «Механизмҳои роҳ ва воситаҳои нақлиёт, ки дар нуқтаҳои таъмири роҳҳо мутамарказ шуда буданд, имконият медоданд, ки корҳои асосии таъмири роҳҳоро зуд иҷро кунанд. Дар соли 1973 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 39 нуқтаи таъмири роҳҳо мавҷуд буд» [77, с.130].

Марҳилаи охирини хусусияти инқилобӣ асосан, бо сохтмони роҳи оҳани нави Тирмиз – Қӯрғонтеппа – Ёвон вазъро ба куллӣ тағйир додааст. Фарзияи рушди марҳилаи нақлиёт ҳам барои таҳлили иқтисодии давраи қаблӣ ва ҳам барои сохтани пешгӯиҳои боэътимоди оянда аҳаммияти асосӣ дорад.

Дар ин робита дар нигоштаи Бронштейн Я. Т. чунин омадааст: «Дар солҳои 80-ум системаи нақлиётии Тоҷикистон 470 км роҳи оҳани магистралӣ, 420 км роҳи оҳани тангкамар, 407 км роҳи оҳани даромадгоҳ, 11,4 ҳазор км роҳи автомобилгарди истифодаи умумӣ бо пӯшиши сахт, 73,7 ҳазор км хатҳои ҳавоӣ (аз ҷумла 68,9 ҳазор км аҳаммияти иттифоқӣ) - ро дар бар мегирифт. Бо вуҷуди муваффақиятҳои назаррас дар рушди системаи нақлиётии ҷумҳурӣ камбудиҳои ҷиддии зиёд щастанд, ки самаранокии фаъолияти худи соҳаи нақлиётро коста мегардонанд» [125, с.43-49].

«Бештар аз шаст коллективи автомобилчиён ва роҳсозон ташаббуси «Ба панҷсолаи самаранокӣ ва сифат - кафолати коргарӣ»-и москвагиҳоро дастгирӣ намуданд, садҳо нафар зарбдорони панҷсола аз рӯи тақвими «шахсии» меҳнатӣ ба ҳисоби солҳои 1980-1981 кор мекарданд» [114-145]. Ташаббуси ватандӯстонаи ронандагони пешқадами иттиҳодияи «Главмосавтотранс» дар бобати мубориза бурдан барои ба 350 ҳазор километр расондани ҳаракати бетаъмири автомобилҳои боркаш дар ҷумҳурӣ паҳн гардид.

Бояд қайд намуд, ки нақлиётчиёни вилояти Қӯрғонтеппа дар масъалаи ба ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ пеш аз муҳлат кашондани бори хоҷагии халқ пешсаф буданд. Ва бояд қайд намуд, ки ҳар сол барзиёд иҷро намудани супоришҳои нақша аз рӯи ин нишондиҳанда анъанаи нек шуда буд. Соли 1981 бо нақлиёти автомобилӣ ба маҳалҳои кӯҳсор бештар аз 13 ҳазор тонна бор ва молҳои гуногун кашонда шуд, ки ин назар ба супориш 4,1 фоиз зиёд буд.

Намояндагони кишвар дар «сохтмони аср» - коргарону хизматчиёни «ТоҷикстройБАМ» аз ҷумлаи коллективҳое буданд, ки супоришҳои панҷсоларо бомуваффақият иҷро менамуданд.

Таҷрибаи мусбатеро, ки коркунони нақлиёти ҷумҳурӣ дар рафти мусобиқа ҳосил кардаанд, маълум намуд, ки на ҳамаи захираҳо ба кор андохта шудаанд, дар давоми се соли панҷсолаи даҳум на ҳамаи нуқтаҳои барномаи истеҳсолӣ бомуваффақият иҷро карда шудаанд. Масалан, дар соли 1978 супориши нақша аз рӯи гардиши бор 4 фоиз кам иҷро шуд. 11 хоҷагии автомобилии вазорати нақлиёт дар байни хоҷагиҳои қафомонда буданд. Албатта, барои иҷро нашудани супоришҳои нақша ба ягон сабабҳои «объективӣ» истинод кардан мумкин нест. Сабаби ин, дар навбати аввал, кори ғайриқаноатбахши як қатор хоҷагиҳои автомобилӣ, мустаҳкам набудани интизоми меҳнат ва технология, бояду шояд ривоҷ наёфтани мусобиқа буд.

Кори корхонаҳои автомобилтаъмиркунии вазорати нақлиёт ҳанӯз танқид карда мешуд, ки ин комилан одилона буд. Онҳо нақшаи таъмири асосии автомобилҳо, двигателҳо, агрегатҳоро мунтазам иҷро намекарданд.

Барои сарфаи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, ҳалли масъалаҳои ҷорӣ намудани техникаи нав ва таклифҳои ратсионализаторӣ ҳанӯз на ҳамаи корҳо иҷро мешуданд. Масалан, дар ширкати автомобилии Душанбе ва дар Раёсати нақлиёти автомобилии Қӯрғонтеппа фактҳои бемасъулиятӣ нисбат ба сарфи бензин ошкор карда шуда буд. Муқаррар намудани режими қатъии сарфакорӣ, зери назорат гирифтани сарфи бензин ва сӯзишвории дизелӣ

захираи муҳими зиёд кардани самараи кор мебошад. Захираи дигари беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кори нақлиёти автомобилӣ ташкили хуби боркунию борфарорӣ буд. Корхонаю ташкилотҳо, идораҳо ва Раёсатҳои гуногун дар ҳалли ин масъала нақши муҳим мебозиданд. Соли 1980 автомобилҳо ҳангоми боркунӣ ва борфурорӣ зиёда аз меъёр 137 ҳазор соат бекор истоданд, ки ин назар ба соли 1977 хеле зиёд аст.

Коркунони тресті «Оргтехтранстрой»-и ҷумҳурӣ ин таҷрибаро ба асос гирифта, ба ҳамин монанд як шакли ҷамъ ва таблиғ кардани ихтироот ва таклифҳои ратсионализаториеро, ки дар хоҷагиҳои нақлиёти автомобилии кишвар ҷорӣ карда мешуданд, муайян намуданд. Барои ҷамъ намудан, паҳн кардан ва ҷорӣ намудани комёбиҳои илмию техникӣ, ихтироот, таклифҳои ратсионализаторӣ ва таҷрибаи пешқадам «Албом-эстафета»-и махсус ташкил карда, нақшаи аз хоҷагиҳои нақлиёти автомобилӣ гузаштани он тартиб дода шуда буд. Ин тарзи ҷамъ ва таблиғот кардани афкори илмию техникиро коллегия ва бюрои ҳизбии вазорат, инчунин Шурои марказии бюрои ратсионализаторию ихтироъкорӣ муҳокима намуданд ва маъқул дониста буданд.

Бояд қайд намуд, ки 208 нафар ратсионализаторон ва ихтироъкорон 125 таклиферо пешниҳод намудаанд, ки онҳо дар истеҳсолот бомуваффақият ҷорӣ карда шуданд. Татбиқи онҳо 150 ҳазор сӯм фоидаи иқтисодӣ бахшид. Эҷодкорони корхонаҳо ва хоҷагиҳои автомобилии шаҳри Қӯрғонтеппа низ ҳиссаи худро гузоштанд ва эҷодкорони корхонаҳо ва хоҷагиҳои автомобилии шаҳри Душанбе 52 таклифи ратсионализаторӣ пешниҳод намуданд. Фақат дар натиҷаи ҷорӣ намудани камераи хушкондани кабинаҳо баъди ранг кардани онҳо, ки М.А. Алексеенко, А.Ф. Берч ва Ю.Т. Шаталов дар корхонаи рақами якуми таъмири автомобилҳо таклифҳои худро пешниҳод намуданд, дар як сол 13 ҳазору 100 сӯм фоидаи иқтисодӣ ба даст оварда шуд.

Ҳамаи он чизи наве, ки ба «Албом-эстафета» дохил шуд, дар хоҷагиҳои автомобилӣ муфассал омӯхта ва он чи ки қобили қабул аст, дар хоҷагиҳои

дигар ҷорӣ карда мешуд. Масалан, муассисаи нақлиётии рақами 21-и шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар) ва муассисаи нақлиётии рақами 26-и ноҳияи Вахш асбоберо, ки ратсионализаторони муассисаи нақлиётии рақами 23, ноҳияи Куйбишев (н. Абдураҳмони Ҷомӣ) барои бардоштани автомошинҳо сохтаанд, истифода бурданд.

Муассисаи нақлиёти автомобилии рақами 26-и н. Вахш инчунин асбоберо, ки ратсионализатори муассисаи нақлиёти автомобилии рақами 24-и ноҳияи Колхозобод (н. Ҷ. Балхӣ) А. Қиличев ихтироъ карда буд, ба кор бурд. Давраи якуми ба охир расидаи «Албом-эстафета» нишон дод, ки коллективҳои ҳамаи хоҷагиҳои нақлиёти автомобилӣ ба ин ташаббуси муҳим бо камоли масъулиятшиносӣ муносибат мекунанд.

Эстафета барои вусъати фаъолияти одамони эҷодкор, барои ба ин кори муҳим ҷалб кардани коргарони пешқадаму мутахассисон имконият медод.

Дар лоиҳаи КМ ҲКИШ ба Анҷумани ҳизби XXVI зарурати минбаъд ҳам беҳтар намудан ва зиёд кардани роҳҳои автомобилгард таъкид карда, чунин гуфта шуда буд: «Инкишофи босуръати шабакаи асосии роҳҳои магистралии автомобилгард пешбинӣ карда шавад. Сохтмони роҳҳои автомобилгарди қишлоқ ва дар навбати аввал, сохтмони роҳҳое, ки марказҳои ноҳияҳо, работҳои марказии колхозу совхозҳоро бо роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум пайваст менамоянд, вусъат дода шавад. Сифати сохтмон, таъмир ва нигоҳубини роҳҳо беҳтар карда, ба баланд шудани дараҷаи бехатарии ҳаракат диққати махсус дода шавад» [168, с.11-14].

Имрӯз шумораи онро ҳатто кормандони инспексияи автомобилӣ аниқ гуфта наметавонанд, зеро онҳо рӯз аз рӯз зиёд мешаванд.

Роҳҳои автомобилгард роҳҳои асосии нақлиёти ҷумҳурӣ мебошанд, зеро дар Тоҷикистон ба сабаби шароити кӯҳсор васеъ кардани шабакаи роҳҳои оҳан душвор аст. Ҳоло то 90 фоизи бори хоҷагии халқ ва мусофирон ба воситаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум кашонда мешаванд.

Масофаи умумии онҳо 12,7 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Гуфтан ҷоиз аст, ки рушди соҳаи кишоварзӣ, азхудкунии заминҳои навкорам, зиёд гардидани истеҳсоли пахта, сохтмону васеъ намудани корхонаҳои ҳудудию истеҳсолии ҷануби ҷумҳурӣ равуои нақлиётро боз ҳам зиёд мегардонад.

Дар панҷсолаи даҳум (с.1981-1985) роҳсозони ҷумҳурӣ барои сохтмон, азнавсозӣ ва таъмир намудани роҳҳо корҳои бисёреро анҷом доданд. Бо вуҷуди ин, гуфтан лозим аст, ки сохтмону ба истифода додани роҳҳои нав аз нақшаҳои рушди хоҷагии халқи кишвар қафо мемонд, алалхусус, нақлиёти мусофиркашонӣ ба талаб ҷавоб дода наметавонист.

Бо мақсади мувофиқи тараққиёти интенсивии нақлиёти автомобилӣ бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои сохтмону истифодаи роҳҳо солҳои охир шакли идора кардани хоҷагии роҳ ба куллӣ тағйир дода шуд. Моҳи декабри соли 1979 Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи ташкил кардани Вазорати ҷумҳуривии сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард фармон қабул кард. Бояд қайд намуд, ки ба зиммаи вазорат вазифаҳои тартиб додани нақша, сохтмону истифодабарии роҳҳои нақлиётии истифодаи умум, тараққии минбаъдаи сохтмонҳои саноатию гражданӣ, истеҳсоли саноатии битуми роҳсозӣ ва маснуоти васлшавандаи оҳану бетонӣ гузошта шудаанд.

Дар соли хотимавии панҷсолаи даҳум (с.1985) коллективи вазорат оид ба зиёд кардани самараи сохтмони роҳ, дарёфт намудани захираҳои истеҳсолот, баланд бардоштани сифати кор, тезонидани прогресси илму техника, беҳтар намудани истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ кори муайянеро ба ҷо овард. Хулоса, меҳнаткашони ин соҳа барои пешравии минбаъда ба сӯи марраҳои наве, ки дар лоиҳаи КМ ҲКИШ ба анҷумани ҳизби XXVI хеле равшан баён ёфтаанд, заминаи зарурӣ тайёр намуданд.

«Мо барои тараққиёти минбаъдаи хоҷагии роҳи ҷумҳурӣ захираю имкониятҳои зиёде дорем. Ин на фақат ба истифода додани иқтидорҳои нави базаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаи таъмири техникаи роҳсозӣ, корхонаи нафту битуми ноҳияи Ҷ. Балхӣ (собиқ н. Колхозобод) ва

корхонаҳои дигар аст. Захираи асосии минбаъд ҳам беҳтар намудани тамоми кори роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ иборат аз баланд бардоштани самараи истеҳсолот ва сифати кори тамоми коллективи соҳа, ҳар як подразделения, ҳар як коркуни алоҳида мебошад.

Усмонов И. дар алоқамандӣ ба масъалаи бунёди роҳҳо ва истифодаи онҳо дар нигоштаи хеш чунин қайд кардаанд: «Мусобиқае, ки ҳоло барои сазовор пешвоз гирифтани анҷумани XXVI ҲКИШ, барои пеш аз муҳлат иҷро намудани супоришҳои семоҳаи якуми соли 1981 ривоҷ ёфтааст, коллективҳои беҳтарини минтақаҳои роҳсозию истифодабарӣ, раёсатҳои сохтмони роҳ, пешқадамонеро ба миён меорад, ки корнамоии онҳо барои коллективи бисёрҳазорнафараи роҳсозони ҷумҳурӣ намунаи ибрат аст. Коллективҳои минтақаҳои роҳсозию истифодабарии №5 ва №17-и ш. Ҳисор, минтақаҳои роҳсозию истифодабарии №9 ш. Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) ва минтақаи роҳсозию истифодабарии №33 шаҳри Ваҳдат дар мусобиқа ғолиб баромаданд» [167, с.11-14].

Раёсатҳои роҳсозии №3, №7 ва №10 аз ҷумлаи коллективҳои беҳтарин ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо аз уҳдаи иҷрои супоришҳо баромада, барномаи корро бо қувваи худ барзиёд иҷро менамуданд ва ҳамаи объектҳоро бо сифати хуб ба истифода медоданд.

Дар сафи пеши мусобиқа сардори бригадаи раёсати роҳсозии №3 В. Мӯъминов, сардори бригадаи колоннаи механиконидашудан сайёри №7 Н. Романюк, экскаваторчии раёсати роҳсозии №4 В. Дауров, коргарон Б. Боев аз раёсати роҳсозии №6, П. Зуҳуров аз колоннаи механиконидашудаи сайёри №7, булдозерчиён Х. Зокиров аз минтақаи роҳсозию истифодабарии №1 ва А. Каримов аз минтақаи роҳсозию истифодабарии №16, устои нақбкани институти лоиҳакашию таҳқиқотии «Тоҷикгипротрансстрой» В. Глушенко ва бисёр дигарон қарор доштанд. Ҳамаи онҳо на фақат сермаҳсул ва эҷодкорона меҳнат мекардананд, балки дар ташкили мусобиқа, ташвиқоту паҳн кардани таҷрибаи пешқадам ва тарбияи сиёсии коллективҳояшон низ фаъолона иштирок менамоянд.

Солҳои охир меҳнаткашони соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ корҳои зиёдеро ичро карданд, ки бо онҳо ба таври ҳаққонӣ фахр карда метавонанд. Идораи «Госстрой»-и ИҶШС ба ҳуҷҷатҳои техникию иқтисодии роҳи автомобилгарди қаторкӯҳҳои Ҳисор бо нақбаш дар ағбаи Умшур, ки институти «Тоҷикгипротрансстрой» пешниҳод кардааст, баҳои «аъло» дод. Зимнан, ин лоиҳа дар панҷсолаи ёздаҳум амалӣ мегардад. Ба тарафи корхонаи арзии Тоҷикистон, комплекси чорводории Ховалинг, корхонаи электрохимиявии Ёвон роҳҳо сохтанд. Дар корхонаи нефту битуми ноҳияи Ҷ. Балхӣ (собиқ н. Колхозобод) ба роҳ мондани истеҳсоли битуми моеъ муваффақияти калон буд. Бо ёрии ин масолеҳ шакли мумфарш кардани роҳҳоро такмил додан ва муҳлати истифодаи онҳоро зиёд кардан мумкин аст.

Аммо боз дар бораи захираҳо рӯ меорем. Дар ин панҷсола трести «Тоҷикгипротрансстрой» нақшаи корҳои худро иҷро накард. Сабабҳои асосии ои суст ҷорӣ намудани шакли нави меҳнат дар бригадаҳо, пурра истифода карда натавонистани омилҳои ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ, камдиққатӣ ба кори байни кадрҳо, алалхусус ба кори байни мутахассисони ҷавон буд. Маъмурияти институти «Тоҷикгипротрансстрой», на ҳамеша ҳуҷҷатҳои хушсифати лоиҳавию сметавӣ тайёр мекард. Сифати таъмири роҳҳо, махсусан дар қишлокҷойҳо паст мебошад. Тадбирҳои ободонии роҳҳои нақлиёти аатомобилӣ ғайриқаноатбахш ичро мешуданд.

Раёсат аз семоҳаи дуюм (с.1989) шуруъ карда, ба ҳисоби пурраи хоҷагӣ гузашт [156]. Аз имкониятҳо истифода бурда, дар сохтмони роҳҳои дохилӣ бо хоҷагиҳо шартнома баста шуд. Аллакай ба якчанд хоҷагиҳо дар ҳудуди 30 ҳазор сӯм хизмат расонида шуд.Дар як сол аз ин ҳисоб 150 ҳазор сӯм даромад ба даст омад.

Пешравӣ боз ҳам назаррас мешуд, вале офатҳои табӣ, ки ба хоҷагии халқ, аз ҷумла ба роҳ, зиёну ба ичрои нақшаҳо халал расонд. Роҳу кӯпрукҳо

вайрон шуданд. Қисми зиёди техника барои рафъи офат банд буд. Ҳол он ки таъминоти Раёсат бо техникаи ҳозиразамон ғайриқаноатбахш буд.

Дар натиҷаи фаромадани лойқа ба ағбаи Шар-шар минтақаи километри 58-и ағба чанд муддат баста шуд. Ҳодиса солҳои 1982-1985 рух дода буд. Роҳи мошинҳое, ки ба ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб равуо доштанд, 87 километр дур шуд. Оё пеши офатро гирифтан мумкин буд? Пештар масъалаи сохтмони нақб ба миён омада буд. Мувофиқи лоиҳа барои сохтмони нақби 1,3 километра 14 миллион сӯм маблағ лозим буд. Бо баҳонаи набудани маблағ ин масъала ҳал нагардид. Хулоса баоред: агар он сохта мешуд, ҳар шабонарӯз то 28 тонна сӯзишворӣ сарфа мегардид, ки ба ҳисоби миёна 10 ҳазор сӯм арзиш дорад. Ҳисоб кардан душвор нест, ки дар як сол чӣ қадар маблағ сарфа мешуд». Аз тарафи дигар, роҳ кӯтоҳ мешавад, кашондани маводи хоҷагии халқ, осон гашта, пешгирии ҳодисаҳои нохуши автомобилӣ дар ин минтақаи хатарнок таъмин мегардад. Ҳаминро бояд илова кард, ки хароҷоти сохтмонро дар байни ду сол пурра баровардан мумкин аст. Сохтмони роҳ бошад, кори дастҷамъӣ мехоҳад [156].

КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи тадбирҳои беҳтар кардани сохтмон, таъмир ва нигоҳубин кардани роҳҳои мамлакат» қарор қабул намуданд. Коллегияи вазорат барои иҷрои ин қарор нақшаи тадбирҳоро тасдиқ намуд. Қарори иҷлосияи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистонро дар бораи ба ҳисоби хоҷагӣ гузаронидани минтақаҳои роҳ ҳам мавриди иҷро қарор дода шудаанд. Пешомадҳои соҳа дар панҷсолаи ёздаҳум (с.1986-1990) ҳақиқатан ҳам муҳташам буданд. Масалан, роҳҳои дорои аҳаммияти ҷумҳуривӣ бояд ободу зебо гардонда шуданд. Дар ин давра роҳҳои фарши сахтдор ҳамагӣ 30 фоизро ташкил медод. Бинобар ин ба хоҷагии қишлоқ барои хотима додан ба талафоти ғайриистеҳсолии вобаста ба бероҳагӣ ёрӣ расонда, ба ҷои роҳҳои хокӣ роҳҳои дигари фаршдор сохтан лозим буд. Дар айни ҳол роҳҳои фарши сахтдор ҳам чандон васеъ набуданд. Ҳоло ҳам бисёр роҳҳои калон байни нуқтаҳои аҳолинишин, аз болои роҳҳои оҳан мегузаштанд, ки ин ҳаракати нақлиётро суст карда,

хавфи фалокатро ба амал меоварад. Барои ҳалли муваффақиятноки ин масъалаҳо давлат маблағи зиёд, масолеҳу техника ҷудо мекунад.

Хулласи калом, бояд сохтмони роҳҳоеро, ки дар панҷсолаи даҳум сар шуда буд, ба анҷом расонда, ба сохтмони роҳҳои калони нав, масалан, роҳи тамоми фаслҳои сол амалкунандаи Душанбею Хоруғ сохтани кўпрукҳо дар дарёҳои Зарафшон, Сир, Вахш ва Кофарниҳон шуруъ мекарданд.

Чунин буданд пешомадҳои тараққиёти соҳа дар панҷсолаи ёздаҳум, татбиқи нақшаҳои пешбиникардашуда ҷидду ҷаҳди меҳнатӣ, ҷустуҷўи фаъолонаи эҷодӣ, зоҳиршавии маҳорати оммавиро талаб мекард.

Дар кишвари кўҳсор чи аҳаммият доштани роҳҳоро ҳоҷати баён кардан нест. Дар тамоми давраҳои тараққиёти иқтисодии Тоҷикистони даврони шуравӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ин сохтмону ба истифода додани роҳҳои нақлиётӣ ба шумор мерафт.

А. Худойбердиев сарбози қатории артиши бисёрҳазорнафараи роҳсозони Тоҷикистон мебошад. Вай дар сохтмони НБО-ҳои Нораку Роғун, корхонаи электрохимиявии Ёвон ё корхонаи алюмини Тоҷикистон бевосита иштирок накардааст. Бо вуҷуди он дар бунёди ин иншоотҳои азим А. Худойбердиев роҳҳои онҳоро сохтааст.

Экскаваторро дар шароити душвори кўҳӣ чӣ тавр беҳтар аз як ҷо ба ҷои дигар бурдан мумкин? Аз кадом тараф хокро гирифтан афзалтар аст? Ҳангоми кандани ҷинсҳои сахти кўҳӣ чӣ кор кардан лозим аст, ки механизм нашиканад? Ба ҳамаи ин саволҳо экскаваторчии Раёсати роҳсозии № 1-и трести «Тоҷикдорстрой» А. Худойбердиев ҳамеша ҷавоби аниқ дода метавонист.

Боз душворӣ дар он буд, ки қариб ҳамеша дар лаби об, ҷойҳои бероҳа кор мекарданд. Дарёҳои кўҳии дар назари аввал назарногир пас аз як чанд соат яку якбора ба ҷараёни пурталотум табдил меёфт, ки ба онҳо бо техникаи пуриқтидор ҳам баробар омадан душвор буд.

Дар амалияи А. Худойбердиев чунин ҳодиса рўй надодааст. Зиёда аз он мошини «Э-10011»-и вай дар давраи солҳои зиёди кор ҳеҷ гоҳ

нашикастааст. Барои фаъолона иштирок кардан дар сохтмони ин роҳи автомобилгарди кӯҳсор А. Худойбердиев бо мукофоти баланди ҳукуматӣ - ордени Байрақи Сурхи Меҳнат сарфароз гардонда шуда буд [167, с.11-14].

Бисёр коллективҳои коркунони нақлиёт дар соли сеюми (с.1983) панҷсолаи даҳум (с.1981-1985) натиҷаҳои хуби истеҳсолӣ ба даст овcovered. Минтақаи роҳсозии №29-и ноҳияи Хуҷанд, автобазаи №36-и Ӯротеппа, автобазаҳои №21-и ш. Қӯрғонтеппа ва №7-и Душанбе ва коллективҳои дигари пешқадам аз ҷумлаи онҳо мебошанд. «Нақшаи солонаи кашондани бори хоҷагии халқ умуман дар сатҳи вазорат 102,6 фоиз иҷро гардид, супориши нақша аз рӯи ҳаҷми мусофиркашонӣ 2,2 фоиз барзиёд ба ҷо оварда шуд» [167, с.11-14].

Ташаббуси ватандӯстонаи ронандагони пешқадами иттиҳодияи «Главмосавтотранс» дар бобати мубориза бурдан барои ба 350 ҳазор километр расондани ҳаракати бетаъмири автомобилҳои боркаш дар ҷумҳурии мо низ паҳн гардид. Бештар аз 3 ҳазор нафар ронандагони Тоҷикистон ин ташаббусро дар уҳдадориҳои шахсиашон навишта ва барои иҷрои он бомуваффақият мубориза бурданд.

Дар коллективҳои коркунони нақлиёти автомобилӣ пудрати бригадавӣ торафт бештар паҳн гардид. Аз рӯи ин усул, ки барои инкишофи ташаббуси эҷодкоронаи ҳар кас, барои дарёфт кардани захираҳои истеҳсолот имконияти зиёде ба амал оварда, 49 бригадаи ронандагон ва бинокорон кор мекунанд. Минбаъд ҳам ҷорӣ намудани усули пудрати бригадавӣ барои такмил додани ҳамаи соҳаҳои фаъолияти истеҳсолии коллективҳои коркунони нақлиёт ва роҳсозӣ имкониятҳои калон ба амал овард.

Яке аз вазифаҳои муҳиме, ки ҳар сол коркунони нақлиёт ва роҳсозӣ иҷро менамуданд, ба ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ пеш аз муҳлат кашондани бори хоҷагии халқ ва таъмири баъзе минтақаҳои роҳҳои автомобилгард ба шумор мерафт. Бояд қайд намуд, ки ҳар сол барзиёд иҷро намудани супоришҳои нақша аз рӯи ин нишондиҳанда анъанаи нек шуда буд.

Масалан, соли гузашта бо нақлиёти автомобилӣ ба маҳалҳои кӯҳсор бештар аз 13 ҳазор тонна бор ва молҳои гуногун кашонда шуд, ки ин назар ба супориш 4,1 фоиз зиёд буд.

Ғурриши мотори зиёда аз сад мошини боркаш ба талу теппаҳои Ошмасой паҳн мешуд. Корвони мошинҳои пур аз сангу хок ба тарафи қишлоқҳои Эшма ва Урозбой беист дар ҳаракат буданд. Ронандагони чор муассисаи нақлиётии ноҳияи Куйбишев (н. А. Ҷомӣ) барои сохтани роҳи нав, ки он ба масофаи 22 километр тул кашидааст, ба ин кори муҳим сафарбар карда шуда буданд [158].

Дар як муддати кӯтоҳ ба масофаи роҳи даҳкилометра сангу хок рехта шуд. Грейдерҳо паи ҳам онро ҳамвор мекарданд. Барои сахту мустаҳкам шудани он даҳ мошин ба роҳи нав об мепошиданд.

Бо мақсади тезондани суръати кор ронандагон аз чор мавзеъ сангу хок мекашонданд. Дар қишлоқи Киикмазор ва даромадгоҳи Эшма дутогӣ экскаватор бо навбат ба мошинҳо хок бор мекарданд. Дар қишлоқи Урозбой ва дар масофаи 12 - километраи роҳи нав яктогӣ тракторҳои тамғаи «Белорус» машғули кор буданд.

Экскаваторчиён И. Класс ва Г. Шеффер аз колоннаи сайёри механиконидашудаи рақами 7-и Раёсати сохтмонии «Ёвонобсоз» ба гармии ҳаво нигоҳ накарда, соғаи мошинҳоро пури сангу хок менамуданд. Ба бригадаи экскаваторчиён сармуҳандиси ПМК-7 В. Магилин роҳбарӣ мекард.

Бояд гуфт, ки қишлоқи Урозбой дарояндаи наздик ба шаҳраки намуди шаҳрӣ табдил меёбад. Совхози «Токпарвар» дар ҳамин ҷо ҷойгир буд. Акнун нақлиёти совхоз метавонист, ки бе ҳеҷ як мамоният дар ин роҳ рафту омад кунад.

Пункти сайёри бо сӯзишворӣ ва равғаниҳои молиданӣ таъминкунӣ, агрегатҳои кафшеркунӣ омодаи кор буданд. Бригадаи таъмирчиён, ки аз ҳисоби муҳандисону техникҳои ботаҷриба ташкил ёфта буд, намегузошт, ки мошинҳою тракторҳо бекор хобанд. Техникаи аз кор баромада дарҳол

таъмир карда мешуд. Се пункти сайёри ёрии таъҷилӣ дар хизмати бунёдкунандагони роҳи нав буданд. Духтурону хамшираҳои шафқати беморхонаҳои посёлкаҳои Обикиик ва Меҳнат барои муҳофизаи саломатии роҳсозон тамоми чораҳоро меандешиданд.

Дар сохтмони роҳи нав, ки аз роҳи асосии мошингарди Қӯрғонтеппа - Душанбе оғоз меёбад, ҳиссаи коргарон, коркунони муҳандисию техникии муассисаи нақлиётии рақами 23 ва автоколоннаи рақами 5-и Вазорати хоҷагии оби ҷумҳурӣ, минтақаҳои баистифодадиҳии роҳҳои (ДЭУ) рақамҳои 16 ва 42 хеле калон буд.

Як рӯзи кории пурмаҳсули роҳсозон анҷом меёбад. Ронандагон дар давоми рӯз барои кашондани 50 рейси сангу хок меҳнат намуда, иҷрои супоришҳоро барзиёд таъмин карданд. Машъалони истеҳсолот Н. Сайфиддинов, И. Камолов, Р. Тӯрақулов аз муассисаи нақлиётии рақами 2, А.Артамонов, Р. Одинаев, Н. Бобиев аз колоннаи автомобилии рақами 5, С. Давлатов, Ф. Зоидов ва И. Миллер, аз муассисаи нақлиётии рақами 23 дар амал исбот намуданд, ки шуҳрату обрӯ дар меҳнат насиби онҳо шудааст.

Сохтмону сангфарш намудани роҳи нав ба охир расид. Ба силсилароҳҳои вилоят боз як роҳи ҳамворе ҳамроҳ гардид, ки бешак, боиси гул-гулшукуфии вилояти ҷавони ордени Лениндорамон хоҳад шуд [158].

Таҷрибаи мусбатеро, ки коркунони нақлиёт ва роҳҳои ҷумҳурӣ дар рафти мусобиқа ҳосил кардаанд, маълум мешавад, ки дар давоми се соли панҷсолаи даҳум на ҳамаи нақшаҳои истеҳсолӣ бомуваффақият иҷро карда шудаанд. Масалан, дар соли 1978 супориши нақша аз рӯи гардиши бор 4 фоиз кам иҷро шуд. 11 хоҷагии автомобилии вазорат дар байни хоҷагиҳои қафомонда буданд. Сабаби ин мустаҳкам набудани интизоми меҳнат ва технологӣ, бояду шояд ривоҷ наёфтани мусобиқа мебошад.

Кори корхонаҳои автомобилтаъмиркунии вазорат ҳанӯз танқид карда мешуд, ки ин комилан одилона буд. Онҳо нақшаи таъмири асосии автомобилҳо, двигателҳо, агрегатҳоро мунтазам иҷро намекарданд. Соли гузашта бинокорони «Тоҷикдорстройтрест» низ нақшаро иҷро накарданд.

Сабаби ҳамаи ин камбудиҳо нуқсонҳои ҷиддии кори коркунони нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ буд.

Барои сарфаи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, ҳалли масъалаҳои ҷорӣ намудани техникаи нав ва таклифҳои ратсионализаторӣ ҳанӯз на ҳамаи корҳо иҷро мешудаанд. Масалан, дар трести автомобилии Душанбе ва дар раёсати нақлиёти автомобилии Қӯрғонтеппа фактҳои бемасъулиятӣ нисбат ба сарфи бензин ошкор карда шуданд. Муқаррар намудани режими қатъии сарфакорӣ, зери назорат гирифтани сарфи бензин ва сӯзишвории дизелӣ захираи муҳими зиёд кардани самараи кори буд. Захираи дигари беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кори нақлиёти автомобилӣ ташкили хуби борборкунию борфарорӣ ба шумор мерафт.

Соли 1983 коркунони нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии роҳи ҷумҳурӣ уҳдадориҳои баланд қабул карданд. Ҳаминро гуфтан кифоя аст, ки дар нақша 1,4 фоиз зиёд кардани боркашонӣ ва 4,5 фоиз зиёд намудани мусофиркашонӣ пешбинӣ шудааст. Ҳаҷми калони корҳои роҳсозӣ, бинокорӣ ва роҳтаъмиркуниро иҷро кардан зарур аст.

Усмонов И. дар нигоштаи хеш бо номи «Роҳҳои нақлиёти республика» чунин қайд карданд: «Бо мақсади мувофиқи тараққиёти интенсивии нақлиёти автомобилӣ бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои сохтмону истифодаи роҳҳо солҳои охир структураи идора кардани хоҷагии роҳ ба куллӣ тағйир дода шуд. Гуфтан ба маврид аст, ки Раёсати Шурои Олии ҷумҳурӣ моҳи декабри соли 1979 дар бораи таъсис додани Вазорати сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард қарор қабул кард. Ба зиммаи вазорат вазифаҳои тартиб додани лоиҳа, сохтан ва истифода бурдани роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, вусъат додани сохтмони саноатӣ ва гражданӣ, анҷом додани сохтмони стансия ва посёлкаи солонаи БАМ (Байкало Амурская магистрал-шоҳроҳи Байкалу Амур), истеҳсоли саноатии битуми роҳсозӣ ва маснуоти васлшавандаи оҳану бетонӣ гузошта шудаанд» [167, с.11].

Дар соли хотимавии панҷсолаи даҳум коллективи вазорат оид ба зиёд кардани самараи сохтмони роҳ, дарёфт намудани захираҳои истеҳсолот, баланд бардоштани сифати кор, тезонидани прогресси илму техника, беҳтар намудани истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ кори муайянеро ба ҷо овард. Хулоса, меҳнаткашони ин соҳа барои пешравии минбаъда ба сӯи марраҳои наве, ки дар лоиҳаи КМ ҲКИШ ба анҷумани XXVI ҳизб хеле равшан баён ёфтаанд, заминаи зарурӣ тайёр намуданд.

Ба андешаи Усмонов И.: «Барои тараққиёти минбаъдаи хоҷагии роҳи ҷумҳурӣ захираю имкониятҳои зиёде мавҷуд буд. Ин на фақат ба истифода додани иқтидорҳои нави базаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла корхонаҳои таъмири техникаи роҳсозӣ, корхонаи асфалту бетони ноҳияи Колхозобод (н. Ҷ. Балхӣ) ва корхонаҳои дигар буд. Захираи асосии минбаъд ҳам беҳтар намудани тамоми кори роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ иборат аз баланд бардоштани самараи истеҳсолот ва сифати кори тамоми коллективи соҳа, ҳар як қитъа, ҳар як коркуни алоҳида мебошад» [167, с.25].

Мусобиқае, ки барои сазовор пешвоз гирифтани анҷумани XXVI ҲКИШ, барои пеш аз муҳлат иҷро намудани супоришҳои семоҳаи якуми соли 1981 ташкил карда шуда буд, коллективҳои беҳтарини қитъаҳои роҳсозию истифодабарӣ, Раёсатҳои сохтмони роҳ, пешқадамонеро ба миён овард, ки корнамоии онҳо барои коллективи бисёрҳазорнафараи роҳсозони ҷумҳурӣ намунаи ибрат буд. Коллективҳои қитъаҳои роҳсозию истифодабарии №5 ва №17 - и Ҳисор, қитъаҳои роҳсозию истифодабарии №3 - и ва №4 - и ноҳияи Қальаихумб ва қитъаи роҳсозию истифодабарии №33 ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло ш. Ваҳдат) ва Раёсати сохтмони роҳҳои №3 – и ш. Қӯрғонтеппа (ш. Бохтар) ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ гардиданд.

Раёсатҳои роҳсозии №4, №7 ва №10 аз ҷумлаи коллективҳои беҳтарин ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо аз уҳдаи иҷрои супоришҳои пудратӣ баромада, барномаи корро бо қувваи худ барзиёд иҷро намуданд ва ҳамаи объектҳоро бо сифати хуб ба истифода доданд.

Шахсоне, ки дар сафи пеши мусобиқаи сотсиалистӣ буданд, инҳо сардори бригадаи Раёсати роҳсозии №3 В. Мӯъминов, сардори бригадаи колоннаи механиконидашудаи сайёри №7 Н. Романюк, экскаваторчии Раёсати роҳсозии №4 В. Дауров, коргарон Б. Боев аз Раёсати роҳсозии №6, П. Зуҳуров аз колоннаи механиконидашудаи сайёри №7, булдозерчиён Х. Зокиров аз қитъаи роҳсозию истифодабарии №1 ва А. Каримов аз қитъаи роҳсозию истифодабарии №16, устои нақбкани Институти лоиҳакашию таҳқиқотии «Тоҷикгипротрансстрой» В. Глушенко ва бисёр дигарон буданд. Ҳамаи онҳо на фақат сермаҳсул ва эҷодкорона меҳнат мекарданд, балки дар ташкили мусобиқаи меҳнатӣ, корҳои таблиғотию паҳн кардани таҷрибаи пешқадам ва тарбияи сиёсии коллективҳояшон низ фаъолона иштирок менамуданд.

Солҳои минбаъда меҳнаткашони соҳа корҳои зиёдеро иҷро карданд, ки бо онҳо ба таври ҳаққонӣ фахр карда метавонанд. Кумитаи «Госстрой»-и ИҶШС ба ҳуҷҷатҳои техникию иқтисодии роҳи автомобилгарди қаторкӯҳҳои Ҳисор бо нақбаш дар ағбаи Умшур, ки Институти «Тоҷикгипротрансстрой» пешниҳод кардааст, баҳои мусбӣ дод. Зимнан, ин лоиҳа дар панҷсолаи ёздаҳум (с.1985-1990) амалӣ мегардид.

Барои пайвастани нақлиёти автомобилӣ ба тарафи корхонаи арзиси ш. Турсунзода, комплекси чорводории Ховалинг, корхонаи электрокимиёвии Ёвон роҳҳо сохта шуданд [53, с.22].

## Хулосаи боби сеюм

Ҳамин тавр, масъалаи аҳаммияти таърихии сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Қайд кардан зарур аст, ки рушди роҳҳои ҷумҳурӣ дар вақти кӯтоҳ гузаронида шуд, ки барои сари вақт таъмиру сохтмони роҳҳо баъзе душвориҳоро ба миён овард ва ин ба меъёрҳои муқаррарии техникӣ

алоқамандии зич дошт. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар ҷумҳурӣ мунтазам ба пешравиҳо ноил гардид.

2. Барои сохтани роҳҳои муосир муҳандисони роҳсозу мутахассисони варзидаи ҷумҳуриҳои бародар ёрии худро дареғ надошта, баҳри пешравии роҳсозии кишвар саҳми бузурги худро гузоштанд.

3. Пудрати бригадавӣ дар коллективҳои коркунони нақлиёти автомобилӣ торафт бештар паҳн гардид, ки ин усул барои инкишофи ташаббуси эҷодкоронаи ҳар кас, барои дарёфт кардани захираҳои истеҳсолот имконияти зиёде ба амал овард, инчунин, бригадаи ронандагон ва бинокорон ба меҳнати фаъолона гузаштанд.

4. Бояд иброз намуд, ки яке аз вазифаҳои муҳимме, ки ҳар сол коркунони вазорати нақлиёт иҷро менамуданд, ба ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ пеш аз муҳлат кашондани бори хоҷагии халқ буд ва ин супориш саривақтӣ иҷро мегардид.

5. Таҳқиқот муайян кард, ки дар шароити кӯҳсор нақлиёти автомобилӣ аҳаммияти басо калон дорад. Қисми зиёди бори хоҷагии халқ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ кашонда мешавад. Отряди сершумори коркунони нақлиёт ва роҳсозони Тоҷикистон вазифаҳои масъулиятноки бамиён-гузоштаро пурра иҷро намуда, кӯшиш намуданд, ки боз ҳам сермаҳсул кор кунанд ва ин боис гардид, ки вазъи роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа боз ҳам беҳтар гардида, пешравии ҳолати иқтисодию иҷтимоии минтақа мушоҳида гардад.

6. Гуфтан ба маврид аст, ки роҳсозону нақлиётчиёни фаъолу пешсафи мусобиқаҳои зарбдор на фақат сермаҳсул ва эҷодкорона меҳнат мекарданд, балки дар ташкили мусобиқаи меҳнатӣ, кори таблиғотию паҳн кардани таҷрибаи пешқадам ва тарбияи сиёсии коллективҳояшон низ фаъолона иштирок менамуданд.

# ХУЛОСА

То ғалабаи Инқилоби Октябр Тоҷикистон яке аз канораҳои қафомондаи Иттиҳоди Шуравӣ буд. Ноҳияҳои шимолии он ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил мешуданд ва қисми зиёди ноҳияҳои шарқӣ, марказӣ ва ҷанубӣ, ба истилоҳ Бухорои Шарқӣ, ба ҳайати Аморати Бухоро дохил мешуданд. Ба манфиати амир ва мансабдорони ӯ аз аҳолӣ ҳар сол миллионҳо рубл ситонида мешуд, аммо барои сохтмони роҳҳо, маърифат ва тандурустӣ як танга сарф намешуд.

Ба империяи Русия пайвастани Осиёи Миёна, аз ҷумла ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, ба тағйирот дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии минтақа мусоидат кард. Аммо капитализми Русия сиёсати мустамликавиро пеш бурда, Осиёи Миёнаро ҳамчун манбаи ашёи хом барои саноати рушдёбандаи минтақа меҳисобид. Аз ин рӯ, саризм танҳо ба рушди соҳаҳои саноат, ки барои саноати Русия ёрирасон буданд, мусоидат кард ва бо мақсади ҳифзи муносибатҳои феодалӣ дар минтақаи Туркистон ва Бухоро рушди дигар соҳаҳои истеҳсолотро боздошт.

То Инқилоби Октябр Тоҷикистон, ба истиснои қисмати шимолии он, ки дар он ҷо як қитъаи хурди роҳи оҳан буд. Он вақт Тоҷикистон кишвари ”классикии бероҳ” буд. Танҳо роҳҳое буданд, ки паҳноии онҳо аз релефи минтақа вобаста буд. Дар он ҷое, ки роҳ аз як тангӣ бо доманакӯҳҳои теппа, баъзан сангбор мегузашт, паҳнои роҳ, одатан, чунон буд, ки асп бо душворӣ аз он мегузашт. Бисёре аз гузаргоҳҳои кӯҳӣ, ки тавассути онҳо роҳҳо мегузаштанд, танҳо дар тобистон ва тирамоҳ дастрас буданд. Дарёҳои пуршиддати кӯҳӣ, ки дар роҳ пайдо мешуданд, аксар вақт бо истифода аз машк, пӯсти пур аз ҳаво, шино мекарданд. Барои убур аз дарё инчунин як навъ қаиқ истифода мешуд; он аз якчанд машкобҳо иборат буд, ки болои онҳо аз чӯбҳои сабук пул сохта мешуд. Пулҳои мавҷуда дар дарёҳои кӯҳӣ сохтори ибтидоӣ доштанд.

Дар ҷойҳои кӯҳӣ роҳҳое буданд, ки аз онҳо пиёда гузаштан мумкин буд, борҳо ба аспҳо ё харҳо бор карда мешуданд ва аксар вақт инсон онҳоро

дар пушт мегузаронд. Дар ҷойҳое, ки релефи онҳо камтар бурида шудааст ва дар ҳамворӣ шутур ҳамчун ҳайвони нақлиётӣ истифода мешуд. Роҳҳои Душанбе - Панҷакент, Самарқанд - Ӯротеппа, Душанбе - Қӯрғонтеппа, Душанбе - Ғарм, Ғарм - Фарғона, Дарвоз - Кӯлоб ва ғайра ба ҳаракати боркаш мутобиқ карда шуданд. . Дар ҳамворӣ ароба, аробаи дучархаи калон ва аробаҳои дароз, ки онро бо асп мекашиданд, васеъ истифода мешуданд. Дар баъзе ҷойҳо (дар водиҳо) асбобҳои дигари якпоя истифода мешуданд. Ягона роҳ дар Тоҷикистон барои нақлиёти чархдор мувофиқ ин роҳи Душанбе - Тирмиз (177 км) буд. Он қисми ғарбии Бухорои Шарқиро бо Тирмиз ва Амударё мепайваст. Шимоли Тоҷикистон ба марказҳои асосии иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна тавассути роҳи оҳан дастрасӣ дошт.

Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ роҳҳои мавҷуда вайрон карда шуданд, пулҳо нобуд карда шуданд. Босмачиҳо қаиқҳо, аробаҳо, шутурҳо, аспҳоро бо худ бурданд, то пешрафти Артиши Сурхро душвор кунанд. Саршумори чорвои барои мақсадҳои нақлиётӣ мувофиқ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Дар худи қаламрави Тоҷикистон аҳолии маҳаллӣ ва ҷузъу томҳои аскарони сурх роҳҳои хокӣ, пулҳо ва гузаргоҳҳои паромро барқарор карданд.

Рушди иқтисодии Тоҷикистон аз он вобаста буд, ки он то чӣ андоза бо қисми аврупоии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Миёна пайваст хоҳад шуд. Пойтахти Тоҷикистонро бо марказҳои вилоятӣ, бо иншооти саноатии сохташаванда алоқаманд кардан лозим буд. Аз ин рӯ, гуфтан муболиға нахоҳад шуд, ки нақлиёт пайванди асосии рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон буд.

Ҳамаи робитаҳои нақлиётӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар ин давра аз ду шоҳроҳи асосӣ: аз тариқи шоҳроҳи боркашонии Душанбе - Ғузор ва аз тариқи Амударё бо қаиқҳо аз Тирмиз то Саройкамар ва Ҷиликӯл амалӣ карда мешуданд.

Ягона роҳи мувофиқ дар Бухорои Шарқӣ барои нақлиёти чархдор роҳи почтавии Душанбе - Ғузор буд. Бе таъсис додани роҳҳои қулай, мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқии кӯҳӣ хеле

душвор буд. Аз ин рӯ, аз қадамҳои аввал баислоҳи роҳҳои кӯҳӣ, убури дарёҳо диққати калон дода мешуд.

Дар оғози таърихи сохтмони роҳҳо ва нақлиёти Тоҷикистон дар соли 1925 қисмҳои корпуси XIII-и тирандозии Артиши Сурх роҳ барои нақлиёти чархдори Тирмиз - Душанбе бунёд карданд. Дар давоми солҳои 1925-1927 роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Тирмиз, Сарой - Кӯлоб сохта шуда буданд. Дар тирамоҳи соли 1929 сохтмони роҳи оҳани Тирмиз - Душанбе ба анҷом расид.

Солҳои 1925-1927 роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Тирмиз, Сарой - Кӯлоб сохта шуданд.

Дар ҷумҳурӣ дар соли 1927 якчанд мошини боркаш мавҷуд буд, вале автобусҳо тамоман мавҷуд набуд. Дар охири соли 1929 ду роҳ аз Сталинобод ба Кӯлоб ба анҷом расид. Як роҳ тавассути роҳи ноҳиявӣ, тавассути Қӯрғонтеппа мегузашт, аммо он аз минтақаҳои нисбатан рушдёфта бо дурнамои бузурги рушд мегузашт. Бо сохтани роҳҳои зикршуда вазифаи таъмини вилоятҳои Ҳисор, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб бо нақлиёт то андозае ҳал карда шуд.

Аз соли 1930 сохтмони роҳи нақлиётии Сталинобод - Қӯрғонтеппа оғоз ёфт. Дар Тоҷикистон бори аввал дар ин ҷо баъзе мошинҳо ва механизмҳои сохтмонӣ истифода шуданд. Сохтмони роҳ моҳи декабри соли 1932 ба анҷом расид.

Дар солҳои панҷсолаи дуюм (1933-1937) дар ҶШС Тоҷикистон сохтмони роҳҳои нави нақлиётӣ идома дошт.

Дар оғози панҷсолаи сеюм (1938-1942), ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ба истиснои баъзе минтақаҳои Помир, аллакай роҳҳои нисбатан қулайи алоқа доштанд.

Муваффақиятҳои бадастовардашуда имконият доданд, ки ба сохтмони роҳҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ низ шуруъ кунанд. Дар моҳи феврали соли 1940 ШКХ ИҶШС ва КМ ВКП(б) қарори сохтмони роҳҳоро қабул

карданд. Роҳҳои нақлиётии Сталинобод - Ӯротеппа, Сталинобод – Кӯлоб - Ҷиликӯл таҷдид карда шуданд.

Дар солҳои панҷсолаи сеюм (1938-1942) дар ҷумҳурӣ сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ бо иштироки аҳолӣ васеъ оғоз ёфт. Марказҳои колхозӣ, совхозҳо ва МТС бо роҳҳои магистралӣ ва маркази ҷумҳурӣ робита пайдо карданд.

Дар солҳои панҷсолаҳои пеш аз ҷанг (1928-1941) мардумони кӯҳистон роҳҳои асосии магистралиро сохтанд: Сталинобод - Кӯлоб, Сталинобод – Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл ва як қатор роҳҳои маҳаллӣ сохта шуданд.

Дар ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ нақши шоҳроҳҳо хеле калон аст, ки дарозии умумии онҳо то 13 ҳазор км буд, ба мисли Душанбе - Қӯрғонтеппа, Душанбе - Кӯлоб ва ғайра, ҳамаи ноҳияҳоро бо ҳам мепайвандид.

Масофаи миёнаи интиқоли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои охир нисбат ба тамоми кишвар қариб 18 км зиёдтар гардида, дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ ягона намуди нақлиёт барои интиқоли борҳои оммавӣ ба шумор мерафт.

Дар давраи аз соли 1961 то 1990 дар ҷумҳурӣ 1831 км роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ сохта ва таҷдид карда шуданд. Ҳаҷми сармоягузории асосӣ барои ин мақсадҳо 160 миллион рублро ташкил дод.

Робитаҳои Тоҷикистон бо дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС низ густариш ёфта буданд. Ба бисёр ноҳияҳои Иттиҳоди Шуравӣ маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат содир карда мешуд. Дар навбати худ, ҷумҳурӣ мошинҳо, дастгоҳҳо, тракторҳо, маҳсулотҳои ҷангал, намудҳои гуногуни ашёи хомро аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва марказҳои дурдасти саноатии кишвар меовард.

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

Таърихи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1990) таҳлил намуда, мо ба чунин хулосаҳо омадем:

- қайд кардан зарур аст, ки рушди роҳҳои ҷумҳурӣ дар вақти кутоҳ гузаронида шуд, ки барои саривақт таъмиру сохтмони роҳҳо баъзе душвориҳоро ба миён овард ва ин ба меъёрҳои муқаррарии техникӣ алоқамандии зич дошт. Аммо ба ин нигоҳ накарда сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар ҷумҳурӣ мунтазам ба пешравиҳо ноил гардид [1-М], [5-М].

- бояд тазаккур дод, ки барои сохтани роҳҳои муосир муҳандисони роҳсозу мутахассисони варзидаи ҷумҳуриҳои бародар ёрии худро дареғ надошта, баҳри пешравии роҳсозии кишвар саҳми бузурги худро гузоштанд [2-М], [6-М], [7-М].

- пудрати бригадавӣ дар коллективҳои коркунони нақлиёти автомобилӣ торафт бештар паҳн гардид, ки ин усул, ки барои инкишофи ташаббуси эҷодкоронаи ҳар кас, барои дарёфт кардани захираҳои истеҳсолот имконияти зиёде ба амал овард, инчунин бригадаи ронандагон ва бинокорон ба меҳнати фаъолона гузаштанд [3-М], [6-М].

- бояд иброз намуд, ки яке аз вазифаҳои муҳиме, ки ҳар сол коркунони вазорати нақлиёт иҷро менамуданд, ба ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ пеш аз мӯҳлат кашондани бори хоҷагии халқ буд ва ин супориш саривақтӣ иҷро мегардид [4-М].

- таҳқиқот муайян кард, ки дар шароити кӯҳсор нақлиёти автомобилӣ аҳаммияти басо калон дорад. Қисми зиёди бори хоҷагии халқ ба воситаи нақлиёти автомобилӣ кашонда мешавад. Отряди сершумори коркунони нақлиёт ва роҳсозони Тоҷикистон вазифаҳои масъулиятноки ба миён гузоштаро пурра иҷро намуда, кӯшиш намуданд, ки боз ҳам сермаҳсул кор кунанд ва ин боиси он гардид, ки вазъи роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа боз ҳам беҳтар гардида, боиси пешравии ҳолати иқтисодию иҷтимоии минтақа гардад [1-М], [4-М].

- гуфтан ба маврид аст, ки роҳсозону нақлиётчиёни фаъолу пешсафи мусобиқаҳои зарбдор на фақат сермаҳсул ва эҷодкорона меҳнат мекарданд, балки дар ташкили мусобиқаи меҳнатӣ, таблиғотию паҳн кардани таҷрибаи

пешқадам ва тарбияи сиёсии коллективҳояшон низ фаъолона иштирок менамуданд [1-М], [3-М], [5-М], [7-М].

**2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада:**

Маводҳои омӯхташударо ҷамъбаст намуда, барои пешрафти таъмиру сохтмони роҳҳо ва омӯзиши минбаъдаи он таклифҳои зеринро пешниҳод мекунем:

1. Минтақаи Қӯрғонтеппа аз ҷиҳати иқлим, шароити табиӣ яке аз минтақаҳои роҳҳои вайрон маҳсуб мегардид. Аз ин рӯ, ҳукумати кишвар барои таъмиру сохтмони роҳҳо навбунёд тамоми чораҳоро андешид, ки ин иқдоми саривақтии ҳукумат мебошад.

2. Кормандони хоҷагиҳои роҳҳо ва роҳсозони ин минтақа бояд таҷрибаи роҳсозии замони шуравиро барои худ ҳамчун дастурамал гирифта, аз таърихи қаҳрамониҳои роҳсозон дар солҳои 20-80-уми асри XX воқиф бошанд, ки дар роҳи аз байн бурдани бероҳӣ ҷонфидоӣ карданд. Дар ин роҳ роҳсозони имрӯза бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳанд, то ки роҳҳои ин минтақа боз ҳам хубтару беҳтар бошанд.

3. Ба тамоми кормандони хоҷагиҳои роҳҳо ва роҳсозони вилоят тавсия дода мешавад, ки таҷрибаи замони шуравиро дар омода кардани кадрҳои баландихтисоси роҳсоз идома диҳанд.

4. Инчунин барои пешрафти соҳаи роҳсозӣ кори илмӣ-тадқиқотӣ дар соҳаи хоҷагиҳои роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа бо истифода аз таҷрибаи таърихи гузашта ва бо истифода аз дастовардҳои замони муосир идома дода шавад.

5. Барои таъмири хушсифати роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа ҳамкориро бо роҳсозони ҷумҳурӣ ҳарчӣ бештару беҳтаро намоянд.

6. Ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати равнақи тоза бахшидан ба сохтмони роҳҳои муосири замонавӣ ва бастани шартномаҳо ва монанди инҳо ва дар ин замина бознигарии кулли сиёсати роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ.

7. Шабакаи идоракунии соҳаи роҳсозӣ бояд дар таҳлили воқеаҳои фалокатовар муносибати шафоф зоҳир намояд.

8. Ба идораҳои хоҷагии роҳҳо зарур аст, ки дар таъмиру сохтмони роҳҳои маҳҳалӣ бо ташкилоту идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳамкорӣ намоянд.

9. Дар роҳи сохтмони роҳҳои нав ба мутахассисони соҳаи роҳсозӣ зарур аст, ки таҷрибаи бойи роҳсозони давлатҳои хориҷиро аз худ намуда, бо истифода аз таҷрибаи бойи роҳсозони кишвар, кори худро бо сифати баланд ба анҷом расонанд.

10. Натиҷаи тадқиқотҳои рисола нишон дод, ки ба тамоми саъй ва кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон барои таъмиру сохтмони роҳҳои кишвар нигоҳ накарда, имрӯз ҳам дар минтақаи Қӯрғонтеппа мутахассисони соҳаи роҳсозӣ намерасанд. Пас мебояд сафи мутахассисони роҳсозро зиёд намоем ва барои ин бояд бо донишгоҳу донишкадаҳои кишвар оиди тайёр намудани мутахассисон шартномаҳо баста шаванд.

# РӮЙХАТИ МАНБАЪҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## а) Маводҳои бойгонӣ


1. Бойгонии «Минтрансдорхоз». – Х.20. – Р.4. – П.812. – В.3.

2. Бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ). – Х.1. – Р.1. – П.725. – В.2.

3. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (СБНҲ ҶТ). – Хазинаи 1. – Рӯйхати 1. – Парвандаи 3. – Вараҷи 7.

4. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (СБНҲ ҶТ). – Хазинаи 1. – Рӯйхати 1. – Парвандаи 921. – Вараҷи 2.

5. СБНҲ ҶТ. – Х.9. – Р.1. – П.33. – В.18.

6. СБНҲ ҶТ. – Х.9. – Р.1. – П.33. – В.291-292.

7. СБНҲ ҶТ. – Х.9. – Р.1. – П.195. – В.134.

8. СБНҲ ҶТ. – Х.9. – Р.1. – П.519. – В.99.

9. СБНҲ ҶТ. – Х.10. – Р.1. – П.173. – В.247.

10. СБНҲ ҶТ. – Х.10. – Р.1. – П.234. – В.15.

11. СБНҲ ҶТ. – Х.10. – Р.1. – П.234. – В.5.

12. СБНҲ ҶТ. – Х.11. – Р.3. – П.1265. – В.26, 34.

13. СБНҲ ҶТ. – Х.13. – Р.1. – П.2. – В.75.

14. СБНҲ ҶТ. – Х.17. – Р.2. – П.660. – В.59.

15. СБНҲ ҶТ. – Х.18. – Р.1. – П.54. – В.63.

16. СБНҲ ҶТ. – Х.18. – Р.1. – П.201. – В.12.

17. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.1. – В.99.

18. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.511. – В.10.

19. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.518. – В.48.

20. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.518. – В.61-62.

21. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.519. – В.357.

22. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.519. – В.202.

23. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.540. – В.54.

24. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.545. – В.11.

25. СБНҲ ҶТ. – Х.19. – Р.1. – П.551. – В.2.

26. СБНҲ ҶТ. – Х.20. – Р.1. – П.14. – В.2.

27. СБНҲ ҶТ. – Х.20. – Р.1. – П.14. – В.8.

28. СБНҲ ҶТ. – Х.20. – Р.2. – П.807. – В.53.

29. СБНҲ ҶТ. – Х.20. – Р.2. – П.2122. – В.25

30. СБНҲ ҶТ. – Х.20. – Р.2. – П.2126. – В.61.

31. СБНҲ ҶТ. – Х.282. – Р.8. – П.215. – В.123, 123б.

32. СБНҲ ҶТ. – Х.282. – Р.8. – П.215. – В.129.

33. СБНҲ ҶТ. – Х.346. – Р.1. – П.394. – В.108.

34. СБНҲ ҶТ. – Х.346. – Р.1. – П.394. – В.11.

35. СБНҲ ҶТ. – Х.346. – Р.1. – П.394. – В.62.

36. СБНҲ ҶТ. – Х.605. – Р.1. – П.4. – В.37.

37. СБНҲ ҶТ. – Х.346. – Р.4. – П.14. – В.15-17.

38. СБНҲ ҶТ. – Х.689. – Р.1. – П.10. – В.42.

39. СБНҲ ҶТ. – Х.689. – Р.1. – П.15. – В.32, 37.

40. СБНҲ ҶТ. – Х.689. – Р.1. – П.5. – В.29-30.

41. СБНҲ ҶТ. – Х.894. – Р.3. – П.53. – В.130-131.

42. СБНҲ ҶТ. – Х.1595. – Р.1. – П.1. – В.1-15.

**б) Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:**

43. Қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон дар бораи ҳолат ва чораҳои беҳтар кардани роҳҳои автомобилгард ва хизмати нақлиёти пассаржиркашонӣ ба аҳолии республика // Комсомоли Тоҷикистон. - 1978. - 21 июл.

44. Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 2 июли с.1927 «Оиди эълони кор дар сохтмони роҳҳо дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон». // Бедории тоҷик.-1928. - 25 июн.

45. Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 19 феврали с.1932 «Оиди нақшаи сохтмони роҳҳо дар соли 1932». // Комунисти Таджикистана. – 1932 – 28 феврал.

46. Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 19 феврали с.1932 «Оиди нақшаи сохтмони роҳҳо дар соли 1932». // Пятилетний план дорожного строительства в Таджикистоне // Дорога и автомобиль – 1930. - № 8-11. - с.10

47. Қарори съезди XIX ПК Тоҷикистон дар бораи лоиҳаи КМ ҲКИШ ба съезди XXVI партия «Роҳҳои асосии тараққиёти иқтисодӣ ва сотсиалистии СССР дар солҳои 1981-1985 ва дар давраи то соли 1990». // Роҳи Ленинӣ.- 1981. - 31январ.

48. Постановление Совнаркома Таджикской ССР и ЦК КП(б) Таджикистана от 5 августа 1931 г. «О дорожном строительстве и местном транспорте». // Комунист Таджикистана .- 1931.- 28 август.

49. XVI съезд ВКП (б). Стенограф. отчет. – М., 1930. – С.129-130.

Монография, дастурҳо ва васоити таълимӣ:

50. Антоненко Б., Шарипов Я. Компартия Таджикистана в период наступления социализма по всему фронту. [Текст] / Б. Антоненко., Я. Шарипов. – Душанбе, 1963. – С.34.

51. Бекматов М. Министерство строительства и эксплутации автомобильных дорог Таджикской ССР.[Текст] / М. Бекматов. – Душанбе, 1946.

52. Бронштейн Я.Т., Заманов А.Н. Развитие транспорта Таджикистана в девятой пятилетке. [Текст] / Я. Бронштейн., А. Заманов. – Душанбе, 1972. – С.10-24.

53. Бронштейн Я.Т., Замонов А.Н. Тараққиёти нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ. [Текст] / Я. Бронштейн., А. Заманов. – Душанбе, 1969. – 36 с.

54. Бутлицкий Ю.В., Каримов Б.Б. Автомобильные дороги Таджикистана. [Текст] / Ю.Бутлицкий., Б.Каримов – Душанбе: Ирфон, 1989. – 229 с.

55. Гусейнов Д. О дорожном строительстве и местном транспорте. Постановление Совнаркома Таджикской ССР и ЦК КП(б) Таджикистана от 5 августа 1931 г. [Текст] / Д. Гусейнов // Коммунист Таджикистана. – 1931. – 15 авг.

56. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофияи таърихӣ). [Текст] / Ғ. Ғоибов – Душанбе, 1996. – 907 с.

57. Дусматов Д. Работники автотранспорта в борьбе за новый расцвет хозяйства и культуры Таджикистана. [Текст] Д. Дусматов – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1951. – 26 с.

58. Заманов А.Н Транспорт Таджикистана. [Текст] / А. Заманов – Душанбе: Ирфон, 1964. – 107 с.

59. Заманов А.Н. Транспорт Таджикистана и его развитие в девятой пятилетке. [Текст] / А. Заманов – Душанбе, 1972.

60. Заманов А.Н. Вопросы эксплуатации и строительства автомобильных дорог в Таджикистане. [Текст] / А. Заманов – Душанбе, 1971. – 27 с.

61. Из истории индустриализации Таджикской ССР. Т. 1. [Текст] / – Душанбе, 1972, С. 49.

62. Иркаев М., Николаев Ю., Шарапов Я. Очерки истории Советского Таджикистана (1917-1957). [Текст] / М. Иркаев., Ю. Николаев., Я. Шарапов. – Сталинабад, 1957. – 503 с.

63. Исмоилов А. Нақлиёт ва роҳҳои кишвари кӯҳӣ. [Текст] / А. Исмоилов. – Душанбе, 1974.

64. Исмоилов А. Нақлиёти Тоҷикистон. [Текст] / А. Исмоилов. – Душанбе, 1962.

65. Исмоилов А., Суцепин. А.В. Нақлиёт ва роҳҳои кишвари кӯҳӣ. [Текст] / А. Исмоилов. А. Суцепин. – Душанбе, 1974. – 53 с.

66. История таджикского народа. Новейшая история (1917-1941 гг.). Т.V. [Текст] / – Душанбе, 2004. – 752 с.

67. История таджикского народа. (Новейшая история). Т.VI. [Текст] / – Душанбе: [История транспорта и профессионального союза работников транспорта Республики Таджикистан. [Текст] / – Душанбе, 2008. – С.17.

68. Каримов Б.Б. Дороги: связь времен. [Текст] / Б. Каримов .– М.,1998. – 268 с.

69. Каримов Б.Б. Дорожное хозяйство Таджикистана. Пути совершенствования. [Текст] / Б. Каримов. – М., 1993. – 327 с.

70. Кахоров А. Таджикская ССР. [Текст] / А. Кахоров. – М., 1961. – С.14.

71. Марсаков К. Тараққиёти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар солҳои панҷсолаи дуюм // Маҷмӯи мақолаҳо “Материалҳо доир ба таърихи халқи тоҷик дар давраи советӣ”. [Текст] / К. Марсаков – Сталинобод: Нашри давлатии тоҷик, 1957. – С.281.

72. Назруллаев С. Дорожное строительство и развитие транспорта в Таджикистане в 1917-1941 гг. [Текст] / С. Назруллаев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 167с.

73. Назруллаев С. Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917-2013 гг.). [Текст] / С. Назруллаев. – Душанбе, 2013. – 107 с.

74. Назруллаев С. Таджикистан: выход из коммуникационной изоляции. [Текст] / С. Назруллаев. – Душанбе, 2011.

75. Назруллоев С. Аз таърихи сохтмони роҳҳои Қӯрғонтеппа // Мачмуи мақолаҳо. [Матн] / С. Назруллаев. – Душанбе, 2006. – С.86-88.

76. Назруллаев С. Дорожное строительства и транспорт Таджикистана в годы III пятилетки. [Текст] / С. Назруллаев. – Душанбе, 1972.

77. Назруллоев С., Назруллоев А. Из истории транспорта и дорожного хозяйства Таджикистана (1917-2013 гг.). [Текст] / С. Назруллаев. – Душанбе: Олами дониш, 2014. -184 с.

78. Нақиб Саид. Ворисони роҳи мурод. [Матн] / Нақиб Саид – Душанбе: Ирфон, 1987. – 112 с.

79. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г. Ст. сборник. – Душанбе, 1961.

80. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1962 г. // Стат. ежегодник. – Душанбе, 1963. – 345 с.

81. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1964 г. Ст. ежегодник. – Душанбе, 1965.

82. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1965 г. Ст. ежегодник.– Душанбе, 1966.

83. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1968 г. Ст. ежегодник.– Душанбе, 1969.

84. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1989 году (Статистический сборник). – Душанбе, 1991. – 328 с.

85. 29. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1990 году (Статистический сборник). – Душанбе, 1991. – 312 с.

86. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. – Душанбе, 1964. – С.13.

87. Очерки истории народного хозяйства Таджикистана (1917-1965 гг.). – Душанбе, 1967.

88. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ. – Сталинобод, 1960. – С.89.

89. Пирумшоев Х. Город Куляб в конце XIX- начале XX вв. // Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2006. – С.21.

90. Рахмонов, Э. Таджикистан: Десять лет независимости, национального единства и созидания. [Текст] / Э. Рахмонов. - Душанбе, 2001.

91. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. [Текст] / Э. Рахмонов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - Т.1. - 480 с.

92. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. [Текст] / Э. Рахмонов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - Т.2. - 442 с.

93. Раҳматуллоев А., Мухторов С. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони советӣ. [Текст] / А. Раҳматуллоев., С. Мухторов – Душанбе, 1980. – С.170.

94. Таджикистан за годы Советской власти. Сб. статей и материалов. – Ду¬шанбе, 1967. – С.114.

95. Таджикская ССР за 20 лет. – Сталинабад, 1949. – С.82.

96. Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век. [Текст] / Г. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – С.149.

97. Шарипов С.М. История транспорта и профессионального союза работников транспорта Республики Таджикистан. [Текст] / М. Шарипов. – Душанбе, 2008. – 96 с.

98. Шарипов Я. Из истории построения фундамента социализма в Таджикистане (1929-1932 гг.). [Текст] / Я. Шарипов. – Душанбе, 1962. – С.37.

99. Шарифов А. Архитектура автомобильных дорог Республики Таджикистан (Пути совершенствования). [Текст] / А. Шарипов. – Душанбе: Граф-полиграф, 2010. – 244 с.

100. Шарифов А. Реконструктуризация дорожного хозяйства Республики Таджикистан. [Текст] / – Душанбе: Наклиёт, 2003.

101. Эркаев М. Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. [Текст] / А. Шарипов. – Душанбе, 1963. – С.270.

102. Юсупов Ш. Очерки истории Куляба в конце XIX - начале XX вв. [Текст] / А. Шарипов. – Душанбе, 1964.

Диссертатсия ва авторефератҳо:

103. Арефьев И.Н. Деятельность Компартии Таджикистана по развитию транспорта в период развертывания строительства коммунизма (1956-1965 гг.). Дисс... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. – Душанбе, 1970.

104. Гафурова Г.А. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости: 1991 - 2016 гг.: дисс. … на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. - Худжанд, 2019. - 188 с.

105. Заманов А.Н. Развитие грузового автомобильного транспорта Таджикской ССР и пути улучшения технико-экономических показателей его работы. Дисс... на соиск. учен. степ. канд экон. наук. – Душанбе, 1965.

106. Каримов, Б.Б. Пути совершенствования дорожного хозяйства Таджикистана: автореферат дисс. ... на соиск. учен. степ. док-ра техн. наук. – М., 1994. - 47 с.

107. Лугманов Б. Повышение культурно-технического уровня и трудовой активности рабочих в промышленности Таджикистана (1928-1941 гг.). Дисс. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. – Душанбе, 1967. – С.34.

108. Назруллаев С. Из истории дорожного и развитие транспорта в Таджикистане в (1917-1941 гг.) Дисс... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. – Душанбе, 1972.

109. Назруллаев С. Из истории дорожного строительства и развития транспорта в Таджикистане (1917-1941) Автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 1973. – С.19.

110. Саидов, Х. Экономико - географические особенности развития транспортного комплекса Республики Таджикистан : дис. ... канд. геог. наук. - Душанбе, 2010. - 171 с.

111. Шарипов Н.А. История развития дорожного хозяйства Кулябской области Таджикской ССР (20- 80-е гг. XX в.). Дисс…. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. – 167 с.

112. Шарифов А. Реструктуризация дорожной отрасли транспортного комплекса Республики Таджикистан : автореф. дис. ... канд. экон. наук. - Душанбе, 2003. - 24 с.

113. Юсупов Ш. История путей сообщения и транспорта Таджикистана во второй половине XIX века - начале XX века. Дисс … на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. – Душанбе, 1992.

114. Юсуфи Ш. История путей сообщения и транспорта Таджикистана во второй половине XIX века - начале XX века. Автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе. 1992. – 26 с.

Мақола ва маърузаҳо:

115. Айналов Р. Аз ғайрати роҳсозони мо // Коммунисти Ёвон. - 1971. - 7 апр.

116. Анисимов Н., Мамадризоев М. Роҳҳо, роҳҳои бахту саодат // Тоҷикистон Советӣ. - 1969. - 24 май.

117. Анисимов У. Хоҷагии роҳҳои Тоҷикистон // Коммунисти Тоҷикистон. – 1946. – 29 нояб.

118. Аз Анчуман то анчуман // Точикистони Совети. -1990 - 5 июня.

119. “Автомобильные дороги” барои солҳои 1938-1971.

120. “Автомобильный транспорт” барои солҳои 1931-1953.

121. “Блокнот агитатор” барои солҳои 1950-1958.

122. Барои нақлиёти сотсиалистӣ. – 1935. – 7 нояб.

123. Бедории тоҷик. – 1926. – 25 июл.

124. Беляев А., Ёқубов Н. Панҷсолаи самаранокӣ ва сифат // Агитатори Тоҷикистон. – 1979. – №9. – С.10.

125. Бронштейн Я.Т. Опыт ликвидации бездорожья и современная стратегия развития транспорта Таджикистана // Известия Академии наук Таджикской ССР. Серия: философия, экономика, правоведение. – 1987. – №3 (7). – С.43-49.

126. Бронштейн Я.Т., Замонов А.Н. Тараққиёти нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Советӣ. – С.7.

127. Валиев М. Аз таърихи Қӯрғонтеппа // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. – 1981. – 1 март.

128. Дорога и автомобиль. – 1933. – № 1. – С.31.

129. Ёқубов Н. Комёбию пешомадҳои нақлиёти автомобилии республика // Агитатори Тоҷикистон. – 1982. – №22 (ноябр). – С.6-9.

130. Исмоилов А. Роҳҳои асосии қишлоқ // Тоҷикистон Советӣ. - 1968. - 14 нояб.

131. Исмоилов А. Роҳҳои ҳаёт // Коммунисти Тоҷикистон. – 1974. – №10. – С.56-62.

132. Исмоилов А. Тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо! // Комсомоли Тоҷикистон. - 1964. - 16 сент.

133. Исмоилов А.И., Суцепин А.В. Нақлиёт ва роҳҳои кишвари кӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С.12.

134. Коммунист Таджикистана. – 1933. – 18 янв.

135. Коммунист Таджикистана. – 1933. – 3 сент.

136. Коммунист Таджикистана. – 1934. – 2 окт.

137. Коммунист Таджикистана. – 1935. – 1 мая.

138. Коммунист Таджикистана. – 1935. – 27 окт.

139. Коммунист Таджикистана. – 1937. – 8 сент.

140. Коммунист Таджикистана. – 1964. – 16 дек.

141. Коммунист Таджикистана. – 1967. – 9 июля.

142. Мирзоев Х. Ба сохтмони роҳи Кӯлоб - Даҳана диққати ҷиддӣ дода шавад / Ҳакикати Кӯлоб, 1941. - 30 март.

143. Муродов А. Вараке аз таърихи Кӯлоб //Роҳи Ленинӣ. 1981. 1 март.

144. Назруллоев С. Мавзуи нав ва муҳими машғулияти факултативӣ // Мактаби Советӣ. – 1970. – С.29.

145. Наимов М. Как строилась «Дорога жизни» // Мероси ниёгон (Наследие предков). – 2009. – №12. – С.69

146. Народное хозяйство Таджикской ССР в 1960 г. – Душанбе, 1961. – С.172.

147. Нурназаров М., Рауфов А. Нақлиёти Тоҷикистон дар панҷсолаи ёздаҳум // Мактаби советӣ. - 1982. - №5. - С.38-39.

148. Народное хозяйство- Средней Азии. – 1926. – №3. – С.202.

149. Общегородской митинг трудящихся Сталинабада // Коммунист Таджикистана. – 1941. – 4 июль.

150. Передовики дорожного строительства // Коммунист Таджикистана. 7 мая 1941 г.

151. Постановление ЦК КП (б) Таджикистана от 15 января 1931 года //Коммунист Таджикистана: 13 апреля

152. Пулодов Ҷ. Нақшаи рохсозӣ 171 % иҷро шуд //Ҳакикати Кӯлоб. 1941. 13 январ.

153. Правда Востока. – 1925. – 3 мая.

154. Пятилетний план дорожного строительства в Таджикистане // Дорога и автомобиль. – 1930. – №8-11. – С.10.

155. Раҳимов Ҳ., Шарифов А. Оё ба таъсиси Управления зарурат буд? // Тоҷикистони Советӣ. - 1989. - 27 июн.

156. Садулаев М. Пятилетний план восстановления народного хозяйства Таджикской ССР на 1946-1950 гг. // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 9 авг.

157. Сайдуллоев Т. Як рӯзи роҳсозон // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. - 1982. - 30 июл.

158. Свириденко А. Вопросы дорожного дела в Средней Азии // Народное хозяйство Средней Азии. – 1926. – №6-7. – С.89-90.

159. Сохтмони пуршиддати роҳҳо ва рушди нақлиёт дар солҳои 30-40-ум асри XX [Матн] / Л.Ш. Алиева // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)». – Бохтар, 2025. – С.562-573. (0,7 п.л.). ISBN 978-99985-27-28-7

160. Строительство дорог. – М., 1940. – №10. – С.30-31.

161. Советский Таджикистан. – 1930. – 7 февр.

162. Советский Таджикистан. – 1930. – 8 мая.

163. Таджикская ССР за 30 лет. – С.78.

164. Тоҷикистони советӣ. – 1966. – 18 авг.

165. Тоҷикистони советӣ. – 1974. – 26 окт.

166. Ударник Вахшстроя. – 1934. – 19 янв.

167. Усмонов И. Роҳҳои нақлиёти республика // Агитатор Таджикистана. – 1983. – №13. – С.11-14.

168. Хамидов З. Автомобильный транспорт Таджикской ССР за 40 лет // Автомобильный транспорт. – М., 1957. – №10. – С.29.

169. Ҳаракати эстафета // Агитатори Тоҷикистон. – 1975. – №1. – С.9.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИМЛӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

**[1-М].** Алиева Л.Ш. История сооружение грунтовых колесных дорог в Таджикистане [Текст] / Л.Ш. Алиева, Д.Х. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. Ч.1. – 2023. – №12.– С.42-48. (0,4 п.л.). ISSN: 2074-1847.

**[2-М].** Алиева Л.Ш. Таърихнигории сохтмони роҳҳо дар ҷануби Тоҷикистон (с. 1924-1950) [Матн] / Л.Ш. Алиева, Д.Х. Алимов // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №7. – С.71-77. (0,4 ҷ.ч.). ISSN: 2074-1847.

**[3-М].** Алиева Л.Ш. Аз таърихи сохтмони роҳҳои хокӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Л.Ш. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №9. – С.97-102. (0,35 ҷ.ч.). ISSN: 2074-1847.

**[4-М].** Алиева Л.Ш. Закономерная необходимость дорожного строительства в южных районах Таджикистана (1930-1960 гг.) [Текст] / Л.Ш. Алиева // Вестник университета (ТГПУ им. С. Айни). – 2023. – №12. – С.21-26. (0,35 п.л.). ISSN: 2219-5408.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[5-М].** Алиева Л.Ш. Заруурияти омӯзиши таърихи сохтмони роҳҳо дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон (с. 1930-1950) [Матн] / Л.Ш. Алиева // Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалии “Хонишҳои VI – уми Артуч” бахшида ба “Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир”, 4-6 июли соли 2024 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Ҷилди I. – С.109-116. (0,5 п.л.), **ББК-87.889.7**

**[6-М].** Алиева Л.Ш. Вклад специалистов Российской Федерации в сооружение грунтовых колесных дорог в Таджикистане [Текст] / Л.Ш. Алиева // Материалы VIII Международной научно-практической конференции «Россия, Сибирь и Центральная Азия: взаимодействие народов и культур» и круглого стола с международным участием «Страны Центральной Азии в системе региональных и международных отношений в XIX и XXI вв.». – Барнаул: АлтГПУ, 2024. – С.19-28. (0,6 п.л.). **ББК 63.3+63.529(253)+63.3(5), УДК 94+94(571)+94(51)**

**[7-М].** Алиева Л.Ш. Сохтмони пуршиддати роҳҳо ва рушди нақлиёт дар солҳои 30-40-ум асри XX [Матн] / Л.Ш. Алиева // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)». – Бохтар, 2025. – С.562-573. (0,7 п.л.). **ISBN 978-99985-27-28-7**